Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Зафаробод (даъвати IV)

# ҚАРОР

---

аз 17 августи соли 2011 №104 ш.Зафаробод

Дар бораи «Барномаи рушди иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи шашуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (даъвати IV)

## ҚАРОР КАРД:

1. Барномаи рушди иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015» тасдиқ карда шавад (Замима карда мешавад).

Раиси Маҷлис Ҳ.Боиров

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома дар доираи «Барномаи рушди деҳот», ки аз ҷониби БРСММ, Агентии ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ карда мешавад, таҳия шудааст.

*Арзиши умумии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод*
*барои солҳои 2011-2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ дар солҳои 2011-2015, (ҳазор сомонӣ) | с.2011 | с.2012 | с.2013 | с.2014 | с.2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| I. Бахши иқтисодӣ: | 42582 | 4200 | 4460 | 8030 | 11790 | 14102 |
| Саноат | 2640,0 | 2250,0 | 0,0 | 0,0 | 90,0 | 300,0 |
| Соҳибкории хурду миёна | 4700 | - | - | 1500 | 1700 | 1500 |
| Кишоварзӣ | 35242,0 | 1950,0 | 4460,0 | 6530,0 | 10000,0 | 12302,0 |
| II. Бахши инфрасохтор | 29609,5 | 854,2 | 4179,6 | 6426,2 | 9222,0 | 8927,5 |
| Обтаъминкунӣ | 16225,3 | 109,3 | 2512,2 | 3918,8 | 4119,0 | 5566,0 |
| Хизматрасонии рифоҳӣ ва барқтаъминкунӣ | 6085,8 | 493,5 | 1055,8 | 1013,0 | 1483,5 | 2040,0 |
| Нақлиёту алоқа | 7298,4 | 251,4 | 611,6 | 1494,4 | 3619,5 | 1321,5 |
| III. Бахши иҷтимоӣ | 8420,7 | 97,3 | 843,1 | 1482,3 | 3211,1 | 2787,0 |
| Тандурустӣ | 3156,4 | 11,3 | 105,2 | 614,3 | 1732,4 | 693,3 |
| Маориф | 3960,4 | 81,0 | 482,5 | 503,5 | 1151,7 | 1741,8 |
| Фарҳанг ва истироҳат | 1303,9 | 5,0 | 255,4 | 364,5 | 327,0 | 352,0 |
| IV. Бахши экологӣ | 4689,0 | 450,0 | 643,5 | 643,5 | 1363,5 | 1588,5 |
| Ҳолатҳои фавқуллода | 40 | - | - | 20 | 20 | - |
| Блоки идоракунӣ | 758 | 75 | 140 | 221 | 191 | 131 |
| Ҳамагӣ арзиши умумии БРН Зафаробод | 86099,2 | 5676,5 | 10266,2 | 16823 | 25797,6 | 27536 |
| Буҷети маҳаллӣ | 11057,1 | 694,8 | 1837,4 | 2021,9 | 3355,4 | 3142,8 |
| Буҷети вилоятӣ | 2612,5 | 250 | 500 | 554 | 558,5 | 750 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 6193,4 | 113,9 | 413,1 | 1232,9 | 3556 | 877,5 |
| Сармояи хориҷӣ | 4623,5 | 170,5 | 750,5 | 935 | 1168 | 1599,5 |
| Маблағҳои соҳибкорон, аҳолӣ, муассисаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ | 24054,6 | 3748,1 | 2977,3 | 4956,3 | 5854,8 | 6518,3 |
| Норасогии маблағ | 37558,1 | 699,2 | 3787,9 | 7122,9 | 11304,9 | 14647,9 |

## Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳияи Зафаробод

Азхудкунии заминҳои Мирзочӯл дар саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик авроқи нав кушод. Дар зарфи камтар аз ним аср, дар чӯлу биёбони лабташнаи синабирён, ноҳияи озода ва шукуфоне қомат афрохт, ки бо чунин суръат ва шуҷоат амалӣ намудани ин қадар созандагию бунёдкориҳо дар ин сарзамин ба назари кас мӯъҷизае ҳайратовар менамояд ва корнамоиҳои насли калонсол имрӯзиёнро ба худ мафтун месозад. Ҳамаи ин созандагию бунёдкорӣ ва диловариҳои фотеҳони Мирзочӯли тоҷик, лоиқи таҳсину қадршиносӣ ва мактаби бузурги тарбияи наслҳои имрӯзу фардо мебошад.

Давоми солҳои азхудкунӣ (1959-1991) ба андозаи зиёда аз 400 миллион сӯм маблағгузориҳо дар соҳаи сохтмон азхуд карда шуда, бештар аз 478 ҳазор метри мурабба манзилгоҳҳо ва дигар иншоотҳои таъиноти истеҳсолӣ ва фарҳангию маишӣ сохта ба истифода дода шуданд. Зиёда аз 36 ҳазор гектар заминҳо азхуд гардиданд, 8 шаҳракҳои замонавии дорои ҳамаи шароити зиндагӣ, 18 деҳаҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин, ки онҳоро 5 ҷамоатҳои шаҳраку деҳот муттаҳид месозанд, 580 километр хатҳои коллекторӣ-дренажӣ, 213 километр шабакаи обёрии байни хоҷагӣ, 673 километр шабакаҳои дохили хоҷагӣ, садҳо километр роҳҳои автомобилгард, зиёда аз 300 километр хатҳои барқ ва 205 километр хатҳои гази табиӣ, сохта ба истифода дода шуданд.

Давоми 20 соли аввали мавҷудияти ноҳия, тамоми хароҷотҳое, ки барои бунёди он масраф гардида буд, пӯшонида шуда, соҳаи асосии он-кишоварзӣ ба соҳаи сердаромад табдил ёфт. Аз оғози азхудкунии заминҳои навкорам то имрӯз, деҳқонони ноҳия бештар аз 1 миллиону 350 ҳазор тонна пахта, 150 ҳазор тонна сабзавот, 420 ҳазор тонна полезӣ, 88 ҳазор тонна гӯшт ва 149 ҳазор тонна шир истеҳсол намуданд. Давоми солҳои азхудкунӣ ва истиқлолияти давлатӣ, бахри рушду нумӯи соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг корҳои назаррасе ба сомон расонида шудаанд. Феълан дар 4 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, 25 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 литсей ва 1 гимназия 13100 нафар хонандагон ва дар 3 муассисаҳои томактабӣ 570 нафар фарзандони мардуми ноҳия таълиму тарбия мегиранд.

Дар шахрак ва деҳоти ноҳия 9 адад қасрҳои фарҳангии замонавии ҳар яке дорои 400-600 ҷои нишаст, 14 адад китобхонаҳо бо фонди умумии 110,8 ҳазор нусха адабиёти гуногун ва 1 мактаби мусиқӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Ҳамаи ин дастовардҳои азим ба шарофати ғамхорҳои доимии ҳукумати кишвар ва меҳнати ҷонфидоёнаи фотеҳони Мирзочӯл муяссар гардид.

Бояд тазаккур дод, ки пас аз пошхӯрии давлати абарқудрати Шӯравӣ ва гусаста шудани робитаҳои иқтисодӣ, бисёр арзишҳо мафҳуми нав пайдо карда, соҳаҳои хоҷагии халқ ба таҳдид мувоҷеҳ гаштанд. Минбаъд хоҷагиҳои калони пахтакорӣ, ки аз тарафи давлат маблағгузорӣ карда мешуданд, бо услуб ва қолабҳои кӯҳна фаъолият бурда наметавонистанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо дар байни солҳои навадум истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта тадриҷан паст гардида, соли 1996 хоҷагиҳои ноҳия ҳамагӣ 8500 тонна пахта истеҳсол намуданд. Ҳаёт ва воқеият боисрор тақозо менамуд, ки бояд дар соҳа ислоҳоти ногузире ба амал ояд ва 25 июни соли 1996 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №522 «Дар бораи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ» ба нашр расид. Дар Зафаробод деҳқонони номӣ ва асил ин ҳуҷҷати муҳимро интизор буданд ва табиист, ки дар ҷумҳурӣ ва вилоят нахустин шуда, ба ислоҳот шурӯъ намуданд.

Аз соли 1996 сар карда, дар ноҳия ташкилёбии хоҷагиҳои кооперативии истеҳсолӣ ва деҳқонӣ авҷ гирифт. Деҳқонони шарафманди ноҳияи Зафаробод дар вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ яке аз нахустинҳо шуда, мутобиқи Фармони Президенти кишвар ислоҳоти соҳаро оғоз намуданд. Соли аввал 3 хоҷагии ҷамоавӣ: «Дон» ва «Наврӯз» дар ҷамоати шаҳраки Ҳамид Алиев, «Бахт» дар ҷамоати шаҳраки Зафаробод, «Сурхоб» дар ҷамоати шаҳраки Меҳнатобод ба тариқи таҷриба ба фаъолият оғоз намуда, худи ҳамон сол афзалияти шаклҳои нави хоҷагидориро дар муқоиса бо хоҷагиҳои калонҳаҷми давлатӣ нишон доданд. Агар хоҷагиҳои давлатӣ дар охири сол ба ҳосилнокии 13-16 сентнер пахта ноил гардида бошанд, ҳосилнокии пахта дар хоҷагиҳои кишоварзии «Дон» - 35,2,

«Бахт» -32,4, «Сурхоб» 34,9 ва «Наврӯз» 32,8 сентнерро ташкил намуд, ки ҳатто солҳои шӯравӣ, ҷомеаҳои меҳнатии ин хоҷагиҳои ҷамоавӣ, ки ба сифати бригадаҳои пахтакорӣ фаъолият доштанд, ин миқдор пахта истеҳсол накарда буданд.

Ба манфиати истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ – деҳқон равона будани ислоҳоти соҳаро аҳли заҳмат хеле зуд дарк карданд ва аз соли 1997 сар карда, дар ноҳия ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ авҷ гирифт. Дар ҳар хоҷагии давлатии ба ислоҳот фарогирифташуда, саҳми коргарону хизматчиён муайян карда шуданд. Ба хоҷагиҳои навташкил мувофиқи саҳми аъзоёнашон замин, техника, бошишгоҳҳо, иншоотҳои обрасон ва дигар воситаҳои асосӣ одилона тақсим карда шуданд, ки ба фаъолияти босамари онҳо мусоидат намуд. Ҳар соли минбаъда афзалияти пурраи хоҷагиҳои ҷамоавию деҳқонӣ нисбати хоҷагиҳои амалкунандаи давлатӣ дар истеҳсоли маҳсулот ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ амиқтар аён мегардид ва шумораи онҳо меафзуд. Дар натиҷа деҳқонони ноҳия соли 2003 - 28120 тонна, соли 2004 -29820 тонна ва соли 2005 -30039 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки нисбати солҳои қабл аз ислоҳот беш аз дуюним маротиба зиёд буд. Солҳои минбаъда низ фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонию ҷамоавӣ равнақ ёфтанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи ин солҳо, даҳҳо хоҷагиҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳками ҷамоавию деҳқонӣ ташаккул ёфтанд, ки бо шаклу усулҳои нави меҳнат, ҳосили фаровони зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳия ва вилоят, ҳамчун мактаби таҷрибаи пешқадами кишоварзӣ эътироф гардидаанд.

Таҳлилу омӯзиши вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия нишон медиҳад, ки афзоиши босуръати нуфуси аҳолӣ ба чашм расида, ҳолати феълии иҷтимоӣ, андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд. Ҳамзамон дар соҳаи кишоварзӣ - бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, фарсудагии шабакаҳои ирригатсионӣ, нокифоягии заҳрхимикатҳо, нокифоягии техникаҳои кишоварзӣ, дар соҳаи маориф – норасогии техникаи компютерӣ ва пайваст набудани онҳо ба шабакаи Интернет, дар сохтори тандурустӣ - суст будани заминаи моддию техникии муассисаҳои табобатӣ ва корношоям шудани таҷҳизоти ташхисию тиббӣ, норасоии таҷҳизоти замонавии ташхисию табобатӣ, баланд шудани сатҳи паҳншавии касалиҳои сироятӣ, ҳодисаҳои фавти модару кӯдак, иштироки маҳдуди бахши хусусӣ дар самти тарбияи ҷавонон - набудани марказҳои ҷавонон ва комплексҳои варзишӣ дар деҳот, бекорӣ дар байни ҷавонон ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо, дар соҳаи обтаъминкунӣ - норасоии оби нӯшокӣ, кӯҳнашавиии таҷҳизоти пойгоҳҳо ва фарсудагии қубурҳои интиқоли обу ташноб ва техникаву нақлиёти муассисаҳои обтаъминкунӣ, аз ҷумлаи проблемаҳои муҳиму ҳалталаби иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

Татбиқ ва таҳкими усулҳои нисбатан самарабахши паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таҳияи барномаҳои рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ва татбиқи амалии онҳо, истифодаи имкониятҳои низоми институтсионалӣ бо мақсади муттаҳид намудан ва ҳамоҳангсозии иқдомоти мақомоти давлатӣ, сармоягузорони ватаниву хориҷӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар атрофи масъалаҳои ҳалталаб, мақсади барномаи рушди ноҳияи Зафаробод буда, барои куллан паст кардани сатҳи камбизоатӣ, низоми мураттаби фаъолият, сафарбар намудани иқтидору имкониятҳои мавҷуда бобати рушди устувори иқтисодиёту таъмини амнияти иқтисодӣ ва ободонии диёр заминаи мусоид гузошта метавонад.

Худи ман аз таҳияи «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2011-2015» сарфароз буда, тамоми кӯшишу ғайрати худ ва ҳамчунин кормандони мақомоти ноҳияро барои расидан ба ҳадафҳои Барнома равона менамоям. Инчунин, ҳамаи сохторҳои ноҳиявӣ, иҷроиш ва амалӣ гардидани ин Барномаро дастгирӣ менамоянд.

Чуноне, ки аз Барномаи рушди ноҳия бармеояд, барои амалӣ гардидани он, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Роҳбарияти ноҳия ба ҳалли ҳамаи ин мушкилотҳо чораҳои заруриро андешида, барои амалӣ намудани Барнома саҳми худро мегузорад.

Баробари ин, аз ҳамаи ташкилоту созмонҳои дохиливу хориҷӣ хоҳиш менамоям, ки барои дар амал тадбиқ намудани Барномаи мазкур саҳмгузорӣ намоянд.

Ман ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, ки дар таҳияи «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015» саҳми назаррас гузошта, ба гурӯҳи кории ноҳиявӣ кӯмаки машваратӣ расониданд ва бо ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, марказҳои дастгирии ҷамоатҳо ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия ҳамкорӣ намуда, ин Барномаро тарҳрезӣ кардаанд, эҳтиромона арзи сипос менамоям. Ҳамчунин ба ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи ин Барномаи муҳим ва бомаврид саҳми худро гузоштаанд, миннатдории худро иброз менамоям.

**Ба диққататон ташаккур!**

# *Мундарица*


***Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳия*** **...... 5**
***Истилоҳоти ихтисоршуда*** **...... 9**
***Пешгуфтор*** **...... 10**

***Боби 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии ноҳияи Зафаробод*** ...... *11*
*1.1 Сохти маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия* ...... *11*
*1.2 Шарҳи таърихию фарҳангӣ* ...... *11*
*1.3 Шароитҳои табиӣ ва иқлим* ...... *13*
*1.4 Вазъи демографӣ* ...... *14*
*1.5 Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ноҳия* ...... *16*
*1.6 Ояндабинии ноҳияи Зафаробод ва SWOT- таҳлил* ...... *17*

***Боби 2. Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегияи соҳаҳо*** ...... *18*
*2.1 Иқтисодиёт* ...... *18*
*2.1.1 Саноат* ...... *18*
*2.1.2 Соҳибкории хурду миёна* ...... *24*
*2.1.3 Кишоварзӣ* ...... *28*
*2.1.4 Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисод* ...... *42*

***Боби 3. Соҳаҳои иҷтимоӣ*** **...... 46**
*3.1 Тандурустӣ* ...... *46*
*3.2 Маориф* ...... *51*
*3.3 Ҳифзи иҷтимоӣ* ...... *59*
*3.4 Фарҳанг ва фарогат* ...... *63*
*3.5 Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ* ...... *67*

***Боби 4. Инфрасохтор*** **...... 72**
*4.1 Обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои рифоҳӣ* ...... *72*
*4.2 Хоҷагии манзилию коммуналӣ* ...... *75*
*4.3 Нақлиёт ва коммуникатсия* ...... *80*
*4.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор* ...... *83*

***Боби 5. Ҳифзи муҳити зист ва ҲФ*** **...... 90**
*5.1. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҲФ* ...... *94*

***Боби 6. Таъминоти захиравӣ*** **...... 95**

***Боби 7. Мониторинг ва арзёбӣ*** **...... 99**

# Рӯихати ихтисорот

| | |
|---|---|
| *ВРИС* | *Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *МИМҲД* | *Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ* |
| *DFID* | *Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ* |
| *GIZ* | *Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ* |
| *БРСММ* | *Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид* |
| *БРН* | *Барномаи Рушди Ноҳия* |
| *ГТ* | *Гурӯҳи ташаббускор* |
| *ГК* | *Гурӯҳи корӣ* |
| *КАТС* | *Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ* |
| *КДФОК* | *Корхонаи давлатии фаръии обу корезӣ* |
| *КВДИОН* | *Корхонаи воҳидии давлатии интиқоли оби нӯшокӣ* |
| *МваА* | *Мониторинг ва арзёбӣ* |
| *НРҶ* | *Нақшаи Рушди Ҷамоат* |
| *НОБ* | *Нерӯгоҳи обии барқӣ* |
| *НМваА* | *Низоми мониторинг ва арзёбӣ* |
| *ММД* | *Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ* |
| *МДҶ* | *Маркази дастгирии ҷамоат* |
| *ОКТ* | *Омӯзишгоҳи касбӣ - техникӣ* |
| *ПСМ* | *Партовҳои сахти маишӣ* |
| *СМР* | *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015* |
| *СПКСК* | *Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012* |
| *СХМ* | *Соҳибкории хурду миёна* |
| *СШН* | *Сирояти шадиди роҳи нафас* |
| *ТҒД* | *Ташкилотҳои ғайридавлатӣ* |
| *ҲРҲ* | *Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола* |
| *ШРН* | *Шӯрои рушди ноҳия* |
| *ҶСП* | *Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида* |
| *ҶС* | *Ҷамъияти саҳҳомӣ* |

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015 (баъдан Барнома) тибқи «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи Барномаи рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз қабили "Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола", «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012», барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ тартиб додаст, таҳрезӣ гардидааст.

Барнома аз тарафи гурӯҳи кории ноҳияи Зафаробод, дар ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ таҳия шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома - баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар натиҷаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъол ва устувори ноҳия аст. Ба он метавон, тавассути дар амал татбиқ намудани самтҳои афзалиятнок ва тақвият бахшидани раванди рушди ҳамаи соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия ноил гашт.

«*Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015"* 111 лоиҳаи афзалиятнокро дар бар мегирад, ки аз он 81 лоиҳа ба маблағи умумии 43 млн. сомонӣ, манбаи маблағгузориашон муайян буда, 30 лоиҳаи боқимонда ба маблағи умумии 38,3 млн. сомонӣ, манбаи маблағгузориаш номуайян мебошад.

Ҷиҳати дарёфти воситаҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян, чорабиниҳои фондрейзинг (дарёфти маблағ) гузаронидан лозим мешавад.

Аз шумораи умумии лоиҳаҳои афзалиятноки ба Барномаи мазкур дохилгардида 23 адади он ба маблағи умумии 38,6 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодиёт, 38 лоиҳа бо маблағи умумии 29,6 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 46 лоиҳа бо маблағи умумии 8,4 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоиёт ва 4 лоиҳа ба маблағи умумии 4,7 млн сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда тааллуқ дорад.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕЪИИ НОҲИЯИ ЗАФАРОБОД

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Зафаробод дар қисмати шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, аз шимол бо ноҳияи Хавоси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷануб бо ноҳияи Янгиободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ғарб бо ноҳияи Зомини Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз шарқ бо ноҳияҳои Спитамен ва Ғончии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бекободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати ноҳия 441 километри мураббаъ буда, мутаносибан 1,69 фоизи масоҳати вилояти Суғдро ишғол менамояд. Шумораи аҳолии ноҳия, ба санаи 1-уми январи соли 2011-ӯм 60241 нафарро ташкил додааст. Зичии миёнаи ҷойгиршавии аҳолӣ дар ноҳияи Зафаробод дар 1 километри мураббаъ 119,6 нафар мебошад.

Аҳолии ноҳияро асосан намояндагони миллатҳои тоҷик ва ӯзбек ташкил намуда, намояндагони дигар миллатҳо низ дар он сукунат доранд.

Ноҳия аз 5 ҷамоат иборат мебошад:

1. Ҷамоати А.Ҷомӣ.
2. Ҷамоати деҳоти Меҳнатобод.
3. Ҷамоати деҳоти Зафаробод.
4. Ҷамоати деҳоти Ҳ.Алиев.
5. Ҷамоати деҳоти Равшан.

*Расми 1. Харитаи ноҳияи Зафаробод.*




## 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

Ноҳияи Зафаробод бо маркази маъмуриаш шаҳраки Зафаробод, бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1965 таъсис дода шудааст. Қабл аз он, бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 23 апрели соли 1959, як қисми биёбони Мирзочӯл ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо майдони 50,5 ҳазор гектар дода шуд ва 1 июни ҳамон сол бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи қабули 50,5 ҳазор гектар (дар асл 44 ҳазор гектар) биёбони Мирзочӯл қарори дахлдор қабул гардид ва мавзеи мазкур ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуд.

Давоми солҳои азхудкунии Мирзочӯл (соҳои 1959-1991) бештар аз 478 ҳазор метри мураббаъ манзилгоҳҳо ва дигар иншоотҳои таъиноти истеҳсолӣ ва фарҳангию маишӣ сохта ба истифода дода шуданд. Зиёда аз 36 ҳазор гектар заминҳо азхуд гардиданд, 8 шаҳракҳои замонавии дорои ҳамаи шароити зиндагӣ, 18 деҳаҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин, ки онҳоро 5 ҷамоатҳои шаҳраку деҳот муттаҳид месозанд, 580 километр хатҳои коллекторӣ-дренаҷӣ, 213 километр шабакаҳои обёрии байни хоҷагӣ, 673

километр шабакаҳои дохили хоҷагӣ, садҳо километр роҳҳои автомобилгард, зиёда аз 300 километр хатҳои барқ ва 205 километр хатҳои гази табиӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Ибтидои солҳои панҷоҳуми қарни гузашта, давлати абарқудрати Шӯравӣ ба мақсади таъмини корхонаҳои саноати сабуки мамлакат бо ашёи хоми пурқиммат – пахта, барномаи доманадори азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Мирзочӯлро оғоз намуд. Қабл аз ҳама, ҳалли проблемаи бо оби полезӣ таъмин намудани ин дашти фароҳдоман дар миён меистод. Олимону мутахассисони варзида, сохтмони обанборро дар рӯдхонаи дарёи Сир, аз ҳисоби заминҳои ноҳияҳои Хуҷанду Конибодоми вилояти ҳамонвақтаи Ленинобод, мувофиқ донистанд. Миёнаҳои солҳои панҷоҳуми қарни гузашта, обанбори Қайроққум бо масоҳати 513 километри мураббаъ ва бо ғунҷоиши захираи оби солонаи – 4,2 километри мукааб сохта, барои обёрӣ намудани 300 ҳазор гектар заминҳои поёноби Ҷумҳуриҳои Ўзбекистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон, ба истифода дода шуд. Ба хотири азхудкунии даштҳои ташналаб, ҳазорҳо гектар заминҳои ҳосилхези ноҳияҳои зикргардида зери об монданд. Замини ҷудокардаи ҷумҳурии ҳамсоя ин талафотро каме ҳам бошад, ҷуброн намуд.

Имрӯз ҳангоми ба забон овардани номи Зафаробод, қабл аз ҳама дар тафаккури мардум як порчаи гулгулшукуфони кишвари Тоҷикистони азизамон, як саҳнаи ҷасоратҳо ва қаҳрамонии миллати тоҷик пайдо мегардад.

Дар мизони ақл намеғунҷад, ки дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ, бо дастони мӯъҷизакори Ҳазрати Инсон, дар маконе, ки ғайр аз хори мағелону буттаи явшон чизе дигар намерӯид, ин гуна ободкорию бунёдкориҳо имконпазир гашта аст.

Дар ҳақиқат наслҳои калонсол-азхудкунандагони Мирзочӯли тоҷик бар ивази меҳнати қаҳрамонона, ватандӯстона, олиҳимматона ва ранҷу заҳматҳои азим, ноҳияе бунёд кардаанд, ки имрӯз фахри тоҷикистониён мебошад.

Дар муддати 30 соли аввал, ки таҳкурсии ноҳияи нав асосан гузошта шуда буд, дар ҷумҳурӣ минтақае арзи ҳастӣ намуд, ки ҳамчун ноҳияи ояндадори пахтакорӣ, дорои техника ва технологияи пешқадами коркард ва парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва собиқ шӯравӣ овозадор гардид.

Тайи солҳои фатҳи Мирзочӯл, дар дашти синабирён, пойгоҳҳои обкашии муқтадире, ки дар як сония 48 метри мукааб обро ба баландии 170 метр мекашанд, бунёд шуданд, ки дар ҷаҳони муосир ҳамто надоштанд. Дар як вақт, инчунин сохтмони каналҳои мӯҳташам бо арзи умумии беш аз 150 километр анҷом ёфтанд, азхудкунии заминҳои нопайдоканор, бунёди роҳҳо, хатҳои барқ, алоқа, сохтмони шаҳраку деҳаҳо бо манзилгоҳҳои замонавӣ, ташкил намудани хоҷагиҳои калони пахтакорӣ, фермаҳои чорводорӣ, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, тандурустӣ, маишӣ, савдо ва ғайра бо суръат ва сифати баланд анҷом меёфтанд.

Имрӯз бо гузашти айём қаҳрамонӣ ва диловариҳои насли калонсоли фотеҳони Мирзочӯли тоҷикро, ки дар як ҷои холӣ, биёбони беоб, иқлими сӯзону бодҳои самум, дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ноҳияи хушманзара, ободу файзбор ва ба номаш муносиби Зафарободро бунёд кардаанд, беихтиёр ёдовар шуда, ба қаҳрамониҳои бобоёну падарон аҳсан мехонем.

Ватан корнамоиҳои фотеҳони Мирзочӯли тоҷикро ба таври ҳаққонӣ қадр намуд. Бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1965 ноҳияи навбунёди Зафаробод бо маркази маъмуриаш шаҳраки Зафаробод таъсис дода шуд.

Ба санаи 1 январи соли 2011 дар ноҳия 5 ҷамоат, аз ҷумла 3 ҷамоати шаҳрак ва 2 ҷамоати деҳа фаъолият доранд.

Давоми 20 соли аввали мавҷудияти ноҳия тамоми хароҷотҳое, ки барои бунёди он масраф гардида буд, пӯшонида шуда, соҳаи асосии он-кишоварзӣ ба соҳаи сердаромад табдил ёфт. Аз оғози азхудкунии заминҳои навкорам то имрӯз деҳқонони ноҳия бештар аз 1 миллиону 350 ҳазор тонна пахта, 150 ҳазор тонна сабзавот, 420 ҳазор тонна полезӣ, 88 ҳазор тонна гӯшт, 149 ҳазор тонна шир истеҳсол намуданд.

Аз соли 1997 совхозу хоҷагиҳои давлатии ноҳия тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ» ба таҷдидшавӣ оғоз

намуданд. Дар ноҳия ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ авҷ гирифт. Дар ҳар хоҷагии давлатии ба ислоҳот фарогирифташуда саҳми коргарону хизматчиён муайян карда шуданд. Ба хоҷагиҳои навташкил мувофиқи саҳми аъзоёнашон замин, техника, бошишгоҳҳо, иншоотҳои обрасон ва дигар воситаҳои асосӣ одилона тақсим карда шуданд, ки ба фаъолияти босамари онҳо мусоидат намуд. Ҳар соли минбаъда афзалияти пурраи хоҷагиҳои ҷамоавию деҳқонӣ нисбати хоҷагиҳои амалкунандаи давлатӣ дар истеҳсоли маҳсулот ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ амиқтар аён мегардид ва шумораи онҳо меафзуд. Дар натиҷа деҳқонони ноҳия соли 2003 -28120 тонна, соли 2004 -29820 тонна ва соли 2005 -30039 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки нисбати солҳои қабл аз ислоҳот беш аз дуюним маротиба зиёд буд. Солҳои минбаъда низ фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонию ҷамоавӣ равнақ ёфтанд.

Бояд қайд намуд, ки пеш аз аз таҷдид дар ноҳия 10 адад хоҷагиҳои давлатӣ фаъолият менамуданд, ки онҳо ба кишту кори зиёда аз 30 ҳазор гектар замин машғул буданд. Айни ҳол бошад, ин миқдор замин ба 2243 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим карда шудааст.

Ба 1 январи соли 2011 масоҳати умумии заминҳои кишоварзии ноҳия 35806 гектарро ташкил менамояд, ки аз он заминҳои корам 31068 га (86,7%), аз ҷумла 30697 га (85,7%) заминҳои корами обӣ, дарахтони бисёрсола 642 га (1,8 %), чарогоҳ 732 га (2,0 %) ва майдони заминҳои боир 1133 га (3,2 %) мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тайи ин солҳо даҳҳо хоҷагиҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳками ҷамоавию деҳқонӣ ташаккул ёфтанд, ки бо шаклу усулҳои нави меҳнат, ҳосили фаровони зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳия ва вилоят ҳамчун мактаби таҷрибаи пешқадами кишоварзӣ эътироф гардидаанд.

Дар маҷмӯъ амалӣ гардонидани ислоҳот ба минбаъд ташаккул ва рушд ёфтани соҳа, ба истифодаи самараноки замин мусоидат намуда, ба тарбияи кишоварзони насли нав, ки фаъолият ва тафаккурашон ҷавобгӯи иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад, роҳ кушод.

Соҳибистиқлолии кишвар ба рушди саноати ноҳия асос гузошт. Солҳои қаблӣ, соҳаи саноат ба маънои томаш дар ноҳия вуҷуд надошт. Тӯли солҳои 2001-2010-ум, дар минтақаҳои гуногуни ноҳия 6 заводи пахтатозакунӣ, 6 заводи равғанбарорӣ, 1 адад фабрикаи нассоҷӣ сохта ба истифода дода шуданд, ки аз як тараф ба коркарди ашёи хоми истеҳсоли худӣ мусоидат намуда бошад, аз тарафи дигар барои ғанӣ гардонидани буҷети ноҳия кӯмак менамояд. Инчунин дар ноҳия 8 ташкилотҳои сохтмонӣ, 6 муассисаҳои хизматрасонӣ ва 3 муассисаи нақлиётӣ амал мекунанд.

Давоми солҳои азхудкунӣ ва истиқлолияти давлатӣ, баҳри рушду нумӯи соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳанг корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд. Феълан дар 4 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, 25 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 литсей ва 1 гимназия, зиёда аз 13000 нафар хонандагон ва дар 3 адад муассисаҳои томактабӣ, зиёда аз 500 нафар фарзандони мардуми ноҳия таълиму тарбия мегиранд.

Дар шаҳрак ва деҳот 9 адад қасрҳои фарҳангии замонавии ҳар яке дорои 400-600 ҷои нишаст, 14 адад китобхонаҳо бо фонди умумии 110,8 ҳазор нусха адабиёти гуногун ва 1 мактаби мусиқӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Дар ноҳия 38 адад муассисаҳои тандурустӣ фаъолият мебаранд. Аз ҷумла, 1 беморхонаи марказии дорои 295 кат, 2 беморхонаи минтақавии дорои 15 кат, 1 маркази рӯҳшиносии дорои 10 кат, 1 маркази мубориза бар зидди бемории сили дорои 10 кат, 1 маркази саломатии ноҳия, 8 марказҳои саломатии деҳот, 10 хонаҳои саломатӣ, 1 шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, 4 дорухона, 10 нуқтаҳои фелдшерӣ ва 1 маркази назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ.

### 1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим

Ноҳияи Зафаробод дар водии Фарғона ҷойгир буда, ба он бештар бодҳои аз ҷониби шимолу ғарб вазанда таъсир мерасонанд. Иқлими ноҳия хушк (ҳарорати максималӣ аз +30 то +40 дараҷа ва ҳарорати минималӣ дар фасли сармо аз -10 то -15 дараҷа) мебошад.

Ноҳияи Зафаробод аз шимол бо ноҳияи Хавоси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷануб бо ноҳияи Янгиободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ғарб бо ноҳияи Зомини Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз шарқ бо ноҳияҳои Спитамен ва Ғончии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияи Бекободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамсарҳад мебошад.

Иқлими ноҳия ниҳоят континенталӣ буда, зимистонаш се моҳ тӯл мекашад. Боришот дар ҳудуди ноҳия кам буда, ин омил барои кишту кор мусоидат менамояд. Беҳтарин мавсими кишт тирамоҳу баҳор ба ҳисоб меравад. Иқлими ноҳия барои парвариши парранда ва чорводорӣ мувофиқ мебошад. Инчунин барои дар фасли сармо ташкил намудани гармхонаҳо, имконияту шароитҳо мавҷуд аст.

Ноҳия манбаъ ва захираҳои обӣ надошта, пурра ба таври сунъӣ, тавассути пойгоҳҳои муқтадири обкашӣ ва ду канали магистралии ТМ-1 ва ТМ-2, ки ҳар яке ба дарозии 70-75 километр тӯл кашидаанд ва ибтидои солҳои шастум сохта ба кор даровварда шудаанд, обёрӣ карда мешавад.

Дар зарфи камтар аз ним аср дар чӯлу биёбони лабташнаи синабирён, ноҳияи озода ва шукуфоне қомат афрохт, ки бо чунин суръат ва шуҷоат бунёд намудани ин қадар созандагию бунёдкориҳо дар ин сарзамин ба назари кас мӯъҷизае ҳайратовар менамояд ва корнамоиҳои насли калонсол имрӯзиёнро ба худ мафтун месозад. Ҳамаи ин созандагию бунёдкорӣ ва диловариҳои фотеҳони Мирзочӯли тоҷик, лоиқи таҳсину қадршиносӣ ва мактаби бузурги тарбияи наслҳои имрӯзу фардо мебошад.

Масофа аз маркази ноҳия то маркази вилоят 94 км ва то маркази ҷумҳурӣ 350 км мебошад.

## 1.4. Вазъи демографӣ

Шумораи аҳолии ноҳияи Зафаробод дар охири соли 2010-ум 60241 нафарро ташкил додааст. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия, 32741 нафар ё 54,4 фоиз дар шаҳрак ва 27500 нафар (ё 45,6 фоиз) дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали №1. Шумораи аҳолии муқимии ноҳияи Зафаробод (дар охири сол)*

| № | Номгӯй | Ҳисобот (ҳазор нафар) | | | | Суръати афзоиши миёнаи солона (фоиз) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2000 | 2008 | 2009 | 2010 | 2008-2000 | 2009-2008 | 2010-2009 | 2010-2000 |
| | Ҳамагӣ аҳолӣ | 48318 | 57998 | 59141 | 60241 | 120,0 | 102,0 | 101,9 | 124,7 |
| 1 | Аз ҷумла, аҳолии шаҳрӣ | 26409 | 31631 | 32400 | 32741 | 119,8 | 102,4 | 101,1 | 124,0 |
| 2 | Аҳолии деҳот | 21909 | 26367 | 26741 | 27500 | 120,3 | 101,4 | 102,8 | 125,5 |

Дар соли 2010 дар ноҳия 1522 нафар таваллуд шуда, шумораи вафот ба 237 нафар расидааст.

*Диаграммаи 1. Шумораи аҳолии шаҳрак ва деҳот*



Ҳангоми то соли 2015 дар сатҳи нишондиҳандаҳои солҳои 2000-2005 нигоҳ дошта шудани суръати афзоиши аҳолӣ, шумораи аҳолии муқимӣ дар ибтидои соли 2011 – 60,2 ҳазор нафар ва дар аввали соли 2016 – 68,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва назар ба соли 2000 ба миқдори 19,9 ҳазор нафар ё 41,2 фоиз, афзоиш меёбад. Дар ҳудуди ноҳияи Зафаробод 12212 хонавода истиқомат менамоянд.

Дар ноҳия 3 ҷамоати шаҳрак ва 2 ҷамоати деҳот ва нуқтаҳои аҳолинишин фаъолият доранд.

*Ҷадвали №2. Аҳолии ноҳия аз рӯи ҷамоатҳо*

| Номи ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла занҳо |
|---|---|---|---|
| А. Ҷомӣ | 1250 | 5040 | 2486 |
| Меҳнатобод | 2514 | 10291 | 5075 |
| Зафаробод | 4137 | 21930 | 11257 |
| Ҳ. Алиев | 1591 | 9264 | 4675 |
| Равшан | 2720 | 13716 | 6916 |
| Ҷамъ: | 12212 | 60241 | 30409 |

Аз рӯи ҳайати миллӣ, дар ноҳия тоҷикон 70,2 фоиз, ӯзбекон 24,0 фоиз, русҳо 0,26 фоиз, қирғизҳо 0,24 фоиз ва дигар миллатҳо 5,3 фоизро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳия оиди дар амал татбиқ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009 таҳти №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамини кӯҳистон ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012» давоми солҳои 2008-2010 аз ноҳияҳои Айнӣ 222 оила, Кӯҳистони Мастчоҳ 142 оила ва Ғончӣ 156 оила, ҳамаги 520 оилаи муҳоҷирони дохилӣ ва экологи ба ноҳия кӯчонида шудаанд.

Дар соли 2011 289 оила ва дар соли 2012 280 оилаи муҳоҷирон аз ноҳияҳои Айнӣ, Ғончӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ ба ноҳия кӯчонида мешаванд.

Дар се соли охир афзоиши табиии аҳолии ноҳия ба назар мерасад.

*Ҷадвали №3. Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ*

| Солҳо | Теъдоди никоҳ | Шумораи фавт | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ ба % | Шумории умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 606 | 227 | 1153 | 2,0% | 57998 |
| 2009 | 686 | 229 | 1216 | 2,1 % | 59141 |
| 2010 | 706 | 237 | 1285 | 2,0% | 60241 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи синну сол дар ноҳияи Зафаробод шумораи аҳолии то 14 сола 27,6%, аҳолии қобили меҳнат 44,8% ва аҳолии дар синни нафақа 27,6%-ро ташкил медиҳад.

*УҶадвали №4. Сохтори ҷинсӣ ва синну солии аҳолии ноҳияи Зафаробод дар соли 2010*

| Нишондиҳандаҳо | Ҷамъ | Аз ҷумла духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 14700 | 7405 | 50,4% |
| Миёнасолон | 41697 | 20987 | 50,3% |
| Аҳолии синну соли нафақа (63 мардон/58 занон) ва боло | 3844 | 2017 | 52,5% |
| Ҷамъ: | 60241 | 30409 | 53,1% |

*Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографӣ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2013-2015.*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 |
| Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии умумӣ | | | | | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 62,4 | 63,6 | 64,9 | 66,2 | 67,5 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| шаҳрӣ | 34,3 | 35,0 | 35,7 | 36,4 | 37,1 |
| деҳотӣ | 28,1 | 28,7 | 29,2 | 29,8 | 30,4 |

**1.5 Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ноҳия**

Айни ҳол, дар ноҳияи Зафаробод 13 корхонаҳои саноатӣ, 5 ташкилоти сохтмонӣ, 1 корхонаи оид ба таъмири роҳҳо, 2282 хоҷагиҳои деҳқонӣ, 220 кооперативҳои истеҳсолӣ, 24 хоҷагии ёрирасон, 2 корхонаҳои хурд, 3 муасисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 25 мактаби таҳсилоти умумӣ, 2 литсей, 1 гимназия, 1 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, 1 техникуми политехникӣ, 2 омӯзишгоҳи касбии техникӣ, 14 китобхонаҳои оммавӣ, 9 хонаи фарҳанг, 3 клуб, 1 мактаби мусиқии бачагона фаъолият намуда истодаанд. Аз ҷумлаи муассисаҳои тандурустӣ: Беморхонаи марказии ноҳия, 2 беморхонаи минтақавӣ, 1 маркази саломатии ноҳия, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, маркази мубориза бар зидди касалии сил, 8 маркази саломатии деҳот, 10 хонаҳои саломатӣ ва хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ фаъолият менамоянд.

Маҳсулоти саноатии дар ноҳия истеҳсолгардида (нахи пахта ва ҷуроб) ба кишварҳои Руссия ва Эрон содирот гардида, маҳсулотҳои дигар (чигит, равғани пахта ва кунҷора) дар бозори дохилии ноҳия ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба фурӯш бароварда мешаванд. Дар «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015», ҷиҳати коркард намудани ашёи хоми маҳаллӣ дар худи ноҳия, сохтмони корхонаи ресандагӣ бо иқтидорӣ коркарди 3000 тонна нахи пахта дар як сол, бо ҷалби 10 миллион доллари ИМА сармояи ҶСП «Хуҷанд-Инвест-Коттон» ба нақша гирифта шудааст. Бо истифода аз захираҳои фаровони ашёи хоми маҳаллӣ, дар сурати ҷалби сармоя ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шарикони рушд, дар ноҳия корхонаи азими коркард бунёд намуда, барои мардум ҷойҳои нави корӣ ташкил ва ба паст шудани сатҳи камбизоатӣ таъсири ҷиддӣ расонидан мумкин мебошад.

Самти дигари рушди ноҳия соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла растанипарварӣ ва чорводорӣ мебошад. Ноҳияи Зафаробод дорои 33575 га заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 31068 га заминҳои корам, 642 га майдони дарахтҳои бисёрсола, 732 га чарогоҳ ва 1133 га заминҳои боир мебошад. Барои парвариши пахта ва ғалладона, аз ҷумла шолӣ, сабзавот, меваю ангур ва ҳамчунин, парвариши чорво шароити мусоид ва имкониятҳои васеъ мавҷуд аст. Оид ба ин масъала ва мушкилиҳои мавҷудаи соҳа дар боби кишоварзӣ маълумот дода мешавад.

Дар соҳаи маориф сифати таълим дар бисёр макотиби деҳот ва норасоии теъдоди омӯзгорони ихтисосманд дар онҳо, яке аз масъалаҳои ҳаллаш таъхирнопазир гаштааст. Дар деҳот шабакаи муассисаҳои хизматрасонӣ хеле кам ба назар мерасад.

Шабакаи муассисаҳои табобатӣ тамоми шаҳраку деҳоти ноҳияро фаро гирифта бошад ҳам, то ҳол садҳо нафар корафтодагон барои ташхису табобати босифат ба маркази вилояту ҷумҳурӣ мераванд.

Роҳҳои маҳаллӣ солҳои сол таъмир нашуда, таъминот бо барқ дар фасли зимистон дар деҳот нокифоя мебошад ва ин омил дастрасии аҳолиро ба ахбор маҳдуд менамояд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ноҳия дар соли 2010-ӯм 329 млн. 932 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2008-ӯм 152,6 фоиз афзоиш ёфтааст ва ба маблағи 113 млн. 732 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, аз он ҷумла: аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 18 млн 981 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи саноат 46 млн 606,0 ҳазор сомонӣ.

**1.6. Биниши рушди ноҳияи Зафаробод (Тассавуроти ояндаи ноҳия)**

*Ноҳияи Зафаробод - яке аз ноҳияҳои рушдёфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маркази муосири коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ, дорои инфрасохтори хуби иҷтимоию иқтисодӣ, фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкории хурду миёна ва ҳолати хуби экологӣ мебошад, ки ҳаёти шоиста ва солими аҳолиро таъмин менамояд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи ноҳия, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Ҷадвали №6.Таҳлили вазъи умумии ноҳияи Зафаробод (SWOT)*

| Ҷиҳатҳои қавӣ | Ҷиҳатҳои заиф |
|---|---|
| Мавҷудияти:<br>Захираҳои калони замини корами обӣ.<br>Давраи вегетатсионии дароз.<br>Мутахассисҳои зиёди баландихтисос.<br>Коммуникасияҳои муҳандисӣ (роҳҳо, каналҳо ва ғайра).<br>Иқлими хуб.<br>Шӯрнокии пасти замин.<br>Мавҷудияти ашёи хоми кишоварзӣ (пахта, мева, сабзавот ва гӯшт).<br>Мавҷудияти донишкадаҳои миёнаи махсус (ОКТ, техникуми политехникӣ ва омӯзишгоҳи омӯзгорӣ).<br>Теъдоди зиёди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.<br>Релефи ҳамвор (набудани кӯҳ).<br>Мавҷудияти иншоотҳои саноатӣ.<br>Мавҷудияти иншоотҳои селрав. | Норасоии оби полезӣ.<br>Норасоии қувваи корӣ.<br>Дурии ноҳия аз маркази вилоят.<br>Тӯли дарози хатти сарҳадӣ.<br>Маҳдудияти роҳҳои транзитӣ бо воситаи давлати ҳамсоя - Ӯзбекистон.<br>Дар мавқеи бунбаст қарор доштани ноҳия.<br>Фарсудагии иншоотҳои ирригатсионӣ.<br>Набудани имконият барои коркарди ашёи хом.<br>Набудани корхонаҳои саноатие, ки тӯли сол пурра кор мекунанд.<br>Набудани имконият ва қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмири техника.<br>Норасоии техникаи кишоварзӣ, нуриҳои минералӣ ва сӯзишворӣ.<br>Нокифоягии дарахтзорҳои муҳофизавии ҷангал.<br>Набудани чарогоҳ.<br>Норасоии манбаҳои оби нӯшокӣ ва сифати пасти оби нӯшоки.<br>Обёрии сунъӣ.<br>Норасоии синфхонаҳо ва набудани таҷҳизотҳои гармкунии онҳо.<br>Норасоии мутахассисони тиб ва таҷҳизотҳои муосири тиб.<br>Мавҷудияти дамбаҳои сел дар мавзеъҳои аҳолинишин.<br>Сатҳи баланди касалиҳои сирояткунанда ва бемории санги талхадон.<br>Норасоии китобҳои дарсӣ ва адабиёт бо забони давлатӣ.<br>Норасоии таҷҳизотҳои полиграфӣ.<br>Норасоии иншоотҳои варзишӣ (варзишгоҳ ва толорҳои варзишӣ).<br>Дастрас набудани барномаҳои иттилоотӣ (ТВ вилоятӣ, интернет, рӯзномаҳо).<br>Норасоии сармоягузорон.<br>Набудани танзими муҳоҷирати меҳнатӣ.<br>Зиёдшавии ҳаҷми бақияи қарзҳои андоз. |

| Имкониятҳо | Таҳдидҳо |
|---|---|
| Дар оянда кушода шудани сарҳад бо Ӯзбакистон.<br>Ҷалби сармоягузорон.<br>Сохтмони гармхонаҳо.<br>Ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ.<br>Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ.<br>Таҳияи Барномаи рушди ноҳия.<br>Ба кор андохтани корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ. | Чойгир будан дар минтақаи наздисарҳадӣ (Узбакистон).<br>Баландравии фоизи қарзҳо ва таваррум.<br>Баландравии тарифҳои об ва қувваи барқ.<br>Бӯҳрони молиявию иқтисодӣ;<br>Коррупсия;<br>Хавфи офатҳои табиӣ (сел, хушксолӣ)<br>Таъсири манфии партови заводҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон.<br>Баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ.<br>Ҳуҷуми ҳашаротҳо (малах) аз Ӯзбекистон. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ
# ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯИ СОҲАҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Саноат

Соҳаи саноати ноҳия яке аз ҷузъҳои таркибии саноати вилояти Суғд ба ҳисоб рафта, дар он коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (пахта) нақши аввалиндараҷа дорад.

Мақсади асосии рушди саноати ноҳия, ин ташаккул ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва сатҳи технологии истеҳсолот, таъмини истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи замон ҷавобгӯй бо истифодаи технологияи пешқадам барои бозори дохилӣ, васеъ намудани номгӯи маҳсулот барои бозори беруна ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти аз пахта тайёршуда мебошад.

Дар ноҳия 13 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки истеҳсоли маҳсулот дар онҳо бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар корхонаҳои мазкур, асосан коркарди пахта ва чигит ба роҳ монда шуда, дар онҳо 690 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Дар давоми солҳои 2011-2013 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, бо назардошти шароити имрӯза ва вазъи иқтисодии ноҳия пешбинӣ гардидааст.

Дар соҳаи саноати ноҳия ҳар сол 42 ҳазор тонна нахи пахта ва 4,4 ҳазор тонна равғани растанӣ коркард шуда, 7 млн ҷуфт ҷӯроб истеҳсол мегардад.

Дар асл, дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Зафаробод иқтидори истеҳсоли нахи пахта 5,4 ҳазор тонна ё 12,9 фоиз ва истеҳсоли равған 0,8 ҳазор тонна ё 18,2 фоиз истифода бурда мешавад. Сабаби истифода набурдани иқтидорҳои мавҷуда, ин нокифоягии истеҳсол ва ҳосилнокии пасти пахта мебошад.

Лекин дар ноҳия, ҳамасола зиёда аз 8-10 ҳазор тонна ҷуворимакка, 8-9 ҳазор тонна полезӣ, 700-800 тонна мевагиҳо, 1000-1200 тонна гӯшт, 11-12 ҳазор тонна шир ва 50-60 тонна пашм истеҳсол мегардад ва зиёда аз 50-60 фоизи ин намуди маҳсулотҳо, ҳамчун ашёи хом ба бозоҳои беруна содирот мешаванд. Дар ҳолати ташкили коргоҳҳои хурди коркарди ин маҳсулотҳо, аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ 200-300 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, маҳсулоти аслии натуралӣ дастраси мардум мегардад.

Инчунин корхонаҳои равғанбарорӣ пасмондаи равғанро, ки аз он собун истеҳсол мегардад ҳамчун партов истифода мебаранд. Дар ҳолати ташкили корхонаи хурди муттамаркази истеҳсоли собун ва риояи талаботҳои экологӣ-санитарӣ (дуртар аз маҳалҳои аҳолинишин), имконияти аҳолиро бо собуни хушсифат таъмин намуда, даҳҳо ҷойҳои кории нав муҳайё намудан, ба миён меояд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005, №422 «Дар бораи Барномаи рушди саноати сабук барои солҳои 2006-2015», дар ноҳияи Зафаробод аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи "Хуҷанд Инвест Коттон" корхонаи ресандагӣ бо иқтидори коркарди 3000 тонна нахи пахта дар як сол, сохта ба истифода дода мешавад. Дар ноҳия имконияти ҳамасола бо ашёи хоми маҳаллӣ таъмин намудани ин корхона мавҷуд мебошад.

*Ҷадвали №7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ*

| № б/т | Номгӯи ташкилоту муассисаҳои саноатӣ | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосӣ бо намуди аслӣ ва ифодаи пулӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Воҳиди ченак | Давоми солҳо | | |
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | ҶСП "Нику Хуҷанд" | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | | | |
| | Ҷӯроб | ҳазор ҷуфт | | | |
| 2 | ҶСП «Данҷин» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 16799,0 | 16676,1 | 24471,6 |
| | нахи пахта | Тонна | 2694 | 1315,8 | 2076,7 |
| | Чигит | Тонна | 4255,1 | 2085,5 | 3312,5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Тибит | Тонна | | | |
| | Торак | Тонна | 77,2 | 44,1 | 26,9 |
| | Пат | Тонна | 11,7 | 0 | |
| | боқимонда хӯрока | Тонна | 112,3 | 55,9 | 107,2 |
| 3 | ҶСП «Деҳқон» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 8919,2 | 13527,6 | 22807,6 |
| | нахи пахта | Тонна | 1998,6 | 986 | 1751,4 |
| | Чигит | Тонна | 3338,2 | 1619,2 | 2859,3 |
| | Тибит | Тонна | 40,3 | 27,2 | 90,2 |
| | Торак | Тонна | 106,7 | 48,7 | 42,5 |
| | Пат | Тонна | 24,1 | 18,9 | 20,9 |
| 4 | ҶДММ «Хубҷам ва К» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 9330,8 | 10739,7 | 6756,6 |
| | Нахи пахта | Тонна | 1383,3 | 1078,7 | 564,9 |
| | Чигит | Тонна | 2306,5 | 1736,7 | 932,7 |
| | Тибит | Тонна | 32,3 | 36,6 | 11,7 |
| | Торак | Тонна | 42,5 | 47,4 | 23,1 |
| | Пат | Тонна | 37,8 | 23,4 | 1,7 |
| 5 | ҶДММ П.Пролетар-1 | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | | 14622,5 | 13730,4 |
| | Нахи пахта | Тонна | 0 | 1225,7 | 854,0 |
| | Чигит | Тонна | 0 | 2024,4 | 1371,0 |
| | Тибит | Тонна | 0 | 17,3 | 9,0 |
| | Торак | Тонна | 0 | 83,4 | 25,1 |
| | Пат | Тонна | 0 | 15,1 | 7,8 |
| | боқимонда хӯрока | Тонна | | | 45,0 |
| 6 | ҶДММ «Самадов» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | | 3921,7 | 5182,3 |
| | Нахи пахта | Тонна | 0 | 320 | 478,0 |
| | Чигит | Тонна | 0 | 565 | 825,0 |
| | Тибит | Тонна | 0 | 8 | 8,0 |
| | Торак | Тонна | 0 | 21 | 23,0 |
| | Пат | Тонна | 0 | 5 | 5,0 |
| 7 | ҶСП «Ҳазораи Сомон» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 1945,8 | 818,9 | 2027,2 |
| | Равғани растанӣ | Тонна | 227,5 | 104,7 | 196,8 |
| | Кунҷора | Тонна | 963 | 541,5 | 1244,7 |
| | Шулха | | 380,9 | 12,2 | |
| 8 | ҶДММ «Эрудит» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 1995,2 | 2188,6 | 1499,8 |
| | Равғани растанӣ | Тонна | 161 | 256,8 | 127,4 |
| | Кунҷора | Тонна | 929,5 | 1489,9 | 788,8 |
| 9 | ҶСП «Зарбдор» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 1078,4 | 398,4 | 366,6 |
| | Равғани растанӣ | Тонна | 183,2 | 68,1 | 43,9 |
| | Кунҷора | Тонна | 639,8 | 236,9 | 152,1 |
| | Шулха | Тонна | 430,9 | 159 | 101,6 |
| 10 | ҶП «Тиллоев» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 147,4 | 10,9 | 36,8 |
| | Равғани растанӣ | Тонна | 18,2 | 1,3 | 4,3 |
| | Кунҷора | Тонна | 116,5 | 5,2 | 25,0 |
| 11 | ҶДММ "Фаронак" | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | | | |
| | Нахи пахта | Тонна | | | |
| | Чигит | Тонна | | | |
| | Равғани растанӣ | Тонна | | | |
| | Кунҷора | Тонна | | | |
| 12 | ҶП «Исмоилов» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | | | |
| | Равғани растанӣ | Тонна | | | |
| | Кунҷора | Тонна | | | |
| 13 | ҶДММ «Зафаробод-Инвест» | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Нахи пахта | Тонна | | | |
| | Чигит | Тонна | | | |
| 14 | Матбааи «Ғанизод» | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 16,4 | 11,3 | 15,4 |
| | маҳсулоти ҳархелаи чопӣ | Ҳазор варақ | 236 | 121 | 186,0 |
| 15 | Корхонаҳои шахсии аҳолӣ | | | | |
| | Ҳаҷми маҳсулот | Ҳазор сомонӣ | 10785,0 | 18408,8 | 21811,3 |
| | Орд | Тонна | 769,6 | 1735,6 | 2879,4 |
| | Нон | Тонна | 0 | 600,4 | 1414,0 |

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2010 бо нархҳои ҷорӣ 98,7 миллион сомониро ташкил дод, ки он нисбати нишондиҳандаҳои соли 2008-ум 81,5 фоиз афзудааст. Гарчанде дар муқоиса ба солҳои 2008-2010 суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале суръати афзоиш ба намуди аслӣ кам мебошад.

Сабаби кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ин кам истеҳсол гардидани пахта мебошад. Чункӣ қисми асосии саноати ноҳияро корхонаҳои коркарди пахта ва маҳсулоти он ташкил медиҳанд.

*Диаграммаи 2. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ*




Дуруст ба роҳ мондани рушди корхонаҳои саноатии ноҳия, метавонад дар оянда ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуда, бозори дохилию беруниро аз маҳсулот ғанӣ гардонад. Аз ҷумла, корхонаҳое, ки бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, дар инкишофи минбаъдаи ноҳия мавқеи хоса доранд.

*Ҷадвали №8. Рӯйхати корхонаҳои саноатӣ аз рӯи иқтидорҳои мавҷуда*

| № б/т | Номгӯи ташкилоту муассисаҳои саноатӣ | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори мавҷуда | Иқтидори дар асл истифода-шуда | Ҳолати воқеъӣ | Талабот ба маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП "Нику Хуҷанд" | Насоҷӣ | Ҳазор дона, дар як сол | 1500,0 | | Коршоям | |
| 2 | ҶСП "Дандҷин" | Нахи пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 15,0 | 2,1 | Коршоям | 12,9 |
| 3 | ҶСП "Деҳқон" | Нахи пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 6,0 | 1,8 | Коршоям | 4,2 |
| 4 | ҶДММ «Хубҷам ва Компания» | Нахи пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 12,0 | 0,6 | Коршоям | 11,4 |
| 5 | ҶДММ «Пахтаи Пролетар-1» | Нахи пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 8,0 | 0,9 | Коршоям | 7,1 |
| 6 | ҶСП «Ҳазораи Сомон» | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 1,5 | 0,2 | Коршоям | 1,3 |
| 7 | ҶДММ "Эрудит" | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 0,3 | 0,13 | Коршоям | 0,2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | ҶСП "Зарбдор" | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 1,8 | 0,044 | Коршоям | 1,8 |
| 9 | ҶП "Тиллоев" | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 0,4 | 0,004 | Коршоям | 0,4 |
| 10 | ҶДММ "Фаронак" | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 0,2 | | Коршоям | |
| 11 | ҶП «Исмоилов» | Равғани пахта | Ҳазор тонна, дар як сол | 0,2 | | Коршоям | |
| 12 | ҶДММ «Зафаробод-Инвест» | Нахи пах-та | Ҳазор тонна, дар як сол | 1,0 | | Коршоям | |
| 13 | ҶДММ "Матбааи Ғанизод" | Чопи қоғазҳо | Ҳазор дона, дар як сол | 1460 | 0,186 | Коршоям | 1459,8 |

**Мушкилиҳои асосии соҳаи саноат.** Ба самаранокии корхонаҳои саноатии ноҳияи Зафаробод омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

- ҷорӣ намудани меъёри қатъии истифодаи нерӯи барқ ва газ, тез-тез қатъ намудани интиқол ва норасогию нокифоягии ин захираҳо,
- норасогии ашёи хом,
- набудани захираҳои лозимии молиявӣ барои гузаронидани таъмир ва азнавсозии истеҳсолот,
- ҳаҷми нокифояи сармоягузории бевосита ва мустақим,
- сатҳи пасти мененҷмент, набудани низоми муосири маркетинг.

**Ҳадафи Барнома** дар ин самт ба таври интенсивӣ таъмин сохтани инкишофи бахши саноат дар ноҳия мебошад. Дар мадди аввал, рушди он соҳаҳои саноат, ки ашёи хоми маҳаллиро истифода мебаранд, ҳамзамон рушди саноати хӯрокворӣ, коркарди маҳсулот, аз ҷумла дар заминаи барпо сохтани шаклҳои истеҳсолоти хурд, зарур мебошад.

**Рушди саноат дар ноҳия андешидани тадбирҳои зеринро тақозо менамояд:**

- рушди инфраструктураи истеҳсолӣ,
- ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ,
- аъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии технологияҳои пешқадам,
- ташкил намудани хизматрасонии техникӣ (сервис) ва хизматрасониҳои ёрирасон,
- рушди сертификатсиякунонии истеҳсолот ва маҳсулот,
- мукаммалсозии низоми нигоҳдории маҳсулот,
- ба роҳ мондани истеҳсол ва содироти маҳсулоти тайёр аз пахта,
- ташкили корхонаҳои хурди истеҳсоли орд, ҳасиб ва коркарди меваю сабзавот ва шир,
- бунёди корхонаи коркарди пашм ва пӯст,
- дуруст ба роҳ мондани сиёсати кадрӣ ҳангоми интихоби мутахассисони соҳа,

Чунин муносибат имконият медиҳад, ки соҳаи саноати ноҳия рушд ёфта, ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шаванд, ки ин ба таври мусбат ба раванди муҳоҷират таъсир мерасонад ва ба рушди устувори равандҳои демографӣ замина мегузорад.

*Ҷадвали №9. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи саноат дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015. (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с. 2015 бо % нисба-ти с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Саноат | 102913,9 | 122169,8 | 134373,6 | 140137,0 | 146602,3 | 142,5 |
| | 102913,9 | 110560,9 | 121642,1 | 126917,1 | 132815,4 | 129,1 |
| Маҳсулоти саноатӣ (корҳо хизматрасониҳо) бо нархҳои яклух-ти корхонаҳо дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият – ҳамагӣ | 102913,9 | 122169,8 | 134373,6 | 140137,0 | 146602,3 | 142,5 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 102913,9 | 110560,9 | 121642,1 | 126917,1 | 132815,4 | 129,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| дар корхонаҳои дорои шаклҳои моликияти давлатӣ | | | | | | |
| дар корхонаҳои дорои ҳамаи шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ | 102913,9 | 122169,8 | 134373,6 | 140137,0 | 146602,3 | 142,5 |
| | 102913,9 | 110560,9 | 121642,1 | 126917,1 | 132815,4 | 129,1 |
| ҶСП "Нику Хуҷанд" | 1507,8 | 2210,0 | 3677,6 | 4027,7 | 4475,3 | 296,8 |
| | 1507,8 | 2000,0 | 3328,1 | 3645,0 | 4050,0 | 268,6 |
| ҶСП "Дандҷин" | 6178,5 | 9515,4 | 10279,9 | 10578,0 | 10680,2 | 172,9 |
| | 6178,5 | 8611,3 | 9303,1 | 9572,8 | 9665,3 | 156,4 |
| ҶСП "Деҳқон" | 8223,4 | 10269,1 | 11137,3 | 11497,7 | 11548,5 | 140,4 |
| | 8223,4 | 9293,3 | 10079,0 | 10405,1 | 10451,2 | 127,1 |
| ҶДММ "Хубҷам ва Компания" | 19793,5 | 15534,4 | 16839,5 | 17276,4 | 17326,4 | 87,5 |
| | 19793,5 | 14058,2 | 15239,4 | 15634,8 | 15680,0 | 79,2 |
| ҶДММ "Пахтаи Пролетар-1" | 21316,1 | 21433,3 | 23177,6 | 23860,2 | 23911,1 | 112,2 |
| | 21316,1 | 19396,7 | 20975,2 | 21592,9 | 21639,0 | 101,5 |
| ҶММ "А.Саматов" | 52,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| | 52,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| ҶДММ "Зафаробод-Инвест" | 153,2 | 1978,5 | 2157,2 | 2238,5 | 2289,4 | 1494,4 |
| | 153,2 | 1790,5 | 1952,2 | 2025,8 | 2071,8 | 1352,4 |
| ҶСП "Ҳазораи Сомон" | 1639,4 | 5605,7 | 6074,8 | 6479,0 | 6585,2 | 401,7 |
| | 1639,4 | 5073,0 | 5497,5 | 5863,3 | 5959,4 | 363,5 |
| ҶДММ "Эрудит" | 4722,1 | 9803,9 | 10596,0 | 10902,4 | 11059,5 | 234,2 |
| | 4722,1 | 8872,3 | 9589,2 | 9866,4 | 10008,6 | 212,0 |
| ҶДММ "Фаронак" | 12359,1 | 13856,7 | 15012,6 | 15482,9 | 15690,8 | 127,0 |
| | 12359,1 | 12540,0 | 13586,1 | 14011,7 | 14199,9 | 114,9 |
| ҶП "Исмоилов" | 2902,8 | 4130,5 | 4503,7 | 4673,4 | 4779,6 | 164,7 |
| | 2902,8 | 3738,0 | 4075,8 | 4229,3 | 4325,4 | 149,0 |
| ҶДММ "Матбааи Ғанизод" | 13,5 | 19,3 | 21,9 | 22,6 | 22,9 | 169,7 |
| | 13,5 | 17,5 | 19,8 | 20,4 | 20,7 | 153,6 |
| Корхонаҳои хурди шахсии аҳолӣ | 22605,1 | 25508,9 | 27923,4 | 29288,0 | 33382,1 | 147,7 |
| | 22605,1 | 23085,0 | 25270,0 | 26505,0 | 30210,0 | 133,6 |
| Хизмати пулакӣ (об, газ, барқ) | 1446,7 | 2304,2 | 2972,1 | 3810,4 | 4851,5 | 335,3 |
| | 1446,7 | 2085,2 | 2726,7 | 3544,5 | 4534,1 | 313,4 |

Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои соҳаи саноати ноҳия, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 нисбати соли 2012 – 142,5 фоиз пешбинӣ гардидааст.

*Ҷадвали №10. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Саноат | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (дар шакли асл) дар корхонаҳои дорои ҳамагуна шакли моликият бо нишондодани тобеъяти идоравии онҳо (бо ченакҳои дахлдор) | | | | | | |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| ҶСП "Нику Хуҷанд" | | | | | | |
| Ҷӯроб, ҳазор ҷуфт | 506,8 | 800,0 | 1250,0 | 1350,0 | 1500,0 | 296,0 |
| ҶСП «Данҷин» | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 542,0 | 1010,0 | 1020 | 1035 | 1045 | 192,8 |
| Чигит, тонна | 857,2 | 1595,8 | 1632 | 1656 | 1672 | 195,1 |
| Улюк, тонна | | 40,4 | 40,8 | 41,4 | 41,8 | |
| Линт, тонна | | 21,2 | 21,4 | 21,7 | 21,9 | |
| Пух, тонна | | 10,1 | 10,2 | 10,4 | 10,5 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| боқимонда хӯрока, тонна | 30,1 | | | | | 0,0 |
| ҶСП «Деҳқон» | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 742,4 | 1090 | 1110 | 1130 | 1135 | 152,9 |
| Чигит, тонна | 1146,4 | 1722,2 | 1753,8 | 1785,4 | 1793,3 | 156,4 |
| Улюк, тонна | 20,7 | 43,6 | 44,4 | 45,2 | 45,4 | 219,3 |
| Линт, тонна | 48,2 | 22,9 | 23,3 | 23,7 | 23,8 | 49,5 |
| Пух, тонна | 15,2 | 10,9 | 11,1 | 11,3 | 11,4 | 74,7 |
| ҶДММ «Хубҷам ва К». | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 1528,0 | 1680 | 1710 | 1730 | 1735 | 113,5 |
| Чигит, тонна | 2426,4 | 2654,4 | 2701,8 | 2733,4 | 2741,3 | 113,0 |
| Тибит, тонна | 60,0 | 67,2 | 68,4 | 69,2 | 69,4 | 115,7 |
| Торак, тонна | 64,0 | 35,3 | 35,9 | 36,3 | 36,4 | 56,9 |
| Пат, тонна | 12,7 | 16,8 | 17,1 | 17,3 | 17,4 | 136,6 |
| ҶДММ «П.Пролетар-1» | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 1878,5 | 2275 | 2310 | 2345 | 2350 | 125,1 |
| Чигит, тонна | 2981,5 | 3594,5 | 3649,8 | 3705,1 | 3713,0 | 124,5 |
| Тибит, тонна | 36,0 | 91,0 | 92,4 | 93,8 | 94,0 | 261,1 |
| Торак, тонна | 123,0 | 47,8 | 48,5 | 49,2 | 49,4 | 40,1 |
| Пат, тонна | 36,0 | 22,8 | 23,1 | 23,5 | 23,5 | 65,3 |
| боқимонда хӯрока, тонна | | | | | | |
| ҶДММ «Самадов» | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 4,0 | | | | | 0,0 |
| Чигит, тонна | 4,0 | | | | | 0,0 |
| Тибит, тонна | | | | | | |
| Торак, тонна | 1,0 | | | | | 0,0 |
| Пат, тонна | 2,0 | | | | | 0,0 |
| ҶДММ "Зафаробод-Инвест" | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 10,4 | 210 | 215 | 220 | 225 | 2163,5 |
| Чигит, тонна | 15,9 | 331,8 | 339,7 | 347,6 | 355,5 | 2235,8 |
| Тибит, тонна | | 8,4 | 8,6 | 8,8 | 9,0 | |
| Торак, тонна | | 4,4 | 4,5 | 4,6 | 4,7 | |
| Пат, тонна | | 2,1 | 2,2 | 2,2 | 2,3 | |
| ҶСП «1000 Сомон» | | | | | | |
| рав. раст. тонна | 140,5 | 285 | 290 | 305 | 310 | 220,6 |
| Кунҷора, тонна | 771,4 | 2052 | 2088 | 2196 | 2232 | 289,3 |
| Шулха, тонна | | | | | | |
| ҶДММ «Эрудит» | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 248,4 | 550 | 555 | 560 | 565 | 227,5 |
| Чигит, тонна | 407,3 | 869,0 | 876,9 | 884,8 | 892,7 | 219,2 |
| Тибит, тонна | 5,4 | 22,0 | 22,2 | 22,4 | 22,6 | 418,5 |
| Торак, тонна | 10,0 | 11,6 | 11,7 | 11,8 | 11,9 | 118,7 |
| Пат, тонна | 4,1 | 5,5 | 5,6 | 5,6 | 5,7 | 137,8 |
| Равғани растанӣ, тонна | 179,8 | 235 | 240 | 245 | 250 | 139,0 |
| Кунчора, тонна | 926,8 | 1692 | 1728 | 1764 | 1800 | 194,2 |
| ҶДММ "Фаронак" | | | | | | |
| нахи пахта , тонна | 991,7 | 1095 | 1110 | 1125 | 1135 | 114,4 |
| Чигит, тонна | 1607,4 | 1730,1 | 1753,8 | 1777,5 | 1793,3 | 111,6 |
| Тибит, тонна | | 43,8 | 44,4 | 45,0 | 45,4 | |
| Торак, тонна | 16,3 | 23,0 | 23,3 | 23,6 | 23,8 | 146,2 |
| Пат, тонна | 5,6 | 11,0 | 11,1 | 11,3 | 11,4 | 202,7 |
| боқимонда хӯрока, тонна | 45,3 | | | | | |
| Равғани растанӣ, тонна | 146,6 | 180 | 185 | 190 | 195 | 133,0 |
| Кунчора, тонна | 738,2 | 1296 | 1332 | 1368 | 1404 | 190,2 |
| КХ «Исмоилов» | | | | | | |
| Равғани растанӣ, тонна | 162,6 | 210 | 215 | 220 | 225 | 138,4 |
| Кунчора, тонна | 992,1 | 1512 | 1548 | 1584 | 1620 | 163,3 |
| Матбаа | | | | | | |
| маҳсулоти ҳархелаи чопӣ, ҳазор варақ | 177,0 | 182,0 | 194,0 | 197,0 | 200,0 | 113,0 |
| Корхонаҳои шахсии аҳолӣ | | | | | | |
| орд, тонна | 919,6 | 1020,0 | 1140,0 | 1230,0 | 1600,0 | 174,0 |
| нон, тонна | 1316,6 | 1410,0 | 1520,0 | 1560,0 | 1580,0 | 120,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хизмати пулакӣ (об, газ, барқ) | | | | | | |
| Об, ҳазор м2 | 235,9 | 306,7 | 490,7 | 834,1 | 1167,8 | 495,0 |
| Газ, ҳазор м2 | 198,5 | 218,4 | 262,0 | 275,1 | 288,9 | 145,5 |
| Барқ, ҳазор квт/соат | 13406,0 | 16757,5 | 21784,8 | 28320,2 | 36816,2 | 274,6 |

### 2.1.2. Соҳибкории хурду миёна

Хусусигардонии моликияти давлатӣ, нишонаи аввалиндараҷаи дигаргунсозиҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар мӯътадилсозии молиявӣ, бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намудани аҳолӣ ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ замина мегузорад.

Соҳаи соҳибкории хурду миёна захираи азими рушди иқтисодии ноҳия маҳсуб меёбад. Соҳибкории хурду миёна дар чунин соҳаҳо, чун савдою маҳсулоттайёркунӣ ва фаъолияти омехта, хизматрасонии маишии аҳолӣ ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ нақши муҳим мебозад. Шумораи ашхосе, ки ба соҳибкорию тиҷорати хурду миёна машғуланд, сол то сол меафзояд. Дар соли 2010 шумораи соҳибкорони тариқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ба 663 нафар баробар гардид, аз ҷумла 529 нафари онҳо бо патент ва 134 нафарашон бо шаҳодатнома фаъолият мебаранд. Соли сипаришуда, аз ҷониби соҳибкорони ноҳияи Зафаробод ба буҷети маҳаллӣ дар ҳаҷми 988,7 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардид.

Барои таъмини рушди босуръати иқтисодиёти ноҳия, дастгирии соҳибкорони дар соҳаи истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғулбуда муҳим мебошад. Дар ноҳия рушди соҳибкорӣ сол аз сол вусъати тоза гирифта, айни ҳол дар ноҳия зиёда аз 18 адад корхонаҳои соҳаи саноат, нақлиёт ва сохтмон фаъолият мебаранд. Шумораи умумии субъектхои хоҷагидорӣ бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ зиёда 206 адад мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қисми бештари соҳибкорони ба қайд гирифташуда, ба фаъолияти тиҷоратӣ ва хизматрасонии нақлиётӣ машғул ҳастанд. Аз рӯи маълумотҳои бадастомада, аз шумораи умумии соҳибкорон, зиёда аз 15 нафар ба фурӯши молҳои саноатӣ ва хӯрокворӣ ва 420 нафар ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ машғуланд. Ин нишон медиҳад, ки ба намудҳои дигари хизматрасонӣ, шумораи хеле ками аҳолӣ машғуланд ва ё онҳо ба андозбандӣ фаро гирифта нашудаанд.

Ба вуҷуди ин, дар ноҳияи Зафаробод раванди зиёд намудани миқдори корхонаҳои соҳибкории хурд ғайриқаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши хеле зиёди шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва бо ин восита дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ, мусоидат намоянд.

*Ҷадвали №11. Шумораи субъектҳои соҳибкорони хурду миёна*

| Соҳаи иқтисодӣ | Шумораи субъектҳои СХМ-и дар қайдбуда | | Амал мекунад | | Ҳиссаҷудокунӣ ба буҷет (дар соли охир) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахси ҳуқуқӣ | Шахси воқеъӣ | Шумораи ҷойҳои корӣ | Сахм дар ҳамагии шуғл | Сомонӣ | % аз пардохти андози умумии СХМ |
| Кишоварзӣ | 140 | 1921 | 11518 | 76,6 | 5256,2 | 63 |
| Саноат | 11 | 1 | 77 | 0,5 | 60 | 0,007 |
| Сохтмон | 7 | | 113 | 0,7 | | |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 86 | 177 | 1 | 68,5 | 0,08 |
| Савдо | 7 | 433 | 566 | 3 | 412,8 | 0,49 |
| Хизматрасонӣ | 6 | 128 | 272 | 2 | 246,4 | 0,02 |
| Хизматрасонии пулакӣ | 5 | | 36 | 0,5 | | |
| Дигарҳо | 14 | 16 | 2235 | 14,8 | 112,2 | 0,01 |
| Ҷамъ: | 194 | 2585 | 15034 | | 6102,1 | 73 |

Омӯзиш нишон дод, ки рушди соҳаи соҳибкории хурду миёна ба рушди инфраструктураи иқтисодӣ, сиёсати дурусти андоз ва андозбандӣ, шаффофияти фаъолияти

институтҳои молиявӣ ва ба дастгирии соҳибкорон аз тарафи давлату ҳукумат такя мекунад. Аз ҷониби дигар, рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ барои истифодаи самараноки потенсиали мавҷудаи иқтисодии ноҳия, чунин сиёсатеро роҳандозӣ намудан лозим аст, ки он ба фаъолсозии рушди соҳибкории хурду миёна замина гузорад. Баланд бардоштани нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна, бояд самти афзалиятнок ба ҳисоб равад.

*Диаграммаи 3. Саҳми соҳибкории хурду миёна дар шуғли аҳолӣ*




**Фаъолияти бонкҳо.** Дар инкишофи соҳибкории хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Айни ҳол, дар ноҳия филиалҳои ҶСК «Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» фаъолият доранд.

Фаъолияти бонкҳои ноҳияи Зафаробод ба талаботи дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010 мутобиқ гардонида шуда, бахри амалӣ намудани Стратегияи миёнамӯҳлати рушди низоми бонкии Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар бонкҳои ноҳия нуктаҳои ивази асъор фаъолият менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот, бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод менамоянд. Бахри рушди соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шӯъбаҳои бонкҳои дар ноҳия фаъолияткунанда, дар давоми соли 2010 дастгирии ҳамаҷониба зоҳир гардид. Сандуқи қарзии бонкҳои ноҳия дар маҷмӯъ 2471 ҳазор сомониро ташкил дод. Аз он ҷумла, дар соли 2010 ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 2023,9 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст. Ба соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла барои рушди соҳибкории хурду миёна зиёда аз 917,2 ҳазор сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст.

Дар соли 2010 аз хориҷи кишвар ба бонкхо 8296,1 ҳазор доллари ИМА маблағ ворид гашта, саривақт дастраси мизоҷон гардонида шуд.

Ҳарчанд ҳаҷми умумии қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда бошад ҳам, вале фоизи онҳо хеле баланд буда, мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ мебошад. Ин бошад, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолот имконият намедиҳад.

*Ҷадвали №12. Маълумоти оиди маблаггузории қарзии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Зафаробод аз тарафи муассисаҳои бонкии ноҳияи Зафаробод дар солҳои 2008- 2010*

| № | Ташкилотҳои қарздиҳӣ | Ҳамагӣ қарзи додашуда | Шумораи қарзгирифтагон | Меъёри истифодаи қарз (аз чанд то чанд) фоиз | Фоизи пардохти маблаґи қарз | аз ҷумла қарзи додашуда | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | кишоварзӣ | саноат | сохтмон | нақлиёт | хӯроки умумӣ | хизматрасонӣ | савдои хориҷӣ | миёнаравии молиявӣ | истеъмолот | дигар соҳаҳо |
| Соли 2008 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Филиали БДА ҶТ "Амонатбонк" | 3432,4 | 350,0 | 14-36 | 20,3 | 863,2 | 1284,2 | | | | | | | | 1285 |
| 2 | Филиали ҶСК "Агроинвестбонк" | 2411,8 | 410,0 | 18-36 | 94 | 1973,3 | | | | | | | | 14,7 | 423,8 |
| | Ҷамъ | 5844,2 | 760,0 | | 57,2 | 2836,5 | 1284 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 14,7 | 1708,8 |
| Соли 2009 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Филиали БДА ҶТ "Амонат-бонк" | 2463,2 | 173,0 | 14-36 | 31,7 | 1209,9 | 623,3 | | | | | | | | 630 |
| 2 | Филиали ҶСК "Агроинвестбонк" | 1195,5 | 98,0 | 14-36 | 96 | 1161,1 | | | | | | | | 24,3 | 10,1 |
| | Ҷамъ | 3658,7 | 271 | | 63,9 | 2371,0 | 623,3 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 24,3 | 640,1 |
| Соли 2010 | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Филиали БДА ҶТ "Амонат-бонк" | 1023,3 | 120,0 | 14-36 | 13,1 | 473,3 | | | | | | | | | 550 |
| 2 | Филиали ҶСК "Агроинвест-бонк" | 1917,8 | 252,0 | 20-36 | 100 | 1550,6 | | | | | | | | 127,6 | 239,6 |
| | Ҷамъ | 2941,1 | 372,0 | | 56,6 | 2023,9 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 127,6 | 789,6 |

Инчунин, дар ноҳия нуқтаҳои хизматрасонии ташкилотҳои хурди қарздиҳии «Имон-Интернейшнл», «Арванд» ва «Оксус», дар ҷамоати шаҳраки Зафаробод ва марказҳои дастгирии дар ҷамоатҳои Ҳ.Алиев, Меҳнатобод ва Равшан воқеъ гардида, ба пешниҳоди қарзҳои хурд машғуланд. Ҳамасола аз ҷониби ин нуқтаҳои хизматрасонӣ, бо мақсади рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия, ба миқдори зиёда аз 5 миллион сомонӣ қарзҳои хурду миёна, ба аҳолӣ дастрас гардонида мешавад.

Лекин фоизи қарзҳои ташкилотҳои қарздиҳии мазкур баланд буда, аз 24 то 32 фоизро ташкил медиҳад, ки ин дар шароити имрӯза барои қарзгирандагон ноқулай буда, боиси рушд наёфтани соҳибкорӣ мегардад.

*Барои рушд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна, амалӣ намудани пешниҳодҳои зерин мусоидат хоҳад кард:*

- вусъат бахшидани фаъолияти Ассосиатсияи соҳибкорону тоҷирони хурду миёна, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқӣ ва моддии онҳо дар назди мақомоти гуногун (ҳокимият, нозироти андоз, гумрук ва ғайра),
- бо ҷалби созмонҳои байналмиллалӣ ба бозомӯзӣ фаро гирифтани соҳибкорони хурд,
- муқаррар намудани имтиёзҳо ба намудҳои соҳибкорие (хоса хизматрасонӣ), ки мардум ба он ниёз доранд (дар ҷудо намудани замин, бино, андозбандӣ ва ғайра);
- фароҳам овардани имконияти гирифтани қарзи бонкии дарозмӯҳлат ба соҳибкороне, ки бо истеҳсоли маҳсулот машғуланд,
- муқаррар намудани имтиёз ба соҳибкороне, ки аз хориҷи кишвар техника ва технологияи истеҳсолӣ ворид менамоянд,
- зина ба зина беҳтар намудани инфрасохтори иқтисодии ноҳия,
- ташкил намудани намояндагии бонкҳои тиҷоратӣ ва фондҳои қарзии хурд дар ноҳия.

*Ҷадвали №13. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолӣ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Бозори истеъмолӣ | 160680,0 | 194565,5 | 213992,0 | 234596,1 | 255368,7 | 158,9 |
| | 160680,0 | 177340,0 | 192158,8 | 211444,7 | 231045,5 | 143,8 |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 119813,5 | 141044,5 | 155123,0 | 170638,8 | 186853,4 | 156,0 |
| | 119813,5 | 129398,6 | 139750,5 | 154424,3 | 169866,7 | 141,8 |
| Аз он ҷумла дар сектори давлатӣ | 1392,6 | 1669,7 | 1870,4 | 2048,2 | 2253,0 | 161,8 |
| | 1392,6 | 1531,9 | 1685,0 | 1862,0 | 2048,2 | 147,1 |
| Сектори ғайридавлатӣ | 118420,9 | 139374,7 | 153252,6 | 168590,6 | 184600,4 | 155,9 |
| | 118420,9 | 127866,7 | 138065,4 | 152562,3 | 167818,5 | 141,7 |
| Ҳамагӣ хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 15109,4 | 17786,8 | 19562,2 | 21032,0 | 22611,8 | 149,7 |
| | 15109,4 | 16318,2 | 17623,6 | 19033,5 | 20556,2 | 136,0 |

*Чадвали №14. Параметрҳои дурнамои рушди СХМ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013г | с2014г | с2015г | |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар | 212 | 220 | 229 | 238 | 248 | 117,0 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 53 | 55 | 57 | 60 | 62 | 117,0 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 212 | 220 | 229 | 238 | 248 | 117,0 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 53 | 55 | 57 | 60 | 62 | 117,0 |
| Шумораи коргарон ( нафар) | 789 | 821 | 853 | 888 | 923 | 117,0 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 7073,5 | 7356 | 7651 | 7957 | 8275 | 117,0 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ , аз ҷумла | 753 | 900 | 1000 | 1100 | 1200 | 159,4 |
| - бо фаъолияти шаҳодатнома ( нафар) | 160 | 200 | 250,0 | 300 | 350,0 | 218,8 |
| -бо патент (нафар) | 593 | 700 | 750,0 | 800 | 850,0 | 143,3 |

*Ҷадвали №15. Параметрҳои дурнамои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисба-ти с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Гардиши савдои хориҷӣ - ҳамагӣ | 11352,2 | 11610 | 11918 | 12976 | 14118 | 124 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Содирот – ҳамагӣ ҳазор долл.) | 10171 | 10546 | 10774 | 11777 | 12819 | 126 |
| Маҳсулоти меваю сабзавот тонна | 3400 | 3570 | 3748,5 | 3935,9 | 4132,7 | 122 |
| ҳазор доллар | 1020 | 1035,3 | 1124,6 | 1220,1 | 1322,5 | 130 |
| Нахи пахта (тонна) | 5945,4 | 7900 | 7970 | 8040 | 8110 | 136 |
| (ҳаз.долл) | 8918,1 | 9330 | 9457 | 10351 | 11276 | 126 |
| Равғани растанӣ (тонна) | 125,0 | 133,8 | 143,1 | 153,1 | 163,8 | 131 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| (ҳаз.долл) | 232,5 | 180,3 | 192,9 | 206,4 | 220,9 | 95 |
| Воридот – ҳамагӣ (ҳазор долл.) | 1181,6 | 1064,2 | 1143,2 | 1199,0 | 1298,0 | 110 |
| Нуриҳои минералӣ (тонн) | 556,2 | 584,0 | 613,2 | 656,1 | 688,9 | 124 |
| (ҳаз.долл) | 300,3 | 129,1 | 155,8 | 147,6 | 206,7 | 69 |
| Сӯзишвории дизелӣ (тонна) | 38 | 39,9 | 41,9 | 44,0 | 46,2 | 122 |
| (ҳаз.долл) | 21,3 | 15,9 | 16,7 | 17,5 | 18,4 | 86 |
| Семент (тонна) | 980,0 | 1033,9 | 1090,8 | 1145,3 | 1202,6 | 123 |
| (ҳаз.долл) | 56,3 | 59,3 | 62,6 | 65,7 | 69,0 | 123 |
| Воситаҳои нақлиёт (тонна) | 0,18 | 0,19 | 0,20 | 0,21 | 0,22 | 122 |
| (ҳаз.долл) | 355,8 | 373,6 | 392,2 | 411,8 | 432,4 | 122 |
| Чӯбу тахта (м3) | 386,0 | 602,2 | 638,3 | 663,8 | 690,4 | 179 |
| (ҳаз.долл) | 158,3 | 246,9 | 261,7 | 285,4 | 283,1 | 179 |
| Саққои оҳанин (тонна) | 173,0 | 179,1 | 185,3 | 194,6 | 204,3 | 118 |
| (ҳаз.долл) | 49,7 | 51,5 | 53,3 | 55,9 | 58,7 | 118 |
| Равғани молиданӣ ( тонна) | 4,5 | 4,7 | 4,9 | 5,1 | 5,4 | 119 |
| (ҳаз.долл) | 7,4 | 7,7 | 8,0 | 8,4 | 8,8 | 119 |

### 2.1.3. Кишоварзӣ

Ноҳияи Зафаробод дар водии Фарғона ҷойгир буда, яке аз минтақаҳои пешрафтаи аграрии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамояд.

Майдони умумии заминҳои кишти ноҳия 31068 гектарро ташкил медиҳад, ки дар он ҳамасола кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад. Самти асосии фаъолияти кишоварзони ноҳия пахтакорӣ ва истеҳсоли дигар намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошад.

*Ҷадвали №16. Шумораи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Зафаробод*

| Ҷамоатҳо | Хоҷагиҳои давлатӣ | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | х/д инфиродӣ | х/д ёрирасон | хоҷ. ҷамоавӣ | Ҳамагӣ хоҷагиҳо | Бо % | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Зотпарварӣ | Ҷангал | | | | | | Хоҷагиҳои аҳолӣ | х/д инфиродӣ | х/д ёрирасон | хоҷ. Ҷамоавӣ |
| Зафаробод | | | 4137 | 307 | 11 | 31 | 4486 | 92,2 | 6,8 | 0,2 | 0,7 |
| Меҳнатобод | | | 2514 | 316 | 4 | 32 | 2866 | 87,7 | 11,0 | 0,1 | 1,1 |
| Ҳ.Алиев | | | 1591 | 770 | 5 | 6 | 2372 | 67,1 | 32,5 | 0,2 | 0,3 |
| Равшан | | | 2720 | 553 | 3 | 18 | 3294 | 82,6 | 16,8 | 0,1 | 0,5 |
| А.Ҷомӣ | | 1 | 1250 | 147 | 1 | 39 | 1438 | 86,9 | 10,2 | 0,1 | 2,7 |
| **Ҳамагӣ:** | - | 1 | 12212 | 2093 | 24 | 126 | 14456 | 84,5 | 14,5 | 0,2 | 0,9 |

*Диаграммаи 4. Теъдоди хоҷагиҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Зафаробод*



Дар ноҳия 24 ассосиатсияҳои истифодабарандагони об ва зиёда аз 2243 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ амал мекунанд.

Дар охири соли 2010 дар ноҳия 1 хоҷагии ҷангал, 2093 хоҷагиҳои инфиродӣ, 24 хоҷагиҳои ёрирасон ва 126 хоҷагиҳои ҷамоавӣ ба қайд гирифта шудааст.

Иқлими ноҳия ниҳоят континенталӣ буда, зимистонаш се моҳ тӯл мекашад. Миқдори боришот кам буда, барои кишту кор мусоидат менамояд. Беҳтарин мавсими кишт барои ноҳия тирамоҳу баҳор ба ҳисоб меравад.

Обёрии заминҳои ноҳия бо тарзи сунъӣ амалӣ мегардад. Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия тавассути 12 пойгоҳҳои обкашии пуриқтидор ва 2 канали магистралӣ бо оби полезӣ таъмин мегарданд.

Дар соҳаи кишоварзӣ қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ноҳия фаъолият менамоянд. Рушди иктисодиёти ноҳия, асосан аз соҳаи кишоварзӣ замина мегирад, зеро 99,5 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Зафаробод ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст.

Самтҳои асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ, сабзавоту полезӣ ва чорводорӣ мебошанд.

Ба санаи 1 январи соли 2011 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ дар ноҳия 33575 гектарро ташкил намуда, аз он 31068 га (92,5%) заминҳои корам мебошад, аз ҷумла 30967 га (92,2%) заминҳои корами обӣ, 642 га (2,0%) майдони дарахтони бисёрсола, 732 га (2,1%) чарогоҳ ва 1133 га (3,4 %) майдони заминҳои боир мебошад.

*Ҷадвали №17. Истифодаи коммуникатсионии замин*

| № б/т | Истифодабарии заминҳо | Масоҳат, га |
|---|---|---|
| | Шумораи заминистифодабарандагон (нафар) | 2325,0 |
| 1 | Майдони умумии заминҳо | 44097,0 |
| 1.1 | Аз ҷумла: замини обӣ | 35806,0 |
| 2 | Замини корам | 31068,0 |
| 2.1 | аз ин замини обӣ | 30967,0 |
| 3 | Драхтҳои бисёрсола | 642,0 |
| 3.1 | аз ин: обӣ | 642 |
| 3.2 | Боғот | 496 |
| | Аз ҷумла обӣ | 496 |
| 3.3 | Токзор | 89 |
| | Аз ҷумла обӣ | 89 |
| 3.4 | Тутзор (ҳамаш обӣ) | 37 |
| | Аз ҷумла обӣ | 37 |
| 3.5 | Дарахтзор, ниҳолпарваришгоҳ (ҳамаш обӣ) | 16 |
| 4 | Заминҳои боир | 1133 |
| 4.1 | аз ин: обӣ | 967 |
| 5 | Заминҳои алафдарав | |
| 6 | Чарогоҳ | 732 |
| 6.1 | аз ин чарогоҳи тобистона | |
| 6.2 | баҳорию тирамоҳӣ | |
| 6.3 | давоми сол | 732 |
| | Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ: | 33575 |
| | аз ин обӣ | 32576 |
| | Шумораи хонавода | 12212 |
| 1 | Заминҳои наздиҳавлигӣ | 1614 |
| | аз онҳо: заминҳои обӣ | 1286 |
| 1.2 | Замини корам | 1058 |
| | аз ин: замини обӣ | 1058 |
| 1.3 | Дарахтони бисёрсолаи мевадиҳанда | 228 |
| | аз чумла обӣ | 228 |
| 1.4 | Иморатҳо ва дигар заминҳо | 328 |
| 2 | Заминҳои хоҷагӣ ё шахсӣ (ҳамаш обӣ) | 1052 |
| 2.1 | аз чумла обӣ | 1052 |
| 3. | Ҷангалу бешазор | 802 |

| | | |
|---|---|---|
| 3.1. | аз онҳо: майдони дарахтдор | |
| 3.2 | Майдони бедарахт | |
| 3.3. | Ниҳолпарваришгоҳҳо | |
| 3.4. | Бешаҳо ва ҷангалзори муҳофизати киштзор | 892 |
| 3.5. | Дигар дарахтони муҳофизӣ | |
| | аз ин обӣ | 892 |
| 4. | Бутазор | |
| 5. | Ботлоқҳо | 12 |
| 6. | Заминҳои зери об | 2389 |
| 6.1. | аз ҷумла: дарёҳо наҳрҳо | |
| 6.2. | Кӯлу баҳрҳо | |
| 6.3. | Обанбору ҳавзҳо | |
| 6.4. | Каналҳо, ҷӯйборҳо ва заҳбуру заҳкашҳо | 2389 |
| 7. | Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 999 |
| 8. | Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо | 1446 |
| 9. | Дигар заминҳо | 2118 |
| 9.1. | Қумзор | |
| 9.2. | Ҷарҳо | |
| 9.3 | Ярчу шағалдор | |
| 9.4. | Пиряхҳо | |
| 9.5. | Дигар заминҳое, ки дар кишоварзӣ истифода намешаванд | 2118 |

*Диаграммаи 5. Истифодабарии замин дар ноҳияи Зафаробод*




Соли 2010 аз заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 29264 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуда, аз ин майдони кишти пахта 11923 га, майдони кишти ғалладонагиҳо 8418 га, майдони кишти сабзавот 1091 га, майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 6127 га, майдони кишти полезӣ 652 га, майдони кишти растаниҳои равғандеҳ 851 га ва майдони кишти картошка 188 га-ро ташкил дод.

Дар ин давра 341 га заминҳои корам кишт нагардидааст ва дар сурати истифода бурдани ин миқдор замин, ноҳия метавонист ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро зиёд намуда, даромади иловагӣ гирад.

Ноҳия тамоми намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводориро истеҳсол менамояд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 нисбати соли 2009 ба андозаи 10 фоиз афзоиш ёфта, ба ҳар сар аҳолӣ 276 кг ғалладонагиҳо, 327 кг сабзавот, 200 литр шир, 21,3 кг гӯшт ва 30 дона тухмро рост додааст.

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 99,7 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс ба соли 2009 ба андозаи 13,7 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2010 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 73,7 фоизро ташкил додааст.

Дар ин давра 17416 тонна пахта, 16596 тонна ғалладона, 19667 тонна сабзавот, 933 тонна мева ва 102 тонна ангур истеҳсол шуда, ҳосилнокии зироатҳои растанипарварӣ мутаносибан ба 14,9 сентнер, 19,1 сентнер, 174,8 сентнер, 19,6 сентнер ва 9,2 сентнер расонида шуд.

*Диаграммаи 6. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Зафаробод*




*Ҷадвали №18. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар солҳои 2005-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | ҳазор сомонӣ | 55800 | 79244 | 123302 | 11469 | 120421 | 132481 |
| | Аз ҷумла: растанипарварӣ | ҳазор сомонӣ | 46056 | 62250 | 93612 | 80624 | 85930 | 97693 |
| | Чорводорӣ | ҳазор сомонӣ | 9744 | 16994 | 29590 | 32845 | 34491 | 34788 |
| 1 | Ғалладонагӣ | тонна | 13009 | 12716 | 13052 | 8217 | 16022 | 16596 |
| | Замини кишт | га | 6665 | 6448 | 6976 | 7080 | 7056 | 8418 |
| | Ҳосилноки | сентнер | 19,5 | 19,7 | 18,7 | 11,6 | 22,7 | 19,7 |
| 2 | Пахта | тонна | 30039 | 27695 | 23793 | 15621 | 16691 | 17416 |
| | Замини кишт | га | 16503 | 15834 | 16017 | 14188 | 11403 | 11923 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 18,2 | 17,5 | 14,9 | 11,0 | 14,6 | 14,6 |
| 3 | Сабзавот | тонна | 11174 | 11788 | 16653 | 11494 | 16997 | 19667 |
| | Замини кишт | га | 744,0 | 770,0 | 951,0 | 801,0 | 907,0 | 1091,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 150,2 | 153,1 | 175,1 | 143,5 | 187,4 | 180,3 |
| 4 | Картошка | тонна | 460,0 | 1761,0 | 1259,0 | 1300,0 | 1880,0 | 2774,0 |
| | Замини кишт | га | 37,0 | 139,0 | 100,0 | 118,0 | 167,0 | 188,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 124,3 | 126,7 | 125,9 | 110,2 | 112,6 | 147,6 |
| 5 | Меваҷот | тонна | 72,0 | 216,0 | 121,0 | 665,0 | 661,0 | 933,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 8,1 | 8,4 | 5,1 | 24,9 | 19,0 | 19,6 |
| 6 | Ангурпарварӣ | тонна | 149,0 | 210,0 | 446,0 | 107,0 | 103,0 | 102,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 9,5 | 13,4 | 29,0 | 10,8 | 8,0 | 9,2 |
| 7 | Хӯроки чорво | тонна | 9495 | 8940 | 11604 | 13845 | 16051 | 16125 |
| | Замини кишт | га | 5137,0 | 2654,0 | 3482,0 | 4983,0 | 5321,0 | 6127,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 18,5 | 33,7 | 33,3 | 27,8 | 30,2 | 26,3 |
| 8 | Полезӣ | тонна | 1674,0 | 2242,0 | 2118,0 | 2901,0 | 7734,0 | 9864,0 |
| | Замини кишт | га | 171,0 | 185,0 | 151,0 | 198,0 | 469,0 | 652,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 97,9 | 121,2 | 140,3 | 146,5 | 164,9 | 151,3 |
| 9 | Шолипарварӣ | тонна | 36,0 | 153,0 | 428,0 | 193,0 | 617,0 | 1078,0 |
| | Замини кишт | га | 82,0 | 61,0 | 164,0 | 92,0 | 232,0 | 387,0 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 4,4 | 25,1 | 26,1 | 21,0 | 26,6 | 27,9 |
| | Маҳсулотҳои чорводорӣ | | | | | | | |
| 1 | Гӯшт | тонна | 1003 | 1034 | 1040 | 1257 | 1268 | 1277 |
| | Шир | тонна | 9772 | 9870 | 11537 | 11579 | 11970 | 12004 |
| | Тухм | тонна | 800 | 915 | 1390 | 1536 | 1617 | 1826 |
| | Асал | тонна | 11 | 11 | 38 | 38 | 41 | 42 |
| | Пилла | тонна | 29 | 19 | 6 | 19 | 10 | 6 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар тӯли солҳои 2005-2010 афзудааст, аз ҷумла ғалладонагиҳо 0,2 сентнер, сабзавот 30,1 сентнер, меваҷот 11,5 сентнер нисбати соли 2005 зиёд шудааст, лекин дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли пахта 3,6 сентнер кам гардидааст.

*Диаграммаи 7. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар соли 2010*




Гарчанде ҳосилнокии ин намуди зироатҳо баланд гардида бошад ҳам, аммо тибқи меъёрҳои агротехникӣ ҳосилнокӣ аз ҳар як гектар ғалладонагиҳо 10 сентнер, картошка 25 сентнер ва ҳосилнокии пахта 9 сентнер кам буда, сабаби асосии кам гардидани он, дар давраи тирамоҳу баҳор набудани оби полезӣ мебошад.

Бо сабаби норасоии қувваи барқ дар ин мавсимҳо ба кор даровардани пойгоҳҳои обкашӣ ғайриимкон мегардад. Дар ҳолати 15 рӯз дар давраи тирамоҳ (дар моҳи ноябр) ва 20 рӯз пештар дар фасли баҳор (дар моҳи апрел) бо оби полезӣ таъмин гардиданашон, хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба миқдори 1855 ҳазор сомонӣ барои истифодаи барқ ва дигар хароҷотҳои пойгоҳҳои обкашӣ, маблағ сарф менамоянд. Дар ин ҳолат, ҳосилнокии зироатҳо баланд гардида, истеҳсоли ғалладонагиҳо 5000 тонна ва пахта 6000 тонна зиёд гашта, дар маҷмӯъ бо нархҳои имрӯза 31995 ҳазор сомонӣ даромад ба даст меояд, ки нисбати хароҷотҳои ба оби полезӣ сарф гардида 30140 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии майдони кишти ғалладона солҳои охир хеле назаррас мебошад. Барои зироатҳои ғалладонагӣ дар соли 2010 - 8418 га кишт карда шуда буд, ки ин 29 фоизи майдони умумии заминҳои киштро ташкил медиҳад. Соли 2011 барои иҷрои ин мақсад 7460 га замин ҷудо карда шудааст, ки ин 25,5 фоизи майдони умумии киштро ташкил медиҳад.

**Пахтакорӣ.** Соҳаи пахтакорӣ соҳаи асосии кишоварзии ноҳия ба хисоб меравад. Рушди соҳаи саноати ноҳия аз соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад.

*Ҷадвали №19. Нишондиҳандаҳои соҳаи пахтакорӣ*

| Солҳо | Майдон (га) | Ҳосилнокӣ, с/га | Истеҳсол, тонна |
|---|---|---|---|
| 2002 | 14481 | 20,3 | 29374 |
| 2003 | 15934 | 17,6 | 28120 |
| 2004 | 16468 | 18,1 | 29820 |
| 2005 | 16503 | 18,6 | 30039 |
| 2006 | 15834 | 18,6 | 27695 |
| 2007 | 16071 | 15,5 | 23793 |
| 2008 | 14188 | 12,2 | 15621 |
| 2009 | 11403 | 15,2 | 16690 |
| 2010 | 11923 | 14,9 | 17415 |

Умуман, ҳосилнокии соҳаи пахтакорӣ агар дар соли 2007 ба ҳисоби миёна 15,5 сентнерро ташкил намуда бошад, дар ҷамбасти соли 2010 ҳосилнокии пахта ба 14,9

сентнер расидааст, ки нисбат ба соли 2007 0,6 сентнер кам мебошад. Яке аз сабабҳои ин пастравӣ, саривақт дастрас нагардидани маблағ ва сол аз сол паст гардидани сатҳи киштгардон намудани заминҳо мебошад. Ин ҳолат боиси зиёд гаштани қарзи хоҷагиҳои кишоварзӣ гашта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир соҳаи пахтакорӣ рӯ ба таназзул ниҳодаст. Ин ҳолат ислоҳоти ин соҳаро, яъне зиёд кардани майдони кишти пахта ва аз ҳар як гектар баланд бардоштани ҳосилнокии пахтаро тақозо менамояд.

Дар воқеъ солҳои охир дар ноҳияи Зафаробод афзоиши ҳаҷми истеҳсоли сабзавот, картошка, ғалладонагиҳо ва полезиҳо назаррас мебошад.

***Богу токпаварӣ*** низ дар солҳои охир, яке аз самтҳои асосии кишоварзии ноҳия маҳсуб ёфта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Оиди ин масъала «Барномаи мақсадноки давлатӣ оиди рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2007-2010», аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд.

Мақсади асосии Барнома, барқарор намудани майдони боғу токзорҳои кӯҳна, иваз намудани навъҳои камҳосилу пастсифат ба навъҳои серҳосилу хушсифати ба талаботи иқтисодӣ бозоргони ҷавобдиҳанда, дар асоси бунёди боғҳои нав зиёд намудани майдони боғу токзор ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо мебошад.

Мувофиқи Барномаи номбурда дар солҳои 2007-2009 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия мебоист 18 га боғ ва 12 га токзори нав бунёд мегардид. Дар асл бошад, дар мудати се сол дар ноҳия 38 га боғ ва 12,9 га токзори нав бунёд карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои дахлдори Барномаи зикргардида 20,9 га зиёд мебошад.

Дар давоми солҳои 2007-2009 тибқи Барнома, мебоист 27 га боғу токзорҳо аз нав барқарор мегардиданд. Дар асл бошад, дар давоми 3 сол 172,4 га боғу токзорҳои кӯҳна барқарор карда шуданд, ки ин нисбат ба нақша 145,4 га зиёд мебошад.

Зиёд намудани майдони боғу токзорҳои нав ва барқароркунии онҳо, боиси баландшавии ҳосилнокии боғҳо гардидааст. Агар дар соли 2007 дар ноҳия 29 тонна мева истеҳсол шуда бошад, пас дар соли 2010 дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия истеҳсоли мева ба 487 тонна расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 2007 - 458 тонна зиёд мебошад.

Дар соли 2009 дар хоҷагиҳои ноҳия 27,4 ҳазор дона ниҳолҳои мевадиҳанда, 92,6 ҳазор дона дарахтони ороишию сояафкан ва 19,3 ҳазор қаламчаи дарахтони гуногун шинонида шудааст.

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарвари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ва қарори раиси вилояти Суғд аз 17 сентябри соли 2009 №242, ба нақша гирифта шуда буд, ки дар соли 2010 дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Зафаробод 400 га боғ ва 50 га токзори нав бунёд карда шавад. Дар асл бошад, ба санаи 1 январи соли 2011 хоҷагиҳои кишоварзӣ дар якҷояги бо аҳолӣ, дар майдони 394 га боғ ва дар 56 га токзори нав бунёд кардаанд, ки дар натиҷаи он дар хоҷагиҳои ноҳия то 1 январи соли 2011 - 487 тонна мевагиҳо ва 26 тонна ангур истеҳсол карда шуд.

*Ҷадвали №20. Маълумот оид ба шумораи ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ороишӣ дар ниҳолхонаҳои хоҷагии ҷангали ноҳияи Зафаробод дар солҳои 2008-2010*

| № | Воҳиди ченак | Номгӯи ниҳолҳо | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бех | Себ | 2400 | 10000 | 1100 |
| 2 | Бех | Бодом | 27190 | 28400 | 27600 |
| 3 | Бех | Зардолу | 9200 | 91600 | 92800 |
| 4 | Бех | Шафтолу | 1680 | 31000 | 41800 |
| 5 | Бех | Гелос | - | 1400 | |
| 6 | Бех | Тут | 69500 | 51100 | 51100 |
| 7 | Бех | Чормағз | - | 3200 | 1980 |
| 8 | Бех | Олучабандак | - | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9 | Бех | Олуча | - | - | 3900 |
| 10 | Бех | Ток | 4100 | 2000 | |
| 11 | Бех | Дулона | - | - | - |
| 12 | Бех | Анор | - | - | - |
| 13 | Бех | Ҷигда | 180 | 100 | 400 |
| 14 | Бех | Хуч | 11750 | 756000 | 797000 |
| | | Ҳамагӣ мевадиҳанда | 126000 | 974800 | 1017680 |
| 15 | Бех | Сафедор | 48100 | 32000 | 9200 |
| 16 | Бех | Сузанбарг | 127450 | 156500 | 259620 |
| 17 | Бех | Акатсия | - | - | - |
| 18 | Бех | Ороишӣ | 850 | 350 | 4300 |
| | | Ҳамагӣ: | 302400 | 1163650 | 1290800 |

**Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ, ин ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз соли 1992 инҷониб хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Зафаробод техникаи кишоварзии нав дастрас нанамудаанд.

*Ҷадвали №21. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ*

| № | Номгуи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 643 | 531 | 82,6 |
| | Аз ҷумла; шудгоркунанда | 120 | 92 | 76,7 |
| 2 | Автомобилҳо | 165 | 86 | 52,1 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 12 | 9 | 75,0 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 312 | 239 | 76,6 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 5 | 1 | 20,0 |
| 6 | Алафчамкунакҳо | 1 | | |
| 7 | Тойбандакҳо | 8 | 2 | 25,0 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 143 | 126 | 88,1 |
| 9 | Култиваторҳо | 214 | 178 | 83,0 |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 135 | 120 | 88,8 |

Аз 643 адад тракторҳои дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мавҷудбуда 531 адад ба кор омода буда, 112 ададашон корношоям мебошанд ва аз ин шумора 76,7% тракторҳои шудгоркунда ба кор омода мебошанд. Дар баробари ин, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита мусоидат мекунад. Аз сабаби хело фарсуда будан ва корношоям гардидани техникаҳои мавҷуда, дар аксарияти хоҷагиҳои ноҳия корҳои агротехникӣ дар муҳлатҳои оптималӣ гузаронида намешаванд. Соли 2009 аз тарафи КВД «Тоҷикагролизинг»-и ҷумҳурӣ дар ноҳия як марказӣ хизматрасонии техникаи кишоварзӣ ташкил карда шуда буд, вале аз сабаби гаронии нархи хизматрасонӣ ва набудани маблағ, аксарияти хоҷагиҳо бо ин корхона ҳамкорӣ карда натавонистанд. Айни замон бахри рушди соҳаи лизинги техникаи кишоварзӣ, дар ноҳия корҳо идома дорад.

**Низоми обёрӣ**. Ноҳияи Зафаробод дар миқёси вилоят, яке аз ноҳияҳои бо тариқи мошинӣ обёришаванда мебошад. Дар ноҳия тамоми заминҳои обёришаванда бо воситаи пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ мешаванд. Обёрии заминҳои ноҳия ва таъминот бо оби полезӣ бо тарзи сунъӣ, тавассути 12 стансияҳои насосии обкашии пуриқтидор, ки дар як вақт 47 метри мукааб обро ба баландии 90 метр мекашанд ва бо воситаи 2 канали магистралии обёрӣ, ки ҳар яке 62-65 км тул кашидаанд, ба роҳ монда шудааст.

Давоми солҳои охир, шароити кории пойгоҳҳои обкашии ноҳия паст шуда истодааст. Сабаб дар он, аст ки айни замон дар қаъри замин ва заҳбурҳо об кам шудааст. Ҳолати кории заҳкашҳо ғайриқаноатбахш гаштааст. Аз ин лиҳоз, ҳолати мелиоративии заминҳо низ ғайриқаноатбахш шуда истодааст ва ин омил ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2005 №236, «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷа оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои

обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2019» ва қарори Раиси вилояти Суғд №71 аз 14 июни соли 2006, ҳамасола аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи хизмати обрасонӣ, барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда маблағҳо ҷудо мешаванд, аммо ҳаҷми маблағҳои чудошаванда нокифоя мебошад.

Ҳолати иқтисодӣ ва молиявии идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Зафаробод вазнин буда, аз 190 адад чоҳҳои амудии мелиоративӣ, 41-тоаш коршоям мебошад ва боқимонда 149-адад чоҳҳои амудӣ, аз сабаби норасогии таҷҳизотҳои зарурӣ кор намекунанд. Инчунин, бо сабаби маҳдудияти қувваи барқ онҳо дар як сол танҳо 4 моҳ кор мекунанд. Айни замон тибқи ҳисоби мутахассисон барои таъмири 1 адад чоҳи амудӣ, ба ҳисоби миёна 15 ҳазор доллари ИМА маблағ лозим мебошад.

Дар ҳолати ба кор даровардани як адад чоҳи амудӣ, зиёда аз 20 гектар заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ таъмин гардида, қариб 20 нафар шаҳрвандон бо ҷои кори доимӣ таъмин карда мешаванд. Дар ин раванд, даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ зиёд гардида, ба ҳисоби миёна дар як сол, аз ҳисоби як ҳосил, ғайр аз хароҷотҳо, қариб 12 ҳазор доллари ИМА фоидаи соф ба даст меоранд. Ҳамин тавр, таъмир намудани чоҳҳои амудӣ имкон медиҳад, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ, ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ ва беҳтар гардидани шароити зисти хоҷагидорон шароит фароҳам гардад.

Масъалаи дигари ҳалталаби низоми обёрӣ, таъмир ва барқарор намудани иншоотҳои обченкунии каналҳои ТМ-1 ва ТМ-2 мебошад.

Дар баробари он 7 адад дастгоҳҳои обкашӣ, 197 адад иншоотҳои обгирӣ ва 21 адад обченкунакҳо ба таъмиру тармим ниёз доранд.

Тайи 2 соли охир, танҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллии ноҳияи Зафаробод 258 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 180 ҳазор метри мукааб заҳбурҳо тоза карда шудаанд. Инчунин, дар солҳои 2006-2007 аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонии хоҷагии давлатии оби ноҳия 217 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот шуда, 62 км заҳбурҳо тоза карда шудаанд.

Канали магистралии ТМ-1, ки 45 км дарозӣ ва зиёда аз 60 гӯшаҳои обтақсимкунӣ дорад, ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта сохта шудааст. Канали мазкур барои обёрии зиёда аз 11,0 ҳазор гектар заминҳо пешбинӣ карда шудааст ва айни ҳол дар ҳолати ногувор қарор дошта, таъмирталаб мебошад.

Барои таъмири канали мазкур, аз рӯи ҳисоби пешакии мутахассисон зиёда аз 150 ҳазор доллари ИМА маблағ лозим мебошад, аммо бо сабаби маҳдуд будани имкониятҳои молиявии ноҳия, ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, дар шароити имрӯза имконнопазир аст.

Дар ҳолати таъмири канали ТМ-1 мувофиқи маълумотҳои мутахассисони соҳа 4,30 млн м3 оби полезӣ сарфа карда шуда, 420 га замин бо оби полезӣ пурра таъмин карда мешавад. Дар натиҷа 520 нафар бекорон соҳиби ҷои кор гардида, зиёда аз 8,0 ҳазор тонна ғаладонагиҳо ё дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ рӯёнида мешавад. Аз ин ҳисоб ба буҷети ноҳия андоз бештар ворид шуда, шароити зисти аҳолии ноҳия беҳтар мешавад.

Мавриди зикр аст, ки гӯшаҳои обтақсимкунӣ ва иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагиҳо, ки дарозии онҳо 150 км-ро ташкил медиҳад, айни замон таъмирталаб гардидаанд.

Канали магистралии ТМ-2, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия тавассути он обёрӣ карда мешаванд, алҳол дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба таъмир ниёз дорад. Барои таъмири канали мазкур, аз рӯи ҳисоби мутахассисони соҳа зиёда аз 210 ҳазор доллари ИМА маблағ лозим мебошад, ки барои таъмири он аз ҳисоби хизматрасонӣ ё буҷет ҷудо намудани маблағҳо айни ҳол имконнопазир мебошад.

Дар ҳолати таъмири канали ТМ-2, мувофиқи маълумотҳои фаврӣ 10 миллиону 80 ҳазор м3 оби полезӣ сарфа карда шуда, 5495 гектар замин бо оби полезӣ пурра таъмин карда мешавад ва 2898 нафар бекорон соҳиби ҷои кор гардида, аз як ҳосил зиёда аз 20 ҳазор тонна ғалладонагиҳо ё дигар намуди маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ рӯёнида мешавад. Аз ин ҳисоб, дар давоми як сол 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ андоз ба буҷет ворид гардида, ин омил барои беҳдошти шароити иқтисодии 9 ҳазор нафар аҳолии ноҳия мусоидат менамояд.

Баъди таҷдиди хоҷагиҳои калони кишоварзӣ (собиқ колхозу совхозҳо), иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагиҳо бесоҳиб монда, қубуру гидрантҳо тамоман аз кор баромаданд. Дар натиҷа, ҳангоми тақсимоти оби полезӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ гардида, тақсимоти об нодуруст мегардад ва хоҷагиҳое, ки дар поёноб ҷойгир шуданд аз сабаби норасогии оби полезӣ зарари калон мебинанд.

Айни ҳол, тақсимоти оби полезии дохили хоҷагиҳо ба дӯши Ассосиатсияи истифодабарандагони об (АИО) гузошта шудааст, аммо он аз сабаби надоштани маблағ ва техникаҳои лозимӣ иншоотҳои гидротехникиро таъмир карда наметавонад ва ҳангоми тақсимоти об, миқдори зиёди оби полезӣ талаф меёбад.

Барои таъмири иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагӣ, маблағҳои зиёд лозим мебошад, аммо дар шароити имрӯза ассосиатсияҳо наметавонанд бо қувваи худ аз ҳисоби ҷамъоварии ҳаққи хизмати обрасонӣ, ин иншооҳоро таъмир намоянд.

Дар ҳолати таъмири иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагӣ, тақсимоти одилонаи об ба роҳ монда шуда, вазъи молиявии хоҷагиҳои поёноб беҳтар мешавад ва талафоти оби полезӣ низ кам мегардад.

То аввали солҳои 90-уми асри гузашта, тамоми гӯшаҳои обтақсимкунии каналҳои ТМ-1 ва ТМ-2 бо воситаи пулт-автомат идора карда мешуд. Танҳо як танзимгар лозим буд, ки тамоми оби каналҳоро дар пулти марказӣ нишаста, обро ба гӯшаҳои обгузар тақсим кунад. Дар ҳолати номӯътадил кор кардани пойгоҳҳои обкашӣ, ҳамин танзимгар бо ҳамроҳи сардорони каналҳо, оби дар каналҳо бударо мувофиқи гӯшаҳо кам ё зиёд мекарданд.

Ҳоло «Идораи хоҷагии оби ноҳияи Зафаробод» аз ӯҳдаи барқарор намудани ин низоми идоракунии тақсимоти об намебарояд, зеро барои барқарор намудани он маблағи нисбатан зиёд лозим мебошад.

Агар ин низоми идора намудани об барқарор карда шавад, оби дар каналҳо буда, мунтазам ҷорӣ мешавад, хоҷагиҳои дар охири каналҳо буда, бо оби полезӣ таъмин шуда, талафоти об дар каналҳо гашта, имкониятҳои молиявӣ ва шароити зисти аҳолии ноҳия беҳтар мегардад.

Дар мувозинаи «Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Зафаробод», пойгоҳи обкашии «Ленинобод» бо 4 агрегат, пойгоҳи обкашии «40-солагии Тоҷикистон» бо 5 агрегат, пойгоҳи обкашии «Пахтакор» бо 2 агрегат ва пойгоҳи обкашии «ГНС-4» бо 4 агрегат қарор дошта, ҳамаи онҳо дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта сохта ба истифода дода шудаанд. Мӯҳлати истифодабарии онҳо кайҳо гузашта, айни ҳол онҳо дар ҳолати фарсудагӣ қарор доранд. Барои бо пуррагӣ таъмир намудани онҳо маблағҳои махсусан зиёд лозим аст.

Дар натиҷаи пурра таъмир намудани пойгоҳҳои обкашӣ, ҳамаи агрегатҳои пойгоҳи обкашӣ бо иқтидори пурраашон ба кор даромада, заминҳои кишоварзӣ бо оби полезӣ пурра таъмин шуда, ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқ баланд гардида, даромади молиявӣ ва шароити зисти хоҷагидорон беҳтар мешавад.

Ҳолати мелиоративии қариб 1669 га майдони заминҳои ноҳияи Зафаробод ғайриқаноатбахш мебошад. Барои барқарор намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, 105 км заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагӣ ва байни хоҷагиро тозаву барқарор намудан лозим мебошад. Барои иҷрои ин корҳо, мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ 830 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст.

Корҳои дар боло зикр шуда, асосан дар ҳудуди ассосиатсияҳои истифодабарандагони оби Сароб, М.Абдуллоев, Канз, Логин, 40-солагии Зафаробод, Сарчашма, Оби Ҳаёт ва Обшор дида мешавад.

Барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ, буҷаи ҷумҳуриявӣ ва ҳаққи хизматрасонии об, маблағҳо ҷудо мешаванд вале он нокифоя мебошад.

Агар ҳолати мелиоративии 1000 га замин беҳтар карда шавад, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд гардида, зиёда аз 500 нафар шаҳрванд бо ҷои кори доимӣ таъмин мешавад, шароити зиндагониашон беҳтар мешавад ва аз ин ҳисоб ба буҷети ноҳия маблағҳои зарурӣ ба намуди андоз ворид гардида, бозори дохилӣ ва беруна аз маҳсулотҳои кишоварзӣ фаровон мешавад.

Бо дарназардошти нокифоягии таъминоти об ва таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, бо мақсади истифодаи оқилонаи об ва баҳри пешгирӣ ва рӯй надодани нофаҳмиву муноқиша байни хоҷагиҳои сершумори деҳқонӣ, дар вақти таъминот бо оби полезӣ, зарурияти таъсиси ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ба миён омада буд. Аз солҳои 2004-2005 сар карда, дар ноҳия 24 адад ассотсиатсияи истифодабарандагони об ва 1 адад Шӯрои ассотсиатсияи истифодабарандагони об таъсис дода шуд, ки 2243 хоҷагиҳои деҳқонию кооперативҳои истеҳсолиро муттаҳид намуда, айни замон фаъолият намуда истодаанд. Ғайр аз ин, дар ноҳия 2 корхона – «Идораи хоҷагии давлатии об» ва «Идораи давлатии пойгоҳҳои обкашии ноҳия», ба хоҷагиҳои ноҳия хизмат расонида, онҳоро бо оби полезӣ таъмин менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки «Идораи давлатии истифодабарии пойгоҳҳои обкашии Мирзочӯл (ИДИПОМ) ба номи А. Қосимов» дорои 10 пойгоҳи бузурги обкашӣ мебошад. Миқдори дастгоҳҳои обкашии он 41 адад буда, аз он 19 тояш дастгоҳҳои азими обкашианд, ки дар як сония 5 – 6,5 метри мукааб об мекашанд. Оби баровардашуда бо воситаи каналҳои ТМ-1 ва ТМ-2, ки иқтидори онҳо мутаносибан 15 ва 35 м3/с мебошад, ба муштариён расонда мешаванд. Майдони умумии заминҳои обёришаванда бештар аз 28000 га мебошад.

Барои ҳалли масъалаи дарёфти маблағҳо баҳри таъмиру барқарорсозии иншоотҳои афзалиятноки соҳаи обёрии ноҳия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафарободро лозим аст, ки бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ дар соҳаи обёрӣ фаъолиятдошта ва дигар сармоягузорони потенсиалӣ, ҳамкорӣ намуда, лоиҳаҳои инвеститсионӣ таҳия намоянд ва барои дарёфти манбаи маблағгузорӣ, ба онҳо пешниҳод намоянд.

*Ҷадвали №22. Ҳолати истеҳсол ва таъмини оби полезӣ дар ИДИПОМ*

| Солҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Оби кашида, ҳ. м3 | 1052198 | 1018228 | 881821 | 970298 | 823147 |

Аз сабаби сол то сол фарсуда шудани пойгоҳҳо, кашидани ҳаҷми зарурии оби полезӣ торафт кам шуда истодааст ва барои ҳалли ин масъала андешидани чораҳои зарурӣ оид ба дарёфти воситаҳои иловагии молиявӣ зарур мебошад.

Барои ин, нахуст заминаи моддию техникии пойгоҳҳои обкаширо мустаҳкам намудан зарур аст. Бояд зина ба зина иваз намудани қисмҳои фарсудаю корношоями муҳаррикҳо ва дастгоҳҳои обкашӣ, қубурҳои баландфишор ва таҷҳизоти барқии пойгоҳҳо ба нақша гирифта шаванд. Дар баробари бозсозии дастгоҳҳои бузурги обкашӣ, эҳёи куллии пойгоҳҳои хурду миёнаи ДВГНС, ГНС-3, ГНС-3А ва КВ-1 бояд дар мадди назар бошад, то ки ҳангоми кам будани талабот ба об, ба ҷойи дастгоҳҳои бузург дастгоҳҳои хурд корандозӣ шаванд.

Самти муҳими дигар дар ҳалли ин масъала, иҷрои таъмири асосии каналҳои обтаъминкунанда, каналҳои магистралии ТМ-1 ва ТМ-2 ва иншооти гидротехникии онҳо, насби воситаҳои ченкунии об ва умуман такмили механизми обтақсимкунӣ ва рӯёнидани ҳаққи хизматрасонии об мебошад.

Ин ду самти асосӣ, ки мо номбар кардем, дар сурати татбиқ шудан, имконият медиҳанд, ки коэффитсиенти истифодаи муҳаррикҳо ва дастгоҳҳо, маҳсулнокии пойгоҳҳои обкашӣ афзояд, исрофи об чӣ дар пойгоҳҳо ва чӣ дар каналу даҳанаҳо коста гардад ва дар фарҷоми мавсим нерӯи барқ сарфа гашта, корхонаи хоҷагии об бо зиёни ночиз ё фоида солро ҷамъбаст намояд. Мутассифона, имрӯз суръати кор баръакс гардидааст. Агар ИДИПОМ дар соли 2010 ба маблағи 8304,8 ҳазор сомонӣ оби полезӣ дода бошад, сарфи нерӯи барқ дар ҳамин давра бо нархи имтиёзнок 4860,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки 58,5 % арзиши маҳсулоти асосии корхонаро дарбар мегирад. Ин фоизи назаррас аст. Агар хароҷотҳои ҷории корхонаро ба болои он зам кунем, барои бозистеҳсолкунии иқтисодии корхона маблағи ночиз мемонад. Умуман маблағи хароҷоти барқ назаррас аст ва агар вазорату ташкилотҳои дахлдори ҷумҳурӣ, масъалаи барои пойгоҳҳои обкашии Зафаробод арзон ё ки бепул намудани нерӯи барқро ҳал накунанд, ин корхонаҳо ҳамоно зараровар мемонанд.

*Ҷадвали №23. Мисоли харочоти барқ дар чанд соли охир*

| Солҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Харочоти нерӯи барқ, ҳ. кВт.с | 423472,4 | 373999,8 | 346232,0 | 361242,0 | 294685,2 |
| Арзиш, сомонӣ | 2664744,77 | 3444329,16 | 11976328,6 | 14527341,73 | 4612663,03 |

**Мушкилиҳои соҳаи обёрӣ.**

Заҳбуру заҳкашҳо, ки дарозии умумиашон 666 км аст, аз сабаби норасогии маблағҳои зарурӣ, сари вақт тоза карда намешавад.

Ҳолати иқтисодӣ-молиявии идораҳои хоҷагии давлатии об ва пойгоҳҳои обкашии ноҳия вазнин мебошад.

Паст будани сатҳи музди меҳнати коргарони идораи об ва аз ҳамин сабаб аз кор рафтани мутахассисон.

Дар ҳолати ғайриқаноатбахши техникӣ қарор доштани стансияҳои обтаъминкунӣ.

Ба таъмири куллӣ ниёз доштани 17 адад дастгоҳҳои обкашии пойгоҳҳои обкашӣ, 197-адад иншоотҳои обгирӣ, 21 адад обченкунакҳо ва 141 адад чоҳҳои амудӣ.

Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани қубурҳои баландфишори пойгоҳҳои обкашии «ГНС-1», «Ленинобод» ва «Пахтакор».

Таъмирталаб гаштани каналҳои магистрали ТМ-1 ва ТМ-2.

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосӣ дар ин самт, беҳтар намудани ҳолати кории пойгоҳҳои обкашӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 1669 гектар заминҳо, бо мақсади афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ба кор таъмин намудани аҳолии ноҳия, мебошад.

**Тадбир ва вазифаҳои зарурӣ барои расидан ба ин ҳадаф.** Эҳё ва такмил додани инфраструктураи мавҷудаи соҳа. Эҳё намудани парки нақлиёти одамкашон, боркаш ва заминков, таъмин намудани алоқаи боэътимоду ҳозиразамон байни пойгоҳҳо, байни ИДИПОМ ва ҷаҳони беруна тавассути шабакаи интернет, мукаммал гардондани базаи саноатӣ, такмили механизми таъминот, истифодаи дастовардҳои муосири низоми идоракунӣ ва ахборот, беҳтар намудани шароити кор ва зиндагии коргарон, пурра ва ҷавон намудани сафи мутахассисон аз ҳисоби ҷалби ҷавонон аз берун, барои онҳо сохтани хобгоҳҳо, боғчаи бачагон, беҳтар намудани шароити мактабу беморхона, бунёди хатти оби нӯшокӣ, гази табиӣ ва ғ. аз ҳамин қабил масъалаҳо мебошанд.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо, яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 26,3 фоизро ташкил менамояд. Дар соли 2010 хоҷагиҳои кишоварзӣ дар якҷоягӣ бо аҳолии ноҳия, ба андозаи 34,8 млн. сомонӣ маҳсулоти чорводорӣ истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2009 0,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар ноҳия дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ, зиёда аз 29679 саршумори моли калони шохдор, аз ҷумла 16982 сар модагов, 65683 сар моли майда, 258 сар асп ва 77882 сар мурғ мавҷуд аст, вале афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбати талабот дар сатҳи паст қарор дорад.

Аз ҷадвал бармеояд, ки сол аз сол зиёдшавии саршумори чорво хеле назаррас буда, соли 2010 нисбат ба соли 2007 суръати афзоиши саршумори чорвои калон 107,7%, бузу гӯсфанд 100,5% ва мурғ 133,7%-ро ташкил додаст.

Аз рӯи натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки аз нисф зиёди хоҷагиҳои хонагӣ ба сифати сарчашмаи даромад, фурӯши ҳайвони калони шохдор ва фурӯши бузу гӯсфандро нишон додаанд.

Бинобар ин, барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва бо мақсади иҷро намудани «Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво», дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 таҳти №501 «Дар бораи барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво», дар ноҳия қарори дахлдор қабул карда шудааст.

Дар шароити ҳозираи соҳаи кишоварзӣ, ривоҷ додани аспparварӣ барои мардуми маҳал яке аз соҳаҳои зарурӣ ба шумор меравад. Ба ин мақсад дар ноҳия дар доираи

ичроиши «Барномаи рушди соҳаи аспparварӣ барои солҳои 2009-2016» дар як катор хоҷагиҳо парвариши асп ба роҳ монда шудааст. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, ба санаи 1 январи соли 2011 ҳамагӣ дар ноҳия 258 сар асп парвариш карда мешавад.

*Диаграммаи 8. Саршумори умумии чорво дар ноҳияи Зафаробод*




*Ҷадвали №24. Саршумори умумии чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2007/2010% |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Чорвои калон | 24147 | 29616 | 29677 | 29679 | 107,7 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 65235 | 65383 | 65403 | 65683 | 100,5 |
| 3. Мурғ | 51647 | 61496 | 63016 | 77882 | 133,7 |
| 4. Асп | 288 | 289 | 258 | 258 | 93,0 |

Дар солҳои охир соҳаи чорводорӣ дар баъзе хоҷагиҳои сектори ҷамъиятӣ зиёновар гашта, ҳамасола зиёни он 20-30 фоизро ташкил медиҳад.

Дар охири соли 2010 дар ноҳия 29679 сар чорвои калон, аз он ҷумла 16982 сар модагов мавҷуд буд. Давоми як сол ба ҳисоби миёна аз ҳар як модагов ба миқдори 1500-1600 литр шир ҷӯшида шуда, дар 3 сол 1 сар насл гирифта шудааст. Ҷиҳатиривоҷ додани соҳаи чорводорӣ, пеш аз ҳама бояд зотҳои чорвои калони шохдорро бо зотҳои сиёҳ-ало иваз намуд. Дар натиҷаи иваз намудани зотҳо ба ҳисоби миёна аз ҳар як модагов дар як сол 3500-3600 литр шир ҷӯшида шуда, дар 1 сол 1 сар насл гирифта мешавад.

Дар ноҳия дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 65683 сар чорвои майда (гӯсфанду буз) парвариш карда мешавад ва аз ҳар як сар 40-50 кг гӯшт истеҳсол мегардад. Бояд қайд намуд, ки чорвои майдаи ноҳия пурра зоти чойдорӣ мебошад ва шароити имрӯза тақозо менамояд, ки зоти ин намуди чорворо низ давра ба давра ба зоти «Ҳисорӣ» иваз намоем. Дар ҳолати ворид намудани 1000 сар чорвои майдаи зоти «Ҳисорӣ» имконият фароҳам меояд, ки аз ҳар як сар чорвои майда 70-80 кг гӯшт истеҳсол гардад.

Барои бартараф намудани ин камбудӣ андешидани чораҳои:

– зиёд ва ғанӣ гардонидани кишти зироатҳои хӯроки чорво,
– зиёд намудани кишти заминҳои растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво,
– барои хушзот намудани чорво ташкил намудани базаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда,
– бартараф намудани камшавии саршумори чорво дар хоҷагиҳо зарур мебошад.

**Моҳипарварӣ** барои ноҳия яке аз соҳаҳои нав ва муфид ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди соҳа қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 таҳти №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» қабул карда шудааст. Оиди ин масъала, қарори раиси ноҳия аз 6 марти соли 2009 №58 ба тавсиб расида, нақша-чорабинӣ тартиб дода шудааст ва иҷроиши он зери назорати доимӣ қарор дорад. Мувофиқи нақша-чорабинии мазкур, бояд то соли 2015 дар ноҳия соҳаи моҳипарварӣ ташкил карда шавад. Дар ноҳия имконият ва шароити ташкили соҳаи моҳипарварӣ тариқи ташкили ҳавзҳои моҳипарварӣ дар заминаи кооперативи истиҳсолии «Деҳқон»-и ҷамоати Меҳнатобод аз ҳисоби обҳои зеризаминӣ мавҷуд мебошад.

Дар баробари соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва моҳипарварӣ, соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ мавқеи хоса дорад.

**Занбуриасалпарварӣ.** Солҳои охир дар ноҳия занбӯриасалпарварӣ низ, ривоҷ ёфта, ассотсиатсияи занбӯрпарварон ташкил карда шудаст. Дар хоҷагиҳои ноҳия баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №338 «Дар бораи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи замбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Раиси вилояти Суғд аз 14 марти соли 2006 №72 оиди ҳамин масъала, корҳои муайяне ба сомон расонида шудааст. Дар натиҷа, соли 2008 миқдори оилаҳои замбӯри асал дар ноҳия ба 1910 адад расонида шуд, ки ин нисбат ба солҳои гузашта 36 оила зиёд мебошад. Дар соли 2010 бошад, миқдори оилаи замбӯри асал дар ноҳия ба 1920 оила расонида шуд, ки ин нисбат ба солҳои гузашта 46 оила зиёд мебошад ва аз он дар соли 2010 42 тонна асал истеҳсол карда шуд, ки ин ба ҳар як оилаи занбури асал 21,4 кг рост меояд. Иқлими ноҳия барои рушд намудани соҳаи занбурпарварӣ, мусоид мебошад. Зеро дар ноҳия аз ҳисоби гули пахта, беда, сиёҳдона ва ғайраҳо, базаи хӯрокворӣ ва маводи ғизоӣ мавҷуд мебошад. Аз ин бармеояд, ки дар ноҳия имконияти ташкили 5000 оилаи занбӯр мавҷуд буда, дар асоси он имконияти истеҳсоли 75 тонна асал мавҷуд мебошад. Ҷиҳати ривоҷ додани ин соҳа дар ноҳия базаи моддӣ-техникиро тавассути ассосиатсияи занбӯрпарварон пурқувват намудан лозим аст. Зеро ҳавасмандгардонии занбӯрпарварон аз тарафи ассосиатсияи занбӯрпарварони ноҳия бо сабаби набудани маблағ, ба роҳ монда нашудааст. Инчунин барои парвариши ин миқдор оилаҳои занбӯри асал, дар фасли зимистон барои нигоҳубин намудани занбӯри асал маводҳои хӯрокворӣ ва барои пешгирии касалиҳои зараррасон доруворихо ва маблағҳои зарурӣ лозим мебошад.

Ҷиҳати аз бонкҳо гирифтани қарз барои соҳаи мазкур имтиёзҳо мавҷуд бошанд ҳам, лекин мӯҳлати қарзҳо кам ва фоизи қарзҳо баланд мебошад.

*Ҷадвали №25. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ-ҳамагӣ | 157799,1 | 197445,4 | 201232,5 | 203785,0 | 205838,7 | 130,4 |
| | 157799,1 | 178683,6 | 184617,0 | 189567,4 | 196036,8 | 124,2 |
| аз он чумла: | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 107254,8 | 138364,3 | 140900,2 | 142251,7 | 143645,9 | 133,9 |
| | 107254,8 | 125216,6 | 129266,3 | 132327,2 | 136805,7 | 127,6 |
| Чорводорӣ | 50544,3 | 59081,0 | 60332,2 | 61533,3 | 62192,7 | 123,0 |
| | 50544,3 | 53467,0 | 55350,7 | 57240,3 | 59231,2 | 117,2 |

Аз ин лиҳоз, бо назардошти гуфтаҳои боло ҳадафҳои асосӣ дар соҳаи чорводорӣ, паст кардани зиёни истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва афзоиш додани даромаднокии он, зиёд намудани саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии соҳаи чорво ва ташкили базаи маҳсулоти хӯроки чорво, рушди

соҳаи занбӯри асалпарварӣ, рушди соҳаи моҳипарварӣ, ташкили фермаҳои хурд барои нигоҳдории чорвои хурду калон, бунёди корхонаҳои хурд оиди коркарди пашму пӯст, мебошад.

Татбиқи тадбирҳои овардашуда дар бахши рушди кишоварзӣ имконият медиҳад, ки маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, амнияти озуқаворӣ таъмин карда шавад ва иқтидори содиротии соҳаи мазкур афзун гардад.

Мувофиқи дурнамо, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бояд то соли 2015 ба 205,8 млн сомонӣ расонида шавад, ки афзоиши он нисбати соли 2011-ум 130 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №26. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз руи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2011– 2015 (ба ҳисоби аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | | | | | | |
| Ғалладона-с/га | 12,7 | 20,3 | 20,6 | 21,1 | 21,3 | 167,5 |
| аз ҷумла гандум-с/га | 8,8 | 22,7 | 23,2 | 23,2 | 23,2 | 265,0 |
| Пахта-с/га | 14,5 | 16,7 | 16,8 | 17,0 | 17,0 | 116,9 |
| Картошка-с/га | 170,2 | 170 | 191,4 | 191,6 | 191,8 | 112,7 |
| Сабзавот-с/га | 186,1 | 200,5 | 201,6 | 207,5 | 210,9 | 113,3 |
| Полезии хӯрокворӣ-с/га | 158,1 | 161,7 | 163,3 | 163,8 | 164,6 | 104,1 |
| Мевагӣ-с/га | 26,0 | 26,3 | 26,6 | 27,0 | 27,3 | 104,9 |
| Ангур-с/га | 20,3 | 20,9 | 21,1 | 21,3 | 21,7 | 10,7 |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар вазни физикӣ | | | | | | |
| Ғалладона-тонна | 6533 | 15400 | 15600 | 15800 | 16100 | 246,4 |
| аз ҷумла гандум тонна | 3063 | 10916 | 11105 | 11118 | 11468 | 374,4 |
| Пахта, тонна | 19310 | 23000 | 23200 | 23400 | 23400 | 121,2 |
| Картошка, тонна | 2903 | 3060 | 3540 | 3640 | 3740 | 128,8 |
| Сабзавот, тонна | 18859 | 20850 | 22740 | 24300 | 25200 | 133,6 |
| Полезии хӯрокворӣ тонна | 13921 | 15200 | 15350 | 15400 | 16300 | 117,1 |
| Мевагӣ, тонна | 1310 | 1420 | 1450 | 1650,0 | 1800 | 137,4 |
| Ангур, тонна | 181 | 205 | 215 | 260 | 300 | 165,7 |
| Маҳсулотнокии саршуморӣ чорво ва парранда, ҳазор сар | | | | | | |
| Маҳсулотнокии саршуморӣ чорво ва парранда, ҳазор сар | | | | | | |
| Ҳайвони калони шохдор сар | 29739 | 30800 | 31830 | 32200 | 33200 | 111,6 |
| аз шумораи Ҳ.К.Ш. модагов сар | 16982 | 17200 | 17350 | 17600 | 17850 | 105,1 |
| Бӯзу гӯсфанд сар | 66644 | 69600 | 70450 | 71000 | 73000 | 109,5 |
| Парранда- сар | 78932 | 81300 | 83739 | 86251 | 88839 | 112,6 |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ бо вазни физикӣ (вазни мутлақ) | | | | | | |
| Гӯшти чорво ва парранда бо вазни зинда тонна | 1279 | 1356 | 1395 | 1456 | 1515 | 118,5 |
| Шир, тонна | 12054 | 12720 | 13329 | 13600 | 13970 | 115,9 |
| Тухм, ҳазор дона | 2284 | 2350 | 2410 | 2440 | 2470 | 108,1 |
| Пашм бо вазни физикӣ тонна | 59 | 59 | 60 | 63 | 65 | 110,2 |
| Пилла, тонна | 7 | 18 | 18 | 18 | 18 | 257,1 |
| Асал, тонна | 43 | 44 | 44 | 44 | 44 | 102,3 |

## Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Зафаробод

*Ҷадвали №27*

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ) | СОЛҲО 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **САНОАТ** | | | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатҳи рушди саноати ноҳия | 1. Коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ | 1.1. Ташкили сехи хурди пиёзхушккунӣ дар шаҳраки Ҳ.Алиев; | 90 | | | | 90 | | МИМХД | Сармояи хориҷӣ | Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ то соли 2016 тақрибан ба 100 млн. сомонӣ.. Афзоиши ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ ба қисми даромади буҷети ноҳия то соли 2016 то 50%. Афзоиши шумораи ҷойҳои нави кории аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ташкилгардида (то соли 2016 ба 2250 ҷойи корӣ). |
| | | 1.2. Ташкили сехи истеҳсоли собун дуртар аз макони аҳолинишин дар ҷамоати Ҷомӣ. (Аз ҳисоби партовҳои корхонаҳои равганбарорӣ); | 300 | | | | | 300 | МИМХД | Аз ҳисоби соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.3. Сохтмони корхонаи коркарди пахта дар ҷамоати Зафаробод (бо иқтидори коркарди 3000 тонна пахта); | 2250 | 2250 | | | | | МИМХД | Аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ | |
| Ҷамъ дар соҳаи саноат | | | 2640 | 2250 | 0 | 0 | 90 | 300 | | | |
| **СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА** | | | | | | | | | | | |
| **Ҳадаф** | **Вазифаҳо** | **Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ** | **СОЛҲО 2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **Масъул** | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Натиҷаи нишондиҳандаҳо** |
| Беҳтар намудани фазои соҳибкории хурду миёна | 1. Зиёд намудани ҳаҷми гардиши мол дар соҳаи СХМ | 1.1.Ташкил намудани сехи хурди истеҳсоли ҳасибҳо ва маҳсулотҳои ширӣ дар шаҳраки Гулистони ҷамоати Равшан | 300 | | | 150 | 150 | | МИМХД | Соҳибкорони маҳаллӣ | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар бахши СХМ то соли 2016 то 60%. Зиёд гардидани ҳаҷми пардохтҳои бахши СХМ ба буҷети ноҳия (то соли 2016 то ба 8 млн. сомонӣ) |
| | | 1.2. Ташкил намудани сехи хурди истеҳсоли консерва ва шарбатҳо | 450 | | | | 200 | 250 | МИМХД | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 1.3. Сохтмони меҳмонхона ва чойхонаи миллӣ дар шаҳраки Зафаробод | 1100 | - | - | 400 | 400 | 300 | МИМХД | Соҳибкорони маҳаллӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1.4. Бунёди нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ, маишӣ ва фарогатӣ дар ноҳияи Зафаробод | 1500 | - | - | 500 | 500 | 500 | МИМҲД | Соҳибкорони маҳаллӣ | Афзоиши шумораи ҷойҳои кории нави аз ҳисоби СХМ таш-килгардида то соли 2016 ба 4500 адад |
| | | 1.5. Сохтмони мааҳои тиҷоратӣ, озуқаворӣ ва масолеҳи сохтмонӣ дар н.Зафарobod | 1350 | - | - | 450 | 450 | 450 | МИМҲД | Соҳибкорони маҳаллӣ | |
| Ҷамъ дар соҳаи СХМ | | | 4700 | - | - | 1500 | 1700 | 1500 | | | |
| **КИШОВАРЗӢ** | | | | | | | | | | | |
| **Ҳадаф** | **Вазифаҳо** | **Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ** | **СОЛҲО** | | | | | **Масъул** | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Нишондиҳандаҳои пешбинишуда** |
| | | | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | | | |
| 1. Баланд бардоштани даромаднокии соҳаи хоҷагии қишлоқ | 1.Баланд бар-доштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | 1.1 Таъмиру барқарорсозии 25 адад чоҳҳои амудӣ | 1750 | 240 | 300 | 360 | 400 | 450 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Маблагҳои худӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2016 ба 199 млн. сомонӣ<br><br>Васеъ намудани майдони заминҳои обёришаванда то соли 2016 ҳамасола то ба 50га.<br><br>Афзоиши шумораи ҷойҳои нави кори ташкилгардида то соли 2016 ба 15000 адад.<br><br>Афзоиши майдони заминҳои нави обёрӣ то 8500 га,<br><br>Сарфа гардидани оби полезӣ то соли 2016 ба миқдори 15 млн м3 .<br>Зиёд гардидани ҳосилнокии зироатҳо то соли |
| | | 1.2 Таъмиру тармими канали магистралии ТМ-1 | 675 | 20 | 55 | 150 | 220 | 230 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Маблагҳои худӣ, сармояи дохилӣ | |
| | | 1.3 Таъмиру тармими канали магистралии ТМ-2 | 990 | 50 | 100 | 180 | 300 | 360 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Маблагҳои худӣ, сармояи дохилӣ | |
| | | 1.4 Таъмири 3 адад агре-гати пойгоҳи обкашии "40-солагии Тоҷикистон" | 1350 | 70 | 210 | 300 | 350 | 420 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Номуайян | |
| | | 1.5 Таъмири 2 адад агре-гати пойгоҳи обкашии "Ленинобод" | 1150 | 50 | 150 | 270 | 320 | 360 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Номуайян | |
| | | 1.6 Таъмири 10 адад аг-регати пойгоҳи обкаши ДВГНС | 4725 | 175 | 450 | 700 | 1500 | 1900 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои | Номуайян | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | обкашӣ | | 2016 то 65%, аз ҷумла ҳосилнокии пахта – аз 15 то 21 с/га. Ғалладонагихо – аз 20 то 30 с/га Сабзавот – аз 160 то 300 с/га Полезиҳо – аз 200 то 300 с/га. Аз худ намудан ва ба гардиши кишоварзӣ дохил намудани 150 гектар заминҳои бекорхобидаи ҷамоати Меҳнатобод ва Равшан. Зиёд намудани шумораи ашхоси бешуғле, ки ба шуғл фаро гирифта мешавад то соли 2016 то ба 5000 адад. Беҳтар намудани ҳолати заминҳои ҳолаташ ғайриқонатбахш то соли 2016 то 1000 гектар. |
| | | 1.7 Таъмири 6 адад агрегати пойгоҳи обкашии ГНС-3 | 3600 | 120 | 270 | 600 | 1200 | 1410 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Номуайян | |
| | | 1.8 Таъмири пойгоҳи обкашии КВ-1 | 2860 | | | 510 | 1000 | 1350 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Номуайян | |
| | | 1.9 Барқарор ва тозаю таъмири 105 км заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагӣ ва байни хоҷагӣ. | 837 | 40 | 60 | 120 | 250 | 367 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Маблағҳои худӣ, буҷети маҳаллӣ, | |
| | 2. Мунтазам дар вақти мавсим таъмин намудани кишоварзон бо оби полезӣ | 2.1 Барқарор намудани системаи пулт-автомати обтақсимкунӣ | 2250 | | | 300 | 800 | 1150 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Номуайян | |
| | | 2.2 Барқарор намудани 170 адад гӯшаҳои обтақсимкунӣ ва 150 км иншоотҳои гидротехникии дохили хоҷагиҳо | 445 | 15 | 30 | 70 | 150 | 180 | Раёсати кишоварзӣ ва ИДХО ва пойгоҳҳои обкашӣ | Сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | 3. Таъмини хоҷагиҳо бо техникаҳои кишоварзӣ, сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ | 3.1 Мустахкам намудани базаи техникӣ: ташкил намудани МТС, харидани техникаи кишоварзӣ (25-адад трактор, 25-адад СХУ, 25-адад КХУ) | 4950 | 450 | 900 | 900 | 1350 | 1350 | Раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва худи хоҷагиҳо | |
| | | 3.2 Ташкил намудани хоҷагии тухмипарварӣ ва сехҳои заҳролудкунии тухмӣ | 120 | | | | | 120 | Раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва худи хоҷагиҳо | |
| | 4. Зиёд намудани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ | 4.1 Паст намудани таъсири ҳашаротҳои зараррасон ба зироатҳои кишоварзӣ | 1530 | 90 | 360 | 360 | 360 | 360 | Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ, | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 4.2 Ташкили 5 адад гармхона дар 5 ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия | 1350 | | 270 | 270 | 270 | 540 | Раёсати кишоварзӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | 5. Рушди соҳаи занбӯрпарварӣ | 5.1 Ташкили 3000 оилаи занбӯр | 1035 | 90 | 180 | 225 | 270 | 270 | МИХД, раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби аҳолӣ | |
| | 6. Ривоҷ додани хушзоткунии чорво | 6.1 Харидорӣ намудани 500 сар модагови калони шохдори зоти сиёҳ-ало | 3375 | 450 | 675 | 675 | 675 | 900 | Раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва аҳолӣ | |
| | | 6.2 Харидорӣ намудани 1000 сар чорвои майдаи зоти "Ҳисорӣ" | 2250 | 90 | 450 | 540 | 585 | 585 | Раёсати кишоварзӣ | Аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва аҳолӣ | |
| Ҷамъ дар соҳаи кишоварзӣ | | | 35242 | 1950 | 4460 | 6530 | 10000 | 12302 | | | |
| Ҳамагӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла | | | 42582 | 4200 | 4460 | 8030 | 11790 | 14102 | | | |
| Буҷети маҳаллӣ | | | 837 | 40 | 60 | 120 | 250 | 367 | | | |
| Буҷети вилоятӣ | | | - | - | - | - | - | - | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | | | 1530 | 90 | 360 | 360 | 360 | 360 | | | |
| Сармояи хориҷӣ | | | 2185 | 15 | 300 | 340 | 510 | 1020 | | | |
| Аҳолӣ ва соҳибкорон, х/д | | | 21945 | 3640 | 2660 | 4530 | 5300 | 5815 | | | |
| Норасогии маблаг | | | 16085 | 415 | 1080 | 2680 | 5370 | 6540 | | | |

# БОБИ 3. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Тандурустӣ

Айни замон, мутобиқи принсипҳои умумии қабулгардидаи СМР ва СПКСК, мақсади асосии соҳаи тандурустӣ аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Тибқи нишондиҳандаҳои омори тандурустӣ, ба санаи 1 январи соли 2011 шумораи умумии занони синни ҳомиладорӣ дар ноҳияи Зафаробод 11304 нафар мебошад.

*Ҷадвали №28. Шумораи таваллудшудагон дар муассисаҳои тандурустӣ ва дар шароити хона, шумораи фавти модарон дар ноҳияи Зафаробод*

| Нишондодҳо | 2008 | 2009 | 2010 | с.2010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 1503 | 1581 | 1716 | 114,2 |
| Таваллудшудагон дар таваллудхона | 1355 | 1532 | 1650 | 121,8 |
| Таваллуд дар шароити хона | 148 | 49 | 66 | 44,6 |
| Фавти кӯдакони то 1-сола | 22 | 29 | 18 | 81,8 |
| Мурдатаваллуд | 13 | 10 | 17 | 130,8 |
| Шумораи фавти модар (шумора ба 100 ҳазор зинда таваллудшуда) | | | | |

Ҳодисаҳои фавти модарон дар ноҳияи Зафаробод солҳои охир кам гаштааст. Яке аз сабабҳои дар сатҳи паст қарор доштани саломатии занони синну соли ҳомиладорӣ ба он вобаста аст, ки дар ноҳия занон фосилаи байни таваллудро риоя наменамоянд (25-30% аз шумораи умумии таваллудшудагон) ва ин шаҳодат медиҳад, ки аксарияти занон аз масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва банақшагирии оила хабардор нестанд. Мутахассисони маҳаллӣ сабаби дигари сатҳи пасти саломатии модаронро дар он мебинанд, ки онҳо дар шароити хона таваллуд мекунанд. Дар ноҳия дар байни занон бемории камхунӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст ва он пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки занони ҳомиладор дар вақти ҳомиладорӣ хӯроки серғизо ва дуруст истеъмол наменамоянд ва ҳамчунин оид ба масъалаҳои пешгирии ин беморӣ маълумоти дуруст ва кофӣ надоранд.

Нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар ноҳияи Зафаробод дар солҳои охир нисбати нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон беҳбудӣ ба назар расида истодааст ва ин раванд ба маҷмӯи барномаҳои эмкунӣ алоқамандии зич дорад. Сатҳи фавти кӯдакон дар ноҳия нисбати нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ кам мебошад.

*Ҷадвали №29. Шумораи таваллуд ва фавт дар солҳои 2007-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Таваллуд | 1320 | 1493 | 1581 | 1580 |
| 2 | Фавти кӯдакони то 14-сола | 21-15,9 | 31-20,7 | 42-26,5 | 26-16,4 |
| 3 | Фавтидагони то 1-сола | 15-11,3 | 24-16 | 27-17 | 17-10,7 |

Шумораи фавтидагон дар солҳои 2010 нисбат ба солҳои 2007 мутаносибанд зиёд шудааст. Дар ноҳия шумораи таваллуд дар давоми 5-соли охир афзудааст ва дар 3 соли охир ба ҳисоби миёна тақрибан 5974 кудак ба дунё омадааст. Афзоиши шумораи аҳолӣ нисбат ба соли 2007 дар соли 2010 аз ҳисоби занҳои бори аввал ҳомиладоргардида, зиёд шудааст.

Боиси хушнудӣ аст, ки нишондиҳандаҳои нобудшавии кӯдакон дар давоми 3 соли охир аз 11,3% то 10,7% паст шудааст. Сабаби он, иҷрои саривақтии барномаҳои тандурустӣ, ХБК, эмгузаронӣ, синамаконӣ ва иҷрои дигар чорабиниҳои самаранок мебошад.

Сатҳи фавти кӯдакон нисбат бо нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ дар ноҳия 17,7% паст мебошад.

*Ҷадвали №30. Бемориҳое, ки сабаби асосии фавти навзодон гаштаанд*

| № | Бемориҳо | Бо фоиз |
|---|---|---|
| 1 | Паталогияи перинаталӣ | 72,7% |
| 2 | Дарунравӣ | 3,0% |
| 3 | БШРН | 4,8% |
| 4 | Бемории ирсӣ | 18,1% |
| 5 | Ғайра | 3 % |

Фавти навзодон аз 5,3% дар соли 2007 то 7,5% дар соли 2010, афзудааст. Нишондиҳандаҳои фавти бармаҳали кӯдакон нисбат ба нишондиҳандаҳои вилояти Суғд (21,9%) паст буда, сабаби асосии он номукамал будани низоми қайди аслии фавти кӯдакон мебошад.

Аз ин лиҳоз, барои беҳтар намудани маърифатнокии аҳолӣ, ҷоннок намудани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба пешгирии ҳаргуна бемориҳо дар байни аҳолӣ, самаранок кор бурдан дар байни занҳои қобили таваллуд ва ҳомиладорон барои пешгирии фавти модар ва кудак – сари вақт ба қайд гирифтан, муолиҷа намудан ва пешгирии оризаҳо, беҳтар намудани фаъолияти кормандони КАТС, момопизишкҳо ва момодояҳо, беҳтар намудани кори Маркази солимии репродуктивӣ, зарур мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ ва дигар намуди бемориҳо**. Таҳлили ҳолати феълӣ нишон медиҳад, ки дар давраи даҳсолаи охир, имкониятҳои хадамоти санитарию эпидемиологӣ, дар қиёс бо сохторҳои дигари соҳаи тандурустӣ кам шудаанд. Маълумотҳои расмии оморӣ оид ба сатҳи паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ вазъи воқеиро инъикос наменамоянд. Дар ҷадвали зер динамикаи суръати афзоиши ходисаҳои баъзе бемориҳои сироятӣ (шумораи мутлақ) оварда мешавад.

*Ҷадвали №31. Шумораи мутлақи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2007-2009 (нафар)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | с.2010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Бемориҳои сил | 125 (50) | 128 (39) | 115(50) | |
| Бемории вараҷа | | | | |
| Бемории брутселёз | 18 | 13 | 15 | 83,3 |
| ВИЧ/СПИД | 6 | 6 | 11 | 183,3 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо (укусқ и ослюнение) | 221 | 341 | 327 | 148,0 |
| Бемории домана | | | | |
| Исҳоли хунин (дизентерия) | 22 | 29 | 24 | 109,1 |

Нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳурӣ дар соли 2009 нишондиҳандаҳои бемории сил 22 промилле камтар буда, шумораи беморони гелминтоз бошад 182,3 промилле зиёдтар гаштааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин, бемориҳои сироятии зикргардида (ба ҷуз вараҷа, ки дар давоми чанд соли охир ба қайд гирифта нашудааст) тамоили афзоиш доранд. Омили асосии паст гаштани сатҳи бемориҳо, ин беҳтар шудани корҳои профилактикӣ ва ташхисӣ, бахусус ташхиси лаборатории ин бемориҳо мебошад.

*Ҷадвали №32. Коэффисиэнти бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2008-2010 (промилле)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | с.2010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Бемориҳои сил | 103,5 | 67,8 | 84,7 | |
| Бемории вараҷа | 56300 | 56789 | | |
| Бемории брутселёз | 31,9 | 22,8 | 25,3 | 79,3 |
| ВИЧ/СПИД | 10,6 | 10,5 | 18,6 | 175,5 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо (укусқ и ослюнение) | 392,5 | 600,4 | 553,0 | 140,9 |
| Бемории домана | - | - | - | - |
| Исҳоли хунин (дизентерия) | 39,0 | 51,0 | 40,5 | 103,8 |

Дар ноҳияи Зафаробод шумораи бемориҳои сироятӣ зиёд гардидааст. Сабабҳои асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ, маълумоти дуруст ва кофӣ надоштани аҳолӣ оид ба пешгирии касалиҳои сироятӣ, сатҳи пасти заминаи хизматрасонии идораи санитарию эпидимологии ноҳия, сари вақт ташхис нагардидани беморон, махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастрасӣ надоранд (аз ҷумла аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, шахсони аз озодӣ маҳрум гаштаи мубталои бемории сил ва СПИД), сатҳи пасти имкониятҳои молиявии шаҳрвандон, нархи гарони хизматрасониҳои тиббӣ ва доруворӣ, маҳдудияти таъминоти оби тозаи нӯшокӣ баҳри аксарияти аҳолӣ, дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани мавзеъҳои санитарӣ ва ҷамъоварию безараргардонии партовҳо мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар байни аҳолии ноҳия шумораи бемориҳои шадиди роҳи нафас (ШРН), астма, касалии рӯда, касалии дил, фишори хун зиёд мебошад. Сабабҳои асосии ин бемориҳо ба он вобаста аст, ки беморон саривақт табобат намегиранд, ба фарбеҳшавӣ мусоидат менамоянд, нӯшокиҳои спиртӣ ва тамоку истеъмол менамоянд, ҳамчунин аҳолӣ оид ба масъалаҳои пешгирии чунин бемориҳо маълумоти зарурӣ надорад. Сатҳи пасти имкониятҳои молиявии шаҳрвандон, гаронии нархи хизматрасониҳои тиббӣ ва доруворӣ, маҳдудияти таъминоти барқ ва омилҳои манфии муҳити зист, ба саломатии аҳолии ноҳия таъсири манфӣ расонида истодаанд. Дар солҳои охир, яке аз мушкилиҳои асосии саломатии аҳолии ноҳия ба он вобаста аст, ки дар байни аҳолӣ дучор гаштан ба бемориҳои асаб зиёд гашта истодааст ва дар натиҷаи таъсири ин беморӣ, дар байни аҳолӣ ҳолатҳои худкушӣ, хусусан худкушии ҷавонон мушоҳида шуда истодааст, ки он аз афзоиши ҳолати асабонияти шаҳрвандон далолат менамояд. Дар ноҳия шумораи беморони ВИЧ/СПИД-и бақайдгирифташуда рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ, ин беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба низоми кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), беҳдоштӣ ва сифати хизматрасониҳои тиббӣ мебошад. Барои беҳтар намудани хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) дар соли сипаригашта дар ноҳия 7 маркази саломатии деҳот ташкил карда шуд.

***Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.*** Дар ноҳияи Зафаробод 38 адад муассисаҳои тандурустӣ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла Беморхонаи марказии ноҳия дорои 295 кат, 2 беморхонаи марказӣ якҷоя дорои 30 кат, маркази рӯҳшиносӣ дорои 10 кат, маркази мубориза бар зидди бемории сил дорои 10 кат, маркази саломатии ноҳия, 8 марказҳои саломатии деҳот, 10 хонаҳои саломатӣ, шӯъбаи ёрии таъҷилӣ, дорухона, 10 нуқтаҳои фелдшерӣ ва МН ДСЭН. Дар якҷоягӣ ҳамаи муассисаҳои тандурустии ноҳия дорои 345 кат мебошанд. Таъминот бо катҳо бо 10000 нафар аҳолӣ 58,3% - ро ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд ин нишондод ба 10000 нафар аҳолӣ 67,5 %-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №33. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффитсент)*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Таъминоти аҳолӣ бо духтурон | 1-нафар ба 10-ҳазор аҳолӣ | 13,5 | 12,8 | 12,8 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1- нафар ба 10-ҳазор аҳолӣ | 48,0 | 47,5 | 51,2 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1-кат ба 10-ҳазор аҳолӣ | 63,2 | 64,5 | 62,5 |

Дар муассисаҳои тиббии ноҳия дар соли 2010-ум 72 нафар духтурон ва 311 нафар ҳамшираҳои шафқат фаъолият менамуданд.

Дар ноҳия дар соли 1991 таъминот бо духтурон 22,2 нафар ба 10000 нафар аҳолӣ буд ва дар асл бошад 100 нафар духтурон ба аҳолӣ хизмат мерасонданд.

Таъминот дар соли 1991 бо ҳамшираҳои шафқат 71,7 нафар ба 10000 нафар аҳолӣ буд ва дар асл дар ноҳия 320 нафар ҳамшираҳои шафқат фаъолият мебурданд. Дар соли 2010 дар ноҳия 311 нафар ҳамшираҳои шафқат фаъолият менамуданд, ки ин 52,5%-ро ташкил медиҳад. Айни ҳол ин нишондодҳо паст шудаанд ва дар расонидани кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Зеро ҳам ҳамшираҳои шафқат ва ҳам духтурон ба 2,0 воҳиди корӣ машғуланд, ки ин кӯшишҳои зиёди рӯҳӣ – эмотсионалӣ талаб намуда, ҷиҳати ба аҳолӣ расонидани кӯмаки тиббӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

Нишондиҳандаи таъминоти аҳолӣ бо духтурон, дар солҳои охир рӯ ба таназзул ниҳодааст, зеро аз сабаби паст будани музди меҳнат ва шароитҳои мушкили фаъолият 20 нафар духтурони ноҳия ба муҳоҷироти меҳнатӣ рафтаанд.

*Ҷадвали №34. Ихтисоснокии кормандони КАТС*

| Нишондиҳандаҳо | Шумораи умумии кормандон | Маълумоти миёнаи махсус дошта | Маълумоти олӣ дошта |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 208 | 124 | 45 |
| Беморхонаи статсионарӣ | 204 | 180 | 26 |
| Ҳамагӣ: | 412 | 304 | 69 |

Аксарияти муассисаҳои тандурустии ноҳия аз буҷаи маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар назар аст, ки бо гузаштан ба низоми маблағгузории сарикасӣ, ки дар доираи «Стратегияи солимгардонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2020» амалӣ мегардад, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати соҳаи тандурустӣ таъмин хоҳад шуд.

Яке аз омилҳои дар деҳот таъмин набудан бо мутахассисони баландихтисоси тиб ба он вобаста аст, ки кормандони тиббӣ ба дараҷаи лозимӣ ҳавасманд карда намешаванд ва сатҳи музди меҳнаташон паст мебошад.

*Ҷадвали №35. Шумораи нафарони ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат намуда (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 | с.2010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|
| Беморхонаҳои минтақавӣ | 692 | 657 | 706 | 102,0 |
| Маркази саломатии ноҳия | 90652 | 90697 | 89126 | 98,3 |
| Маркази саломатии деҳот | 49066 | 47694 | 74911 | 152,7 |
| Хонаи сломатӣ | 21241 | 25258 | 39532 | 186,1 |
| Хонаи саломатӣ | - | 1 | - | - |
| Бунгоҳи тиббӣ | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ: | 161651 | 164307 | 204275 | 126,3 |

*Диаграммаи 9. Шумораи муроҷиаткардагон ба муассисаҳои тиббӣ (нафар)*




Дастрасӣ ба хизматрасонии муассисаҳои тандурустӣ дар давраи 15 соли охир, дар ноҳияи Зафаробод коҳиш ёфтааст ва бевосита ба нигоҳдории тандурустӣ ва ҳолати саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳоло дар соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Зафаробод 16 барномаҳои миллӣ ва 4 қарори Раиси вилояти Суғд, ки ба паст намудани сатҳи бемориҳо ва пешгирии онҳо равона шудаанд, дар амал татбиқ шуда истодаанд. Вале мушкилии кор дар он мебошад, ки маблағгузории ин барномаҳо аз буҷаи маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

**Сохтори кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Зафаробод.** Дар ноҳияи Зафаробод 8 марказҳои саломатии деҳот ва 10 хонаҳои саломатӣ фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали №36. Шумораи кормандони КАТС дар ноҳияи Зафаробод*

| Кормандони КАТС | | Воҳиди корӣ | Музди меҳнати миёна | Шумораи кормандон |
|---|---|---|---|---|
| Духтурон | 67,25 | 62,25 | 326,60 | 37 |
| Кормандони миёнаи тиб | 169,25 | 168,25 | 196,00 | 165 |

Маркази саломатии ноҳия дар бинои лоиҳавӣ ҷойгир буда, аз 2 ошёна иборат мебошад. Маркази мазкур барои 500 муроҷиат дар як баст пешбинӣ шудааст ва дар давоми 10 соли охир дар он таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Шабакаи гармидиҳӣ ва корезии он айни замон кор намекунад.

Аз 8 маркази саломатии деҳот 3 ададаш дар биноҳои мутобиқ кардашуда ва 5 адади он дар бинои лоиҳавӣ ҷойгир мебошад. Дар ягонтои ин биноҳо, оби нӯшокӣ дар дохили бино мавҷуд нест. Шабакаи гармидиҳии биноҳои мазкур кор намекунад ва онҳо тавассути печҳо гарм карда мешаванд. Ҳар сол марказҳои номбурда бо 2 тонна ангиштсанг таъмин карда мешаванд. Айни замон ба ғайр аз бинои маркази саломатии деҳаи Комсомол, боқӣ ҳама биноҳо таъмирталаб мебошанд.

Дар деҳаҳои Сурхоб ва Орзу, аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 196 ҳазор сомонӣ, дар асоси лоиҳа хонаҳои саломатии деҳот сохта шуда истодаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки Маркази саломатии ноҳиявӣ ва Маркази саломатии деҳоти Бахт бо кампютер таҷҳизотонида шудаанд. Хонаҳои саломатӣ бо асбобҳои аввалини ёрии таъҷилӣ таъмин карда шудаанд.

Тибқи нақшаи байни ноҳиявӣ, хонаи саломатии деҳаи Ёшлик аз соли 2011 бояд ба мувозинаи КАТС-и ноҳия гузаронида мешуд. Аммо ин хонаи саломатӣ, ки айни ҳол дар мувозинаи ноҳияи Ҷаббор Расулов қарор дорад, дар ҳолати садамавӣ мебошад. Масофаи хизматрасонӣ аз маркази саломатии ноҳия ба 2 тараф, радиуси 30 км-ро фаро мегирад.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ.** Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи системаи тандурустии ноҳияи Зафарободро ба се гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) Бад гардидани заминаи моддию техникие, ки боиси паст шудани сифати хизматрасонии тиббӣ ва баланд шудани сатҳи паҳншавии сироятҳои аз нигоҳи ичтимоӣ хатарнок ва фавти модару кӯдак мегардад; 2) Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; 3) Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ (иштироки маҳдуди бахши хусусӣ, истифодаи ғайрисамарабахши воситаҳои мавҷуда аз сабаби номукаммалии механизмҳо ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағгузорӣ).

*Ҷадвали №37. Бо таври муфассал мушкилотҳои соҳаи тандурустӣ чунинанд*

| 1 | Бад гардидани заминаи моддию техникӣ | |
|---|---|---|
| | Мушкилиҳо | Мавзеъ |
| | Фарсудагӣ ва ё мавҷуд набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ, таҷҳизотҳои ФГС, УЗИ, БРОНХОСКОП, автоклав, кювез, ЭКГ, дефиблятор, кардиомонитор, дастгоҳи лабароторӣ, таҷҳизоти нафаси сунъи (ИВЛ-РО), ингалятор. | Беморхонаи марказии ноҳия ва таваллудхона |
| | Нарасидани таҷҳизоти УВЧ, ИВЛ, электрофарез | Беморхонаи марказии ноҳия, Беморхонаҳои минтақавӣ ва марказҳои саломатӣ |
| | Норасогии доруворихои бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи маркази ноҳия ва деҳотҳо |

| | | |
|---|---|---|
| | Мавҷуд набудани нақлиёти ёрии таъҷилӣ дар БМ деҳот ва нокифоягии онҳо дар БМН | Шаҳракҳои Меҳнатобод, Бахт ва Зафаробод |
| | Фарсуда ва корношоям шудани катҳо, таҷҳизотҳои зарурӣ (кӯрпа болиштҳо, болопӯшҳо) | Беморхонаҳои марказӣ, минтақавӣ, таваллуд-хона, беморхонаи касалиҳои сироятӣ ва деҳот. |
| | Мавҷуд набудани бинои Маркази ёрии таъчилии ноҳиявӣ | Беморхонаи Марказии нохиявӣ |
| | Фарсуда ва корношоямии шабакаи гармидиҳии БМН. (Агар шабакаи гармидиҳӣ ба истифодаи барқ гузаронида шавад, дар 1 сол барои гармидиҳӣ 25-30 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот мешавад, ки нисбати гази табии 8-10 баробар ба БМН арзон меафтад) | Беморхонаи Марказии ноҳиявӣ |
| 2. | Сатхи пасти тахассуси кадрҳои тиббӣ; | Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; |
| | Сатҳи пасти тахасусии табибони ҷавон | |
| | Норасогии шумораи кормандони соҳаи тиб дар деҳот | Дар тамоми деҳаҳо ва шаҳр |
| 3. | Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ | |
| | Номутаносиби маблағҳои ирсолшуда барои зинаи аввал ва дуввуми хадамоти тиббӣ | |
| | Мавҷуд набудани шаклҳои нави КАТС, аз ҷумла шумораи ками духтурони оилавӣ | |
| | Мавҷуд набудани хизматрасонии тибби бахши хусусӣ | |

*Ҷадвали №38. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Шумораи кати беморхонаҳо (кат) | 360 | 360 | 360 | 360 | 360 | 100,0 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 931 | 931 | 955 | 935 | 940 | 100,0 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 28 | 28 | 30 | 30 | 30 | 107,1 |
| Миқдори хонаҳои тиббӣ (воҳид) | 10 | 10 | 12 | 12 | 12 | 120,0 |
| - аз ҳисоби хоҷагидорӣ амалкунанда | | | | | | |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ | | | | | | |
| Муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳҳои хусусӣ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 500,0 |
| Шумораи кормандони тиббӣ (нафар) | 543 | 544 | 550 | 550 | 550 | 101,3 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Духтурон | 72 | 76 | 80 | 85 | 90 | 125,0 |
| кормандони миёнаи тиббӣ | 303 | 305 | 310 | 320 | 330 | 108,9 |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои кӯдакон (ҷой) | | | | | | |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (ҷой) | | | | | | |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 59,1 | 60,8 | 59,0 | 58,5 | 58,3 | 98,6 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 12,1 | 12,8 | 13,1 | 13,8 | 14,5 | 119,8 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (к.м.т.) | 50,3 | 51,5 | 50,8 | 52,0 | 53,4 | 106,2 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 6,4 | 6,3 | 6,7 | 6,8 | 6,9 | 107,8 |

## 3.2. Маориф

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ дар соҳаи маориф.*** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Зафаробод солҳои охир афзоиш ёфтааст.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар тобеияти шӯъбаи маорифи ноҳия 3 кӯдакистон низ амал мекунад. Аз шумораи умумии муассисаҳои томактабии ноҳия танҳо 2-тои он ҷавобгӯи талаботи имрӯза буда, бинои кӯдакистон боғчаи «Лола» хело кӯҳнаву фарсуда мебошад. Кӯдакистони «Лола» дар шаҳраки Меҳнатобод ҷойгир аст ва ҷавогӯи талабот набуда барои чунин фаъолият мувофиқ нест. Таҷҳизотҳои кӯдакистонҳои ноҳия фарсуда гардидаанд. Биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба таъмир ниёз доранд.

*Ҷадвали №39. Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Зафаробод дар соҳаи маориф аз рӯи ҷинсият*

| Сол | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон |
| Олии касбӣ | 3897 | 1143 | 4236 | 1271 |
| Миёнаи махсус | 7420 | 2225 | 8245 | 2473 |
| Миёна | 8776 | 3072 | 9752 | 3413 |

Муассисаҳои томактабии ноҳияи Зафаробод дорои 22 гурӯҳ мебошанд. Шумораи мураббиён ба 43 нафар расидааст, аз ҷумла 1 нафар бо таҳсилоти олӣ, 2 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра, 30 нафар бо таҳсилоти миёнаи махсус фаъолият менамоянд. Аз 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, дар фасли зимистон 2 тояш бо гази табии гарм карда мешавад ва 1 муассиса бо воситаи печ гарм карда мешавад.

Дар асоси маълумотҳои соҳаи маорифи ноҳия, ҳар сол тақрибан 50 кӯдакони ноҳия аз синну соли томактабӣ ба сафи хонандагон мегузаранд. Агар ҳар сол 12% кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ барои тайёрӣ фаро гирифта шаванд, пас боқимондаи онҳо аз ин намуди фарогирӣ ва тайёрии пешазмактабӣ дар канор мемонанд. Дар деҳаҳои калони ноҳия, аҳолӣ ба кӯдакистон ниёз дорад, вале бинобар набудани бино ва воҳидҳои корӣ, имконияти ташкил намудани кӯдакистонҳо мавҷуд нест.

Аксарияти кӯдакистонҳои мавҷуда ба таъмиру тармими капиталӣ ва ба таҷҳизоти нави ҳозиразамон ниёз доранд. Зеро бинову таҷҳизотҳои муассисаҳои томактабии ноҳия ҳанӯз аз давраи шӯравӣ боқӣ мондаанд ва айни ҳол кӯҳнаву фарсуда гардидаанд.

*Ҷадвали №40. Миқдори ҷой дар муассисаҳои томактабӣ дар тӯли солҳои 2008-2010 (нафар)*

| № | Номгӯи муассисаҳои томактабӣ | Шумораи кӯдакон дар соли 2008 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2009 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Умумӣ | писар | духтар | Умумӣ | писар | духтар | Умумӣ | писар | духтар |
| 1 | Муассисаи томактабии "Офтобак" | 160 | 75 | 85 | 171 | 87 | 84 | 197 | 93 | 104 |
| 2 | Муассисаи томактабии "Парасту" | 98 | 42 | 56 | 104 | 49 | 55 | 120 | 57 | 63 |
| 3 | Муассисаи томактабии "Лола" | 84 | 40 | 44 | 72 | 41 | 31 | 64 | 38 | 26 |
| | Ҳамагӣ: | 342 | 157 | 185 | 347 | 177 | 170 | 381 | 188 | 193 |

Фоизи таъминоти кӯдакони синни томактабӣ бо боғчаҳои бачагона дар соли 2010 дар ноҳия то 11,2 фоизро (шумораи кудакони томактабӣ дар соли 2010 - 2206 нафар буд) ташкил додааст. Мавриди зикр аст, ки бисёр деҳаҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ниёзманд буда, аксарияти кӯдакистонҳо ба таъмиру тармими капиталӣ ва ба таҷҳизотҳои нави ҳозиразамон эҳтиёҷманд ҳастанд. Пояи моддию техникии муассисаҳои томактабӣ айни ҳол қаноатбахш бошад ҳам, хусусан дар давраи зимистонгузаронӣ дар ин самт мушкилиҳои зиёди ҳалношуда ҷой доранд.

**Маълумоти мактабӣ.** Дар ноҳияи Зафаробод имрӯз 25 адад макотиб фаъолият бурда истодаанд. Аз он ҷумла 18 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 3 мактаби асосӣ, 2 литсей, 1 гимназия ва комплекси мактаб-кӯдакистон, якҷоя 12538 нафар хонандагонро ба таълиму тарбия фаро гирифтаанд ва 10 адади муассисаҳои мазкур дар деҳот фаъолият менамоянд. Инчунин дар ноҳия 2 омӯзишгоҳҳои касбии техникии №41 ва №76, техникуми политехникӣ ва омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳам фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, қайд намуданд зарур аст, ки 40%-и биноҳои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ ва 3%-и биноҳои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Зафаробод ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар давоми солҳои 2009-2010 бо маблағгузорию дастгирии Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 2 макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ таъмир гардида, 2 мактаби нав сохта шуд ва дар 2 мактаб корҳои сохтмонӣ давом дорад. Дар МТМУ №22 ба номи Рӯдакӣ бо маблағгузории Раиси вилоят мӯҳтарам Қоҳир Расулзода 8 синфхонаи иловагӣ сохта шуд.

Мушкилоти дигар ин, солҳои тӯлонӣ дар баъзе макотиб иваз накардани мизу курсиҳои фарсудаю корношоям мебошад. Айни ҳол макотиби шаҳраку деҳот ба мизу курсӣ эҳтиёҷи зиёд доранд. Қисме аз мушкилот бо дастгирии Раиси вилоят ҳалли худро пайдо намуд ва дар соли 2010 1 мактаби ҳудуди ҷамоати шаҳраки Зафаробод ва 1 мактаби ҳудуди ҷамоати Равшан, ба миқдори 130 ҷои нишаст мизу курсиҳо, таъмин карда шуд.

Айни замон, дар макотиби ноҳия 400 адад компютер ва 22 адад принтер мавҷуд аст, вале он барои таълими хонандагон нокифоя мебошад.

Дар ноҳияи маркази таҳсилоти иловагӣ (хонаи пешоҳангон) амал мекунад, ки онҳо дар макотиб ҳам ҷойгир ҳастанд. Ин марказ дорои 8 маҳфил буда, асосан аз маҳфилҳои компютерӣ, дӯзандагӣ, рассомӣ, лӯхтаксозӣ ва бофандагӣ иборат аст. Маркази зикргардида, бинои худро надорад. Он дар бинои кӯдакистони «Офтобак» ҷойгир шудааст ва таъмирталаб буда, ба таҷҳизонидан ниёз дорад.

Бо сабаби набудани шароити мусоиди корӣ, набудани маблағи зарурӣ, норасогии бино, набудани воҳидҳои корӣ, набудани асбобҳои аёнӣ, дастгоҳҳо аз қобили мошинаҳои муосири дарздӯзӣ, дуредгарӣ, компютер ва набудани утоқҳои лингофонӣ ва мизу курсиҳо барои синфхонаҳои интихоби касб, дар самти беҳтар намудани сифати таълим муаммоҳо ҷой доранд.

*Ҷадвали №41. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | 2007-2008 | | | | 2008-2009 | | | | 2009-2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтар |
| I | 1329 | 692 | 637 | 47,9 | 1360 | 699 | 661 | 48,6 | 1395 | 695 | 700 | 50,2 |
| II | 1092 | 501 | 591 | 54,1 | 1120 | 592 | 528 | 47,1 | 1162 | 598 | 564 | 48,5 |
| III | 952 | 455 | 497 | 52,2 | 1006 | 507 | 499 | 49,6 | 1042 | 502 | 540 | 51,8 |
| IV | 963 | 459 | 504 | 52,3 | 1041 | 529 | 512 | 49,2 | 1162 | 547 | 615 | 52,9 |
| Ҳамагӣ I-IV | 4336 | 2107 | 2229 | 51,4 | 4527 | 2327 | 2200 | 48,6 | 4761 | 2342 | 2419 | 50,8 |
| V | 1109 | 508 | 601 | 54,2 | 1123 | 519 | 604 | 53,8 | 1142 | 621 | 521 | 45,6 |
| VI | 1100 | 542 | 558 | 50,7 | 1120 | 549 | 571 | 51,0 | 1201 | 599 | 602 | 50,1 |
| VII | 1102 | 537 | 565 | 51,3 | 1135 | 600 | 535 | 47,1 | 1206 | 609 | 597 | 49,5 |
| VIII | 938 | 452 | 486 | 51,8 | 981 | 454 | 527 | 53,7 | 1218 | 604 | 614 | 50,4 |
| IX | 1004 | 561 | 443 | 44,1 | 1069 | 502 | 567 | 53,0 | 1102 | 531 | 571 | 51,8 |
| Ҳамагӣ V-IX | 5253 | 2600 | 2653 | 50,5 | 5428 | 2624 | 2804 | 51,7 | 5869 | 2964 | 2905 | 49,5 |
| X | 690 | 341 | 349 | 50,6 | 720 | 358 | 362 | 50,3 | 748 | 369 | 379 | 50,7 |
| XI | 721 | 349 | 372 | 51,6 | 749 | 352 | 397 | 53,0 | 802 | 394 | 408 | 50,9 |
| Ҳамагӣ X-XI | 1411 | 690 | 721 | 51,1 | 1469 | 710 | 759 | 51,7 | 1550 | 763 | 787 | 50,8 |
| Ҳамагӣ: | 11000 | 5397 | 5603 | 50,9 | 11424 | 5661 | 5763 | 50,4 | 12180 | 6069 | 6111 | 50,2 |

Дар макотиби ноҳия утоқҳои лингофонӣ мавҷуд нестанд. Ба савияи дониши талабагон чӣ умед бастан мумкин, ки шароити таълимӣ мавҷуд нест. На дар макотиби асосӣ ва на мактабҳои умумии ноҳия ва на дар гимназия ва на дар литсейҳои ноҳия шароити замонавии таълим вуҷуд надорад. Утоқи алоҳида барои омӯхтани забони англисӣ ва синфхонаҳои лингафонӣ мавҷуд нестанд.

Шумораи омӯзгорон дар соли хониши 2009-2010-ум дар макотиби ноҳия 897 нафар омӯзгорон машғули таълим буда, аз онҳо 483 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии муаллимон 668 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 24 нафарашон до-

рои маълумоти олии нопурра 189 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 16 нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд. Айни замон мактабҳои ноҳия ба 34 нафар омӯзгорони маълумоти олӣ доштаи фанҳои забонҳои англисӣ, физика-математика ва технологияҳои информатсионӣ эҳтиёҷ доранд.

*Диаграммаи 10. Шумораи умумии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ*




*Диаграммаи 11. Теъдоди духтарон дар муассисаҳои таълимӣ*




Яке аз сабабҳои зиёд намудани шумораи омӯзгорон дар он аст, ки баъзе хатмкунандагони донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ аз шаҳр ба ҷои муқимии худ барнамегарданд. Бо сабаби паст будани сатҳи музди меҳнат, муддати тӯлонист, ки норасогии шумораи омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ эҳсос карда мешавад. Омили мазкур боиси он гаштааст, ки хатмкунандагон ба мактаб ба кор намераванд. Сабаби кам шудани шумораи омӯзгорон дар аз ҷиҳати иқтисодӣ паст будани сатҳи зидагии онҳо мебошад. Омӯзгорони пуртаҷриба макотибро тарк намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

*Ҷадвали №42. Шумораи омӯзгорон дар давраи солҳои 2007-2010 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои хониш | | |
|---|---|---|---|
| | 2007-2008 | 2008-2009 | 2009-2010 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 893 | 891 | 895 |
| аз ин занон | 472 | 485 | 493 |
| Аз ҷумла: | | | |
| Дорои маълумоти олӣ | 697 | 701 | 712 |
| аз ин занон | 340 | 352 | 367 |
| Олии нопурра | 21 | 19 | 19 |
| аз ин занон | 12 | 12 | 12 |
| Миёнаи махсус | 170 | 169 | 162 |
| аз ин занон | 121 | 125 | 123 |
| Миёнаи умумӣ | 3 | 2 | 2 |
| аз ин занон | 3 | 2 | 2 |
| Муаллимоне, ки аз кор рафтаанд | 2 | 3 | 4 |
| аз ин занон | | | |
| Норасогии кадрхо | 54 | 43 | 37 |

*Ҷадвали №43. Мушкилотҳои мавҷудаи соҳаи маорифи ноҳияи Зафаробод*

| № | Мушкилиҳо | Рақами мактабҳо ва мавзеи ҷойгиршавии онҳо |
|---|---|---|
| 1 | Бад будани базаи моддию техникии макотиб | |
| | Таъмирталаб будани бинои макотиб | МТМУ №9,10,12,18,19,8 |
| | Нарасидани синфхонаҳо | №1,13,14,17 |
| | Нотамом мондани сохтмони мактаб | №7,21,22,15,19 |
| | Таъмирталаб будани толор ва майдончаҳои варзишии назди мактабҳо | |
| | Набудани мактабҳои нав | |
| 2 | Таъмин ва пурқувват гардонии мактабҳо бо мутахассисон | |
| | Норасогии муаллимони фанҳои дақиқ (математика,химия,физика,англисӣ ва ғайраҳо) | Зиёда аз 10 мактабҳо, ҳамагӣ 34 нафар |
| | Паст будани сатҳи зиндагии омӯзгорон аз ҷиҳати иқтисодӣ | Ҷамоатҳои Зафаробод, Ҳ.Алиев, Равшан, Ҷомӣ |
| | Паст будани саводнокии мутахассисони ҷавон | МТМУ №6,16,19, ҷамоати Равшан |
| 3 | Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| | Нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | МТМУ №1,3,5,8,11,12,13,15,19,20, ҷамоати Ҷомӣ, Зафаробод, Ҳ. Алиев |
| | Набудани ҳуҷраҳои фаннӣ бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон ҷиҳозонидашуда, нарасидани китобҳои дарсӣ. | Аксари мактабҳо ва литсейҳои ноҳия |
| | Аз кор баромадани таҷҳизоти гармидиҳии макотиб | МТМУ №1,2,3,4,5,6,7,8,10,11,12,13,15,16,17,18,литсейҳои 1,2 |
| | Набудани барқи доимӣ дар макотиб | Ягон муассисаи таълимӣ хати озоди барқ надорад. |
| | Набудани хатти оби нӯшокӣ дар макотиб | №3,8,11,18,19, ҷамоатҳои Ҷомӣ, Зафаробод, Меҳнатобод, Равшан |

Дар соли 2010 толибилмони мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуданд ва 1 нафари онҳо сазовори ҷои сеюм гаштааст.

*Ҷадвали №44. Дараҷаи компютеркунонии мактабҳои ноҳия*

| № | Ҷамоатҳо | Шумораи хонандагоне, ки фанни технологияи информатсиониро меомӯзанд | Шумораи компютерҳо | Ба чанд хонанда 1 компютер рост меояд |
|---|---|---|---|---|
| 1 | А.Ҷомӣ | 304 | 25 | 12 |
| 2 | Меҳнатобод. | 756 | 53 | 14 |
| 3 | Зафаробод. | 1922 | 124 | 16 |
| 4 | Ҳ.Алиев. | 826 | 54 | 15 |
| 5 | Равшан. | 1161 | 78 | 15 |
| | Ҳамагӣ: | 4959 | 334 | 72 |

Дар натиҷаи тағйирёбии шакли маблағгузории соҳаи маориф, тамоми мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба шакли маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд.

*Ҷадвали №45. Шумораи хонандагони мактабро хатм намуда ва ба донишгоҳҳои олӣ дохилшудаи ноҳияи Зафаробод*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | духтарон | ҳамагӣ | духтарон |
| Маълумоти умумии миёна | нафар | 12392 | 5834 | 12364 | 5826 |
| Ба мактабҳои олй ва миёнаи махсус дохил шуданд | нафар | 298 | 118 | 380 | 175 |
| Аз онҳо бо квотаи Президентӣ | нафар | 60 | 50 | 83 | 63 |

Яке аз мушкилиҳои ҳал нагардида он мебошад, ки барои бачагони имконияти маҳдуддошта, раванди таълимоти махсус ба роҳ монда нашудааст. Дар ноҳия теъдоди

кӯдакони маъюби то синни 16 сола 336 нафар мебошад. Кӯдакони дар тарбияи васоятӣ ва парасторӣ қарор дошта 63 нафар ва фарзандхонӣ 143 нафарро ташкил медиҳад.

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия афзоиши теъдоди омӯзгорони маълумотдор ба назар намерасад.

**Маълумоти ғайримактабӣ.** Ҷавонписарон ва духтарони ноҳия имконият доранд, ки маълумоти ғайримактабиро доро бошанд. Дар ноҳия инфрасохтори варзишӣ ва фарҳангии тараққикарда ҷой дорад. Тақрибан 2000 нафар бачагон ва наврасон дар сексияҳои гуногуни варзишӣ иштирок менамоянд.

**Маълумоти миёнаи касбӣ ва олӣ.** Дар ноҳияи Зафаробод техникуми политехникии (собиқ техникуми гидромелиоративӣ), омӯзишгоҳи касбӣ техникии №41, омӯзишгоҳи касбӣ техникии №76 ва омӯзишгоҳи омӯзгорӣ фаъолият менамоянд. Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Зафаробод 2 майи соли 2008 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикиситон №218 ташкил шудааст ва дар бинои собиқ техникуми ш. Меҳнатобод ҷойгир мебошад. Ҳар чанд, ки омӯзишгоҳи мазкур соҳиби бинои хуби таълимӣ аст, лекин воситаҳои таълим, таҷҳизотҳои таълимӣ, толори варзиш, ошхонаи замонавӣ, майдончаи варзишӣ ва дигар иншоотҳои ёрирасон бахри амалӣ намудани нақшаҳои таълимӣ, хеле заруранд.

Дар омӯзишгоҳи омӯзгори утоқӣ лингафонӣ ва утоқи компютерӣ мавҷуд нест. Ҳол он, ки ҷараёни таълими ҳозираро бе ин воситаҳои зарурӣ амалӣ гардонидан ғайри имкон аст. Дар омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳия ихтисосҳои муаллими синфҳои ибтидоӣ ва забони англисӣ мавҷуд аст. Таҳсил дар шакли рӯзона ва ғоибона ҷараён дорад.

Дар гурӯҳи рӯзона ҷамъ 94 нафар донишҷӯён ва дар гурӯҳи ғоибона ҷамъ 186 нафар донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Омӯзишгоҳ дорои бинои таълимии 4 ошёна буда, он аз 21 дарсхона, 2 озмоишгоҳ, китобхона, 2 ҳуҷра, бойгонӣ, маҷлисгоҳ барои 250 нафар ҷой, осорхона, 2 хонаи омӯзгорон, хонаи методӣ ва 3 утоқи мудирони шӯъба иборат аст. Биноҳои хобгоҳ ва ошхонаи омӯзишгоҳ таъмирталаб буда, солҳои охир дар онҳо таъмири куллӣ гузаронида нашудааст.

Инчунин, барои кушодани ихтисосҳои иловагӣ ба мисли омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва ОДХ кадрҳои соҳибмаълумот намерасанд. Омӯзишгоҳ соҳиби майдончаи хуби ҳарбӣ буда, барои ташкил намудани ихтисоси мазкур имконият медиҳад.

Бинои устохонаи калони айни ҳол корношоям, ки аз собиқ техникум мерос мондааст, барои кушодани як бинои таълимӣ-истеҳсолии хурди маҳсулотҳои қанодӣ ё дигар масъалаҳои зарурӣ барои дарсҳои технологияи касбу ҳунарҳои мухталиф мусоидат хоҳад кард.

Норасогии китобҳо ва воситаҳои таълимӣ бошад, алоқаи зичро бо нашриётҳо ва муассисаҳои олии омӯзгории кишварамон тақозо менамояд.

Қубурҳои шабакаи гармидиҳии бино низ, тамоман корношоям мебошад.

Техникуми политехникии (собиқ техникуми гидромелиоративӣ) ноҳияи Зафаробод соли 1968 ташкил шудааст. Дар техникуми политехникӣ 3 бинои таълимӣ, 24 синфхона, 4 озмоишгоҳ, толори хониши дорои 30 ҷойи нишаст, китобхонаи дорои 21368 нусха китоб, толори варзишӣ, хоҷагии таълимии дорои 42 гектар замин, машқгоҳи таълимӣ, маркази варзишии дорои 2000 ҷой, хобгоҳи дорои 150 ҷой, ошхонаи дорои 100 ҷой, чойхона барои 20 ҷой, бунгоҳи тиббӣ, маҷлисгоҳи дорои 300 ҷой амал мекунанд.

Дар техникум ҳамагӣ 30 нафар омӯзгорон (9 нафар аз истеҳсолот), аз он ҷумла 27 нафар омӯзгорони дорои маълумоти олӣ, 2 устои таълимӣ-истеҳсолӣ ва 4 лаборант фаъолият доранд.

Дар соли 2010 шумораи донишҷӯён дар шӯъбаи рӯзона 161 нафар, аз ҷумла 12 нафар духтарон, дар шӯъбаи ғоибона 166 нафар аз ҷумла 24 нафар духтаронро ташкил додааст.

Барои мувофиқи талабот ҷиҳозонидани синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳо, маблағи муайян лозим мебошад. Ҷиҳати пурра таъмир намудани иншоотҳои дохили техникум, маблағҳои ҷудошуда нокифоя мебошанд. Ҳоло техникум мутахассисонро аз рӯи ихтисосҳои зерин тайёр карда истодааст.

1. 3112 – «Ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ» ((фермерӣ) шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона)).
2. 2401 – «Ташкили боркашонӣ ва идоракунии ҳаракати нақлиёти автомобилӣ» (шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона).
3. 3107 – «Барқикунӣ ва автоматикикунонии хоҷагии қишлоқ» (шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона).
4. 0602 – «Менеҷменти хоҷагии қишлоқ» (шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона).

Омӯзишгоҳи касбӣ техникии №41-и ноҳияи Зафаробод, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №268 аз 3 декабри соли 1982 ташкил карда шудааст. Омӯзишгоҳ муассисаи таълими касбӣ буда, дар тобеияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро барои гирифтани маълумоти ибтидоии касбӣ таъмин менамояд.

Дар омузишгоҳ 25 нафар устодони ботаҷриба, устоҳои таълими истеҳсолӣ ва дигар кормандони махсуси техникӣ, ба омӯзонидани касбҳои номбаршуда ва тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Омӯзишгоҳ асосан аз рӯи касбҳои зерин ҷавонписарон ва духтаронро қабул намуда, кадрҳои коргарии баландихтисосро тайёр менамояд.

1. Тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ.
2. Кафшергари газию барқӣ ва ронандаи автомобили дараҷаи «С».
3. Ронандаи автомобили дараҷаи «С».
4. Низоми компютерӣ ва интернет – технология.
5. Дӯзанда.
6. Барқчӣ ва таъмиргари таҷҳизотҳои барқӣ.
7. Дуредгар – сохтмончӣ.
8. Ҳисобдор.

Омӯзишгоҳ дорои утоқҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо, устохонаҳои таълимӣ истеҳсолӣ, толори маҷлисгоҳ барои 200 ҷои нишаст, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, ошхона ва хобгоҳ мебошад.

Дар омӯзишгоҳ 3 адад автомашина, 4 адад тракторҳои гуногунтамға, аз он ҷумла 1 адад минитрактор мавҷуд мебошад, ки дар ҳолати коршоям қарор дошта, барои таълими амалии хонандагон ва корҳои саҳроии хоҷагии таълимии омӯзишгоҳ истифода бурда мешаванд.

Ғайр аз ин, дар омӯзишгоҳ ҳамчун хоҷагии ёрирасон 45,38 гектар замин мавҷуд аст, ки аз он 39,68 га заминҳои мазраи обӣ мебошад. Дар он хонандагон аз рӯи ихтисоси тракторчӣ-мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ, таълими амалӣ мегиранд.

Дар соли 2009 ба омӯзишгоҳи мазкур, аз тарафи ташкилоти ҷамъиятии байналмиллалии хайриявии «Ҷовид» 1 адад минитрактор, 3 адад таҷҳизотҳои кафшергарии газӣ ва барқӣ, 1 адад болгарка, 15 адад миз, 30 адад курсӣ, 2 адад мошинаҳои либосдӯзии замонавӣ ва зиёда аз 60 адад овезаҳои таълимӣ, ба маблағи зиёда аз 40000 сомонӣ, ройгон тақдим гардид.

Омӯзишгоҳи касбӣ техникии №76-и ноҳияи Зафаробод, воқеъ дар шаҳраки Меҳнатобод соли 1963 ташкил карда шудааст. Омӯзишгоҳ муассисаи таълими касбӣ буда, дар ҳайати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар омузишгоҳ зиёда аз 200 нафар ҷавонон касбу ҳунар меомӯзанд. Омӯзишгоҳ асосан аз рӯи касбҳои - ронандаи автомобили дараҷаи «С», низоми компютерӣ ва интернет – технология, кафшергари–газию барқӣ, барқчӣ ва таъмиргари таҷҳизотҳои барқӣ, ҷавонписарон ва духтаронро қабул намуда, кадрҳои коргарии баландихтисосро тайёр менамояд. Омӯзишгоҳ дорои утоқҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи ихтисосҳо, устохонаҳои таълимӣ истеҳсолӣ, майдончаи варзишӣ, ошхона ва хобгоҳ мебошад.

**Мушкилиҳои асосии омӯзишгоҳҳои мазкур.**

1. Таъмирталаб будани боми биноҳои таълимӣ, толори маҷлисгоҳ, толори варзишӣ, хобгоҳ ва устохонаи таълимӣ.

2. Ба талабот ҷавобгуй набудани воситаҳои таълимӣ - автомошинаҳо (Газ-53, ЗИЛ-45021), мошинаҳои либосдӯзӣ, таҷҳизотҳои кафшергарӣ ва воситаҳои аёнии таълимӣ.

3. Норасогии 150 адад курсӣ, 75 адад миз, 5 адад тахтаи синфӣ, 8 адад компютер, 12 адад ҷевонҳои китобгузорӣ, 10 адад мошинаҳои либосдӯзӣ ва инчунин китобҳои дарсӣ ва бадеӣ.

4. Дар хобгоҳ барои 50 ҷой норасогии кату ҷойхоб, ҷевонҳои либосовезӣ ва мизу курсии дарсомӯзӣ мушоҳида карда мешавад.

5. Дар ошхонаи омӯзишгоҳ муаммои норасогии плитаҳои барқӣ ва газӣ, барои тайёр намудани хӯроки гарм барои хонандагон ҷой дорад.

*Ҷадвали №46. Шумораи хонандагони маълумоти миёнаи касбӣ гирифтаи ноҳияи Зафаробод*

| № | Номгӯи ихтисосҳо | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти кишоварзӣ бо гирифтани шаҳодатномаи ронандагии тоифаи «С» | 75 | 37 | |
| 2 | Челонгар ронандагии тоифаи «С» | | | |
| 3 | Оператори МЭҲ | 105 | 45 | 99 |
| 4 | Либосдӯз | 145 | 50 | 127 |
| 5 | Кафшергарон | 98 | 50 | 129 |
| 6 | Дуредгар | | | |
| 7 | Ронандаи тоифаи «С» | 85 | 105 | 132 |
| 8 | Устои таъмири радио ва телевизион | | | |
| 9 | Микробиолог | | | |
| 10 | Ҳисобчии хазинадор | | | |
| | Ҷамъ: | 508 | 287 | 487 |

*Ҷадвали №47. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи маориф дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с2011 ҳисобот | с2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с2015 бо % нисбати с2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с2013 | с2014 | с2015 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ нивобаста аз шакли моликият ( нафар) | 464 | 484 | 500 | 520 | 580 | 125,0 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 7410 | 7632 | 7861 | 8058 | 8259 | 111,5 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 13349 | 13749 | 14162 | 14728 | 15318 | 114,7 |
| Миқдори ҷойҳо дар муссисаҳои томактабӣ (ҳазор ҷой) | 580 | 580 | 580 | 580 | 580 | 100,0 |
| Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – ҳамагӣ ( нафар) | 12389 | 12761 | 13143 | 13538 | 13944 | 112,6 |
| аз он ҷумла - дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ | 12389 | 12761 | 13143 | 13538 | 13944 | 112,6 |
| аз он ҷумла хусусӣ | | | | 0 | 0 | |
| - литсейҳо | 354 | 371 | 378 | 394 | 409 | 115,6 |
| аз он ҷумла: хусусӣ | | | | | | |
| - гимназияҳо | 194 | 194 | 194 | 194 | 194 | 100,0 |
| аз он ҷумла: хусусӣ | | | | | | |
| Дар муассисаҳои шабонаи таҳсилоти умумӣ ( нафар) | | | | | | |
| Шумораи хонандагон дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона ( нафар) | 6757 | 6757 | 6820 | 6956 | 7096 | 105,0 |
| Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (нафар) | 864 | 881 | 916 | 935 | 953 | 110,3 |
| Таъмин будан: | | | | | | |
| бо муассисаҳои томактабӣ ба 1000 кӯдакони сини томактабӣ (ҷой) | 1250 | 1198 | 1160 | 1115 | 1000 | 80,0 |
| бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 1000 бачагони синни мактабӣ (ҷой) | 545 | 545 | 519 | 519 | 519 | 95,2 |

## 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Низоми таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, расонидани кӯмаки суроғавӣ, нишонавӣ ба табақаҳои осебпазир ва камбизот, самтҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошанд.

**Аҳолии қобили меҳнат.** Дар ноҳияи Зафаробод дар солҳои 2007-2010 зиёдшавии шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 5,42 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. То 15 декабри соли 2010 аҳолии ноҳияи Зафаробод ба 60331 нафар расида, аз ин шумора аҳолии синни аз 15 то 29 сола 449 нафар (0,74 фоизи шумораи умумии аҳолӣ) ва шумораи бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ расман ба қайд гирифташуда 711 нафарро (13,57 фоизи шумораи умумии аҳолӣ) ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии аҳолӣ 4,90 фоизашон (35804 нафар) захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали №48. Маълумот оид ба захираҳои меҳнатии ноҳияи Зафаробод дар солҳои 2008-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумора (ба 01/01) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | Хоҷагии аҳолӣ | Хоҷагиҳо | 11813 | 11953 | 12212 |
| 2 | Аҳолӣ (аз он ҷумла) | нафар | 57998 | 59141 | 60241 |
| 2.1 | Мардҳо | нафар | 28473 | 29386 | 29832 |
| 2.2 | Занҳо | нафар | 28816 | 29740 | 30409 |
| 2.3 | Кӯдакони то сини 14 сола | нафар | 13300 | 14280 | 14700 |
| 2.4 | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 41046 | 41148 | 41697 |
| 2.5 | Гурӯҳи калонсолон (63 (58 сола) ва боло) | нафар | 3652 | 3713 | 3844 |
| 3 | Шумораи кӯдакони нав таваллудёфта | нафар | 1380 | 1445 | 1522 |
| 4 | Шумораи фавтидагон | нафар | 427 | 440 | 237 |
| 5 | Муҳоҷирони меҳнатӣ | нафар | 1149 | 1308 | 1767 |
| 6 | Аҳолии қобили меҳнати бешуғл (ҳамаи табақаҳо) | нафар | 5269 | 7667 | 7283 |
| 7 | Бекорон (расман бақайдгирифта) | нафар | 613 | 633 | 711 |
| 8 | Аҳолии ба кор машғулбуда (аз он ҷумла) | нафар | 15605 | 15313 | 15720 |
| 8.1 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи саноат | нафар | 596 | 511 | 690 |
| 8.2 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи сохтмон | нафар | 108 | 106 | 99 |
| 8.3 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи кишоварзӣ | нафар | 11357 | 11367 | 11453 |
| 8.4 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи алоқа ва нақлиёт | нафар | 134 | 104 | 93 |
| 8.5 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи тиҷорат ва хӯроки умумӣ | нафар | 102 | 115 | 125 |
| 8.6 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ ва хизматрасонии маишӣ | нафар | 181 | 178 | 137 |
| 8.7 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи маориф | нафар | 1579 | 1575 | 1693 |
| 8.8 | Шумораи коргарони кироя дар соҳаи тандурустӣ, варзиш, илм ва фарҳанг | нафар | 727 | 593 | 624 |
| 8.9 | Шумораи коргарони кироя дар корхонаҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ | нафар | 75 | 77 | 77 |
| 8.10 | Шумораи коргарони кироя дар мақомоти идоракунӣ | нафар | 116 | 118 | 140 |
| 8.11 | Дигар соҳаҳо | нафар | 630 | 569 | 589 |
| 9 | Оилаҳое, ки ҷубронпулии оилавӣ барои газу барқ мегиранд | оила | | 2323 | 2377 |
| 9.1 | Шумораи кӯдаконе, ки ҷубронпулӣ мегиранд | нафар | 1701 | 1641 | 1550 |
| 10 | Шумораи умумии нафақахурон | нафар | 3528 | 3899 | 4045 |
| 10.1 | Шумораи пиронсолон | нафар | 2165 | 2399 | 2569 |
| 10.2 | Шумораи пиронсолони бесаробонмонда | нафар | 56 | 36 | 31 |
| 10.3 | Шумораи нафақахурони машғули кор | нафар | 141 | 196 | 201 |
| 11 | Шумораи умумии маъюбон | нафар | 539 | 595 | 599 |
| 11.1 | Маъюбони модарзод ва кӯдакони маъюб | нафар | 282 | 332 | 338 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши аҳолӣ соли 2010 дар қиёс ба соли 2007 – 5,42 % ва афзоиши захираҳои меҳнатии ноҳия ба 4,90% расидааст. Дар тӯли солҳои таҳлилгардида, шумораи миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 1,67% ва шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ 59,90% зиёд шудааст.

*Ҷадвали №49. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт расман машғулбуда*

| Соҳаҳо | Соли 2010 (нафар) |
|---|---|
| Саноат | 674 |
| Савдо ва хуроки умумӣ | 124 |
| Сохтмон | 99 |
| Органҳои роҳбарикунанда | 140 |
| Тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | 519 |
| Маориф | 1555 |
| Хочагии манзилӣ-коммуналӣ | 182 |
| Алоқа | 35 |
| Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ | 11408 |
| Нақлиёт | 59 |
| Фарҳанг ва санъат | 104 |
| Молия, суғурта ва бонк | 77 |
| Ҷамъиятҳо, корхонаҳои хурд ва ширкатҳо | 177 |
| Дигар соҳаҳо | 396 |
| Ҳамчунин соҳибкорон | 55 |
| Хизматчиёни ҳарбӣ | 200 |
| Ҳамагӣ: | 15804 |

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Аҳолии қобили меҳнати бешуғл дар ноҳияи Зафаробод дар соли 2010 66,81%-и захираҳои меҳнатиро ташкил дода, 18,37% он дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доранд ва танҳо 18,15% ба бозори дохилии меҳнат ворид шудаанд. Муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ солҳои сипаригашта дар ноҳияи Зафаробод барои дарёфти ҷои кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳимеро мебозад. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо аз ҳисоби муҳоҷирон сурат мегирад. Эҳтимол аст, ки дар соли 2010 шумораи муҳоҷирони меҳнатии беруна нисбатан кам хоҳад гашт ва сабаби асосии он таъсири бӯҳрони иқтисодӣ ва баста шудани бисёр корхонаҳо ва муассисаҳо дар Руссия мебошад.

Бозори расмии меҳнати ноҳияи Зафаробод наметавонад бо бозори меҳнатии ғайрирасмӣ (мардикорбозор) рақобат намояд. Чунки дар бозори расмии меҳнат музди меҳнат дар сатҳи бисёр паст қарор дорад, ҳол он ки як мардикор дар як рӯз метавонад аз 30 то 40 сомонӣ маблағ ба даст орад, дар ҳолате, ки музди меҳнати як нафар духтур дар як моҳ 183 сомониро ташкил медиҳад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар сохторҳои расмӣ ҳаҷми маоши коргарон зиёд карда шавад ва дар он сурат, метавон ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд.

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2008 – 2009, дар асоси ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, мақсади асосии он баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ, бахусус бекорон мебошанд.

*Ҷадвали №50. Фаъолияти шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияи Зафаробод*

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2007 | 2008 |
|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 444 | 452 | 492 |
| Таъмини бекорон бо кори доимӣ | 362 | 383 | 382 |
| Ташкили корҳои фардии соҳибкорӣ бо бекорон тавассути додани қарзҳои имтиёзнок | 50 | 25 | 24 |
| Омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии бекорон | 81 | 100 | 105 |
| Ташкили корҳои ҷамъиятӣ бо бекорон | 200 | 210 | 50 |
| Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ | 1 калон, 3 хурд | 2 калон, 5 хурд | 2 калон, 4 хурд |

Дар соли 2010 мувофиқи Барномаи мазкур, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии бо кор таъмин намудани бекорон муайян гардидааст ва дар ин замина

1219 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда, 447 нафар бо кори доимӣ таъмин мегардад, 103 нафар шаҳрвандони бекор ба касбомӯзӣ равона карда мешаванд, 50 нафар бо корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд ва ба 50 нафар қарзҳои хурд пешниҳод мегардад.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Бо назардошти сол аз сол зиёдшавии аҳолӣ, афзудани шумораи аҳолии қобили меҳнат, зарурияти барқарорсозии иқтидори корхонаҳои аз кор монда, сохтмони иншоотҳои нав ва иҷрои корҳои фардӣ ба назар гирифта шудааст.

*Ҷадвали №51. Маълумот оиди таъсиси ҷойҳои корӣ*

| Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1030 | 1219 | 988 |
| Таъмини бекорон бо кори доимӣ | 408 | 447 | 438 |
| Ташкили корҳои фардии соҳҳибкорӣ барои бекорон, тавассути додани қарзҳои имтиёзнок | 50 | 50 | 60 |
| Омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии бекорон | 110 | 103 | 103 |
| Ташкили корҳои ҷамъиятӣ бо бекорон | 60 | 50 | 50 |
| Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ | 2 калон, 4 хурд | 2 калон, 4 хурд | 3 калон, 4 хурд |

Ҳамзамон дар ноҳия дар доираи барномаи мазкур, аз ҳисоби ба кор даровардани заминҳои бекорхобида 3500 адад ҷои корӣ, аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ 3100 ҷойҳои корӣ, аз ҳисоби ривоҷи соҳибкорӣ 866 ҷои корӣ, аз ҳисоби ташкил намудани сехҳои дӯзандагӣ 100 ҷои корӣ, аз ҳисоби барқарорсозӣ ва сохтмони иншоотҳо 1850 ҷои корӣ ташкил карда мешаванд.

*Ҷадвали №52. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с 2011 ҳисобот | с 2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с 2015 бо % нисбати с 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с 2013 | с 2014 | с 2015 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият -ҳамагӣ (ҷои корӣ) | 1221 | 772 | 823 | 832 | 849 | 69,53 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Сохтмони нав | 309 | 352 | 431 | 317 | 318 | 102,91 |
| Сохтмони мағозаҳои ш.Зафаробод | 25 | 124 | 153 | 156 | 192 | 768,00 |
| Сохтмони мағозаи тиҷ. ш.Меҳнатобод | 10 | | 15 | 11 | 16 | 160,00 |
| Сохтмони бунгоҳи тибби дар ҷ.Равшан | 5 | | | | | |
| Сохтмони бинои Тоҷиксодиротбонк | 10 | | | | | |
| Сохтмони нуқтаи гази табии | 5 | | 6 | 8 | | |
| Сохтмони нуқтаи хизматрасони | 28 | 24 | 19 | 6 | | |
| Сохтмони мактаби Қипчоқ | 20 | | | | | |
| Сохтмони мағозаи тиҷ. Шифо | 20 | | | | | |
| ҶДММ Фабрикаи Навруз | 31 | | 16 | | | |
| Сохтмони ҷойхона ҷ. Ҷоми | 2 | | 6 | | | |
| Сохтмони Нонвойхона | 2 | | | 2 | | |
| Сохтмони заводи пахта ҶДММ Эрудит | 47 | | | | | |
| Сохтмони заводи пахта Хубҷам и К | 59 | 7 | 21 | | | |
| Сохтмони бозори Бадахшон | 10 | 14 | 15 | 26 | | |
| Сохтмони заводи Фаронак | 35 | | | | | |
| Сохтмони корхонаи коркарди пахтаи Зафаробод инвест | | 61 | | 6 | | |
| Сохтмони боғча дар ҷ.Равшан | | 9 | 11 | | | |
| Таъмири мактаби таҳсилоти №16 | | | 25 | | | |
| Сохтмони хонаҳои муҳоҷирон дар ҷамоатҳои Ҷоми ва Меҳнатобод | | 64 | 76 | 36 | 42 | |
| Сохтимони хонаҳои истиқомати шаҳрвандони дар ҷамоатҳо | | 24 | 38 | 38 | 68 | |
| Сохтмони роҳи автомобилгарди Зафаро- | | 15 | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| бод-Истаравшан бо воситаи УЯС | | | | | | |
| Сохтмони мактаб дар ҷ.Ҳ.Алиев | | 10 | 15 | | | |
| Сохтмони меҳмонхонаи Зафаробод | | | 15 | | | |
| Сохтмони бунгоҳи тибби барои муҳоҷирон дар деҳаи Навбаҳор ҷамоати Ҷомӣ | | | | 12 | | |
| Сохтмони мактаб барои муҳоҷирон дар деҳаи Навбаҳори ҷамоати Ҷоми | | | | 16 | | |
| Таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 271 | 318 | 282 | 334 | 345 | 127,31 |
| Ҳоҷагиҳои деҳқони | 218 | 218 | 179 | 219 | 221 | 101,38 |
| Кооперативи истеҳсоли | 53 | 100 | 103 | 115 | 124 | 233,96 |
| Корҳои фарди (патент) | 641 | 102 | 110 | 181 | 186 | 29,02 |

***Табақаи осебпазири аҳолӣ.*** Дар ноҳия 4045 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд, аз он ҷумла 2616 нафар нафақахӯрони пиронсол, 599 нафар нафақахӯрони маъюб, 343 нафар нафақахӯрони бесаробон ва 487 нафар нафақахӯрони нафақаи иҷтимоӣ таъиншудагон. Аз ҳисоби умумии нафақахӯрон 201 нафар нафақахӯрон кор мекунанд ва нафақапулии онҳо аз ҷои кор пардохт карда мешавад.

Маблағе, ки аз буҷети ноҳия барои ҳифзи иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад, асосан барои пардохти кӯмакпулии хонандагон (аз оилаҳои камбизоат), кӯмакпулии яквақта барои шахсони дар садамаи Чернобил зарардида, мукофотпулӣ барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод, сарф мегардад.

*Ҷадвали №53. Шумораи нафарони пирони барҷомондаю ниёзманд ва яккаву танҳо дар соли 2010 (нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 13 |
| 2 | Маъюбони гурӯҳи 1,2,3 | 599 |
| 3 | Нафақахӯрони бистарӣ | 65 |
| 4 | Дигарон | 3368 |
| | Тақсимот аз рӯи миллат | |
| 1 | Тоҷикон | 2400 |
| 2 | Русҳо | 38 |
| 3 | Дигар миллатҳо | 147 |
| 4 | Узбекҳо | 1460 |
| | Аз рӯи ҷинсият | |
| 1 | мардҳо | 1630 |
| 2 | занҳо | 2415 |

**Афзалиятҳои рушди соҳаи иҷтимоӣ.** Таъмини маъюбон (махсусан кӯдакони маъюб) бо 5 адад воситаҳои техникӣ ва курсӣ-аробачаҳо. Таъмини шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо 2 адад компютер барои ташаккули системаи иттилоотии ифзи иҷтимоӣ ва мусоидат намудан дар ҷудо намудани бинои маъмурӣ барои шӯъба. Ташкили баҳисобгирии муҳоҷират аз рӯи ҷинсият, синну сол, намуди шуғл, аз рӯи вазъи оилавӣ, ҷои рафт ва ғайра. Ташкили корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, мева, пашм ва пӯст барои паст фаровардани фарқияти байни бозори меҳнати расмӣ ва бозори меҳнати ғайрирасмӣ. Баланд бардоштани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб ва ятим. Баланд бардоштани дараҷаи тахассуси мутахассисон. Гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси бекорон ва лоаққал муваққатан бо ҷои кор таъмин намудани онҳо. Ташкили равзани ягонаи электронӣ дар маркази ноҳия барои гирифтани маълумот оиди ҷойҳои кори холӣ.

**Мушкилотҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ:**

- дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои маъмурии шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъминоти нокифояи шӯъба бо компютерҳо,
- набудани хонаи кӯдакон ва хона-интернатҳо барои маъюбон, пиронсолон ва кӯдакони дорои имконияти маҳдуд,

- ➢ рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнати ноҳия,
- ➢ баланд будани сатҳи бекорӣ ва норасогии ҷойҳои корӣ.
- ➢ дар натиҷаи таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа баргаштанд аммо аз рӯи касбу ихтисоси онҳо миқдори ҷойҳои корӣ кам мебошад,
- ➢ ҳаҷми нокифояи пешниҳоди қарзҳои хурд барои инкишоф додани соҳибкории хурду миёна.

**3.4 Фарҳанг ва варзиш**

Аҳли фарҳанги ноҳияи Зафаробод кори худро барои таълиму тарбияи насли наврас, ҷавонон ва фарзандони меҳнаткашони ноҳия, дар онҳо бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ва садоқат ба халқу Ватан ва ба замин, шинос намудан бо олами санъату фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани маънавиёти мардум, тарғибот ва ташвиқоти арзишҳои маънавии ниёгон равона намудаанд. Дар ноҳияи Зафаробод 9 клуб, 14 китобхонаҳои оммавӣ, мактаби мусиқии бачагона, ансамбли шашмақомхонони «Навои дил», ансамбли халқии тарона ва рақс ва боғи фарҳангию истироҳатӣ фаъолият мебаранд.

Мактаби мусиқии бачагонаи ноҳия ягона маскани таълимие мекбошад, ки ба фарзандони меҳнаткашони шаҳру деҳаҳои ноҳия аз санъати мусиқӣ сабақ дода, бо олами рангини санъат шинос менамояд ва мутахассисони бомаҳоратро тарбия намуда, муассисаҳои фарҳангии ноҳияро бо кадрҳои ҳунарманд таъмин менамояд. Мактаби мусиқии мазкур соли 1972 ташкил шудааст. Дар давоми 38 сол, онро зиёда аз 250 нафар дилбохтагони санъат хатм намудаанд ва баъзеи онҳо дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия фаъолият бурда истодаанд. Дар мактаб шӯъбаҳои навозиши рубоби қошғарӣ, рубоби Бадахшон, дутор, ғиҷҷак, доира, мақом, фортепиано ва омӯзиши компютер амал мекунад ва дар ин шӯъбаҳо 84 нафар толибилмон, аз ҷумла 19 нафар духтарон сиру асрор ва нозукиҳои санъати мусиқиро меомӯзанд. Ба онҳо 9 нафар омӯзгорони ботаҷриба аз рӯи 8 ихтисос таълим медиҳанд, ки 4 нафари онҳо дорои маълумоти олии махсус, 2 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус, 3 нафар дорои маълумоти миёнаи мусиқӣ баъд аз хатми мактаби мусиқӣ буда, 5 нафари онҳо тахассуси олӣ доранд. Мактаби мусиқӣ бо компютерҳо пурра таъмин шудааст. Толибилмони мактаби мусиқӣ дар фестивал озмунҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ фаъолона иштирок менамоянд. Айни ҳол, 8 нафар хатмкунандагони мактаби мусиқӣ, омӯзишгоҳи мусиқии ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хӯҷандро хатм намуда, дар муассисаҳои санъат фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳия ансамбли халқии тарона ва рақс амал менамояд, ки соли 1974 унвони халқиро гирифтааст. Ансамбл 40 нафар аъзо дорад. Аз он ҷумла, дар ансамбл 10 нафар раққосадухтарони бомаҳорати маҳаллӣ, 8 нафар мутрибони боистеъдод, 1 нафар ширинкор, 2 нафар ровӣ ва 19 нафар овозхонони боистеъдод, аъзои фаъол мебошанд. Ансамбл дар ҳамаи чорабиниҳои маданӣ оммавии ноҳия фаъолона иштирок менамояд. Ансамбл дар фестивал озмунҳои ҷумҳурияви телевизионии эҷодиёти халқ: «Бӯстон – 1», «Бӯстон – 2», «Бӯстон – 3», «Андалеб – 2002», «Андалеб – 2004», «Андалеб – 2006», Андалеб – 2008» фаъолона иштирок намуда, дар солҳои 2004 ва 2006 дар миқиёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи дуюмро ишғол намуда ба мукофоти пулӣ ва дипломи ҳакамон сазовор шудааст. Ансамбл дар фестивал озмунҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ, аз он ҷумла дар чорабиниҳои оммавӣ ва идона фаъолона иштирок менамояд. Дар давоми 38 сол ансамбл як чанд санъаткорони бомаҳоратро тарбия намуда, ба олами санъат гусел кардааст. Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Хосият Ортиқова, мутрибони бо маҳорат Аминов Додоҷон, Ӯлмасов Хушвақт, Додоев Мирзо, Ҳомидов Зокир, Кенҷаев Саид, овозхонони номӣ: Обидов Икром, Шомуродов Шодиқул, Саломатова Дулфуза, Авулов Холбой, Шавкати Ҷӯра, раққосаҳои боҳунар Маматқулова Ширин, Саломатова Рамзия ва дигарон, дар солҳои гуногун иштирокчиёни фаъоли ансамбли номбурда будаанд, ки онҳо дар филармонияи давлатии Тоҷикистон, дар ансамблҳои овозадори вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшан ва ҳамчун омӯзгор дар мактабҳои мусиқӣ фаъолият намуда истодаанд.

Дар ноҳия ансамбли шашмақомсароёни «Навои дил», ки соли 2002 ташкил шудааст, фаъолият мебарад. Ансамбл 21 воҳиди корӣ дорад ва дар он 16 нафар санъаткорон кор мекунанд. Ансамбл роҳбари умумӣ, роҳбари бадеӣ, балетмейстер, 6 нафар мутриб ва 7 нафар овозхон дорад. Дар ансамбл 4 нафар духтарони маҳаллӣ кор мекунанд. Ғайр аз кормандон ансамбл, боз 15 нафар аъзоён фаъолият менамоянд, ки 6 нафари онҳо раққосадухтарон мебошанд. Дар ансамбл кормандон дорои маълумоти олии махсус 2 нафар, дорои маълумоти олии умумӣ 2 нафар, дорои маълумоти миёнаи махсус 3 нафар ва дорои маълумоти миёна 9 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳия 9 муассисаи фарҳангӣ, аз он ҷумла, 1 хонаи фарҳанги ноҳиявии «Зафар», 2 хонаи фарҳанги шаҳрӣ, 1 клуби шаҳрӣ, 3 хонаи фарҳанги деҳот, 2 клуби деҳот ба мардуми ноҳия хизмати маданӣ мерасонад, дар онҳо 25 нафар кормандони фарҳанг фаъолият менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур, 4 нафар бо маълумоти олии махсус, 1 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва 20 нафар бо маълумоти миёна кор мекунанд. Дар муассисаҳои номбурда воситаҳои техникӣ ба монанди радио, телевизор, видеомагнитофон, ДВД, баландгӯякҳо ва микрофонҳо мавҷуд нест. Танҳо баландгӯяк ва генератори хонаи фарҳанги ноҳиявии «Зафар» коршоям мебошанду халос. Дар ноҳия 6 бинои хонаҳои фарҳанги шаҳракҳои Зафаробод, Меҳнатобод, Ҳамид Алиев, Ҷомӣ, Бахт, Гулистон тибқи лоиҳа сохта шудааст ва айни ҳол онҳо таъмирталаб мебошанд. Фавораи назди хонаи фарҳанги ноҳия низ, таъмирталаб мебошад. Дар муассисаҳои мазкур, асбобҳои мусиқии миллӣ намерасанд. Ғайр аз хонаи фарҳанги ноҳиявӣ, муассисаҳои боқимондаи соҳа бо либосҳои саҳнавӣ, таъмин нестанд ва мизу курсиҳо кӯҳна шуда, таъмирталаб мебошанд. Дар муассисаҳои номбаршуда, 53 маҳфилҳои гуногуни худфаъолиятии бадеӣ амал мекунанд, ки дар он 892 нафар одамони синну сол, касбу кор ва миллатҳои гуногун иштирок менамоянд. Маҳфилҳои бачагона 42 адад буда дар он 697 кӯдакон иштирок менамоянд.

Дар ноҳия 14 адад китобхонаҳои оммавӣ мавҷуданд, аз ҷумла 1 китобхонаи марказии ноҳиявӣ, 1 китобхонаи бачагона, 12 китобхонаҳои шаҳрӣ ва деҳот. Китобхонаҳои оммавӣ пурра марказонида шудаанд. Теъдоди китобҳо дар китобхонаҳо 108179 адад ва шумораи китобхонон 109618 ададро ташкил менамояд. Китобхонаҳои оммавӣ 10060 нафар хонандаро дарбар мегиранд. Дар китобхонаҳои оммавӣ 18 нафар кормандон кор мекунанд. Мушкилоти асосии китобхонаҳои оммавӣ, ин таъмирталаб будани бинои китобхонаҳо, ба курсиву мизҳои замонавӣ, рафҳои китобмонӣ, компютерҳо ва ба адабиётҳои тозанашр ниёз доштани онҳо мебошад.

Барои истироҳати маданӣ ва фароғати ҷавонони ноҳия, боғи фарҳанг ва истироҳати ноҳия амал менамояд, ки дар тавозуни Корхонаи фаръии «Хоҷагии манзилию коммуниалӣ»-и ноҳия қарор дорад. Боғи фарҳанг бо атрактсионҳо таъмин нест. Чорабиниҳои оммавии бахшида ба рӯзи Ваҳдат, рӯзи муҳофизати бачаҳо, рӯзи якдилии меҳнаткашон, ҷашнҳои Наврӯз ва рӯзи Истиқлолияти миллӣ дар боғ ва варзишгоҳи он гузаронида шуда, сайру гаштҳои оммавӣ ташкил карда мешавад. Кормандони боғ кӯшиш карда истодаанд, ки шӯҳрати боғро боз аз нав барқарор намоянд ва боғро ба ҷои ҳақиқии фароғат ва чорабиниҳои фарҳангию маданӣ табдил диҳанд.

*Ҷадвали №54. Мушкилотҳои асосии соҳаи фарҳанги ноҳияи Зафаробод*

| № б/т | Мушкилиҳо | Мавзеъ ва афзалиятҳо |
|---|---|---|
| 1 | Таъмири биноҳои хонаҳои фарҳанг, воситаҳои техники, асбобҳои мусиқи | Хонаҳои фарҳанги шаҳракҳои Меҳнатобод, Ҳ. Алиев, Гулистон, клуби деҳаи Қипчоқ |
| 2 | Таъмири биноҳои китобхонаҳои оммавӣ | Китобхонаи марказӣ, китобхонаҳои оммавии деҳаҳои Қипчоқ, Ҳаёти Нав, Логин, Мирзоobod |
| 3 | Таъмин намудани муассисаҳои клуби бо воситаҳои техники, асбобҳои мусиқии миллӣ, либосҳои саҳнави | 5 хонаи фарҳанги шаҳракҳои Бахт, Гулистон, Ҷомӣ, Меҳнатобод, Ҳ. Алиев |
| 4 | Ташкил намудани махфили «Фалакхонон» | Дар хонаи фарҳанги шаҳраки Гулистон |
| 5 | Гирифтани рухсатнома аз раёсати молияи ноҳия барои воҳидҳои кории посбон, фаррош, методист | Барои хонаи фарҳанги ноҳияви 1 фаррош, хонаи фарҳанги шаҳраки Гулистон 1 методист, хонаи фарҳанги шаҳраки Ҳ. Алиев 1 посбон |

| | | |
|---|---|---|
| 6 | Дастрас намудани адабиётҳои нав, рафҳои китобмони бо мизу курсиҳо | 14 китобхонаҳои системаи марказонидашудаи шаҳру деҳотҳои ноҳия |
| 7 | Компютерикунони ва ташкили интернет | Дар китобхонаи маркази, китобхонаи бачагона |
| 8 | Дар назди бахши фарҳанг кушодани студияи сабти овоз ва сабти наворгири | Хонаи фарҳанги ноҳиявии «Зафар» |
| 9 | Аз ҷиҳати модди дастгири намудани ансамбли халқии тарона ва рақс, бо нақлиёти хизмати таъмин кардани он барои сафарҳои эҷоди | Хонаи фарҳанги ноҳиявии «Зафар» |
| 10 | Таъмин намудан бо асбобҳои мусиқии миллӣ, бо бинои нави замонавӣ, воситаҳои техникӣ-телевизор,ДВД, идеомагнитофон | Мактаби мусиқии бачагонаи ноҳия |

**Варзиш.** Имрӯз сиёсати давлат бароиривоҷу равнақи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, солимгардонии оммаи васеи халқ ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон равона шудааст.

Ҳоло дар қаламрави ноҳия ба таъмир, тармим ва бунёди иншоотҳои варзишӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар айни ҳол, дар қаламрави ноҳия 25 муассисаҳои таълимӣ, 3 боғчаи бачагона, 2 омӯзишгоҳи касби-техникӣ, 1 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, 1 омӯзишгоҳи тиббӣ, 1 техникуми политехникӣ, 2 мактаби варзишии бачагону наврасон ва ҷамъияти варзишии «Ҳосилот» фаъолият мебаранд, ки дар 24 адади ин муассисаҳо майдончаи варзишӣ мавҷуд мебошад ва 10 адад муассисаҳои номбурда майдончаи варзишӣ надоранд. Дар ноҳия ҳамагӣ 14 адад толорҳои варзишӣ мавҷуд мебошад ва дар 2 толори варзишӣ корҳои таъмиру барқарорсозӣ идома дошта, таъмири 4 адад толори варзишии мактабҳои № 1, 5, 6, 11 ба нақша гирифта шудааст. Боқимонда толорҳои варзишии таълимгоҳҳои № 3, 4, 12, 16, омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, омӯзишгоҳҳои касби-техникии №41 ва №76, толори варзиши техникуми политехникӣ таъмирталаб мебошанд.

Мақсад ва вазифаҳои асосии соҳаи варзиш, барқарорсозии иншоотҳои варзишии муассисаҳои таълимии ноҳия, ҳамчун қисмӣ ҷудонашавндаи сиёсати ичтимоии давлат ҷиҳати мустаҳкам намудани тандурустии аҳолӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии соҳаи варзиши ноҳияи Зафаробод аз: оммавӣ гардонидани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти системаи тарбияи ҷисмонии аҳолӣ, беҳтар намудани системаи тайёрии варзишгарони дастаҳои мунтахаб аз рӯи намудҳои варзиш, барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, мукаммалгардонии системаи назорати тиббӣ дар самти саломатӣ ва тайёрии ҷисмонии шахсоне, ки ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шуғл меварзанд, мукаммалгардонии тарзи идоракунии инкишоф ва фаъолияти системаи тарбияи ҷисмонию варзиш дар ноҳия, иборат мебошанд.

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии рушди соҳаи варзиш дар ноҳия, таъминот бо лавозимотҳои варзишӣ, таъмини толор ва майдончаҳои варзишии замонавӣ ҳангоми фаъолият ва идоракунии низоми тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ ва ҷавонони бо таҳсил фарогирифташуда, ҳаракати мустақили ҷисмонӣ-солимгардонӣ ва низоми тайёр намудани варзишгарони баландмаҳорат беҳтар мегардад. Барои тайёр намудани дастаҳои яккачини ноҳиявӣ оид ба намудҳои варзишӣ шароити сифатан беҳтар фароҳам оварда мешавад.

*Ҷадвали №55. Дурнамои рушди соҳаи фарҳанг*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот | Баҳодиҳӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2010 |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | 27 | 27 | 27 | 29 | 31 | 31 | 114,8 |
| Клубҳо | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | 10 | 111,1 |
| аз он ҷумла ҷумхуриявӣ | 9 | 9 | 9 | 9 | 9 | 110 | 1222,2 |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | 15 | 107,1 |
| аз он ҷумла ҷумхуриявӣ | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | 15 | 107,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Осорхонаҳо | | | | | | | |
| ансамблхо | 2 | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 | 150,0 |
| Театрҳо | | | | | | | |
| аз он ҷумла театрҳои касбӣ | | | | | | | |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |

Давоми солҳои 2014-15 2 адад муассисаҳои фарҳангӣ ва 1 адад китобхонаи оммавӣ дар маҳалҳои нави аҳолинишин бунёд мегардад.

## 3.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоӣ

*Ҷадвали №56*

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ, (ҳазор сомонӣ) | СОЛҲО | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаи нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **ТАНДУРУСТӢ** | | | | | | | | | | | |
| *Бехтар намудани дастраси хизмати ва тарзи хаётии солим* | *1. Баланд бардоштани сатҳи ташхиси табобатӣ ва пешгирии бемориҳо.* | *1.1 Таъминот бо маводхои ташхисии табобатӣ ва пешгирӣ (R-пленка-1000 дона, воситахои дезинфекция-1 тн)* | *56,3* | *11,3* | *11,3* | *11,3* | *11,3* | *11,3* | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Маблагҳои худӣ* | *Афзоиши шумораи муассисаҳои нави муҷаҳҳазгардонидашудаи тандурустӣ то соли 2016 то 55%.<br>Паст гардидани сатҳи бемориҳои сироятӣ дар ноҳия то соли 2016 то 80%.<br>Камшавии шумораи фавти модару кӯдак дар ноҳия то соли 2016 то 65%.<br>Афзоиши сифат ва ҳаҷми фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои тандурустӣ то соли 2016 то 90%.* |
| | | *1.2 Пурзӯр намудани баъзаи моддӣ-техникии маркази ташаккули ҳаёти солим (харидории 1-адад наклиёти махсус)* | *22,5* | | | *22,5* | | | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | *2. Фарохам овариии шароити хуби хизматрасонии тибби* | *2.1 Таъмири иншоотҳои тиббӣ-профилатикӣ ва ёрирасон (алоқа, коммуникатсия, наклиёт)* | *1350,0* | | | *360,0* | *450,0* | *540,0* | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Номуайян* | |
| | | *2.2 Таъмири маркази саломатии ҷамоати Ҷомӣ* | *19,7* | | *19,7* | | | | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *2.3 Таъмири беморхонаи минтақавии ҷамоати Меҳнатобод* | *879,4* | | | *0,0* | *879,4* | | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.4 Аз нав намудани таҷҳизотҳои тиббӣ-ташхисӣ (дастгоҳи рентгенӣ ва гастроскоп)* | *139,5* | | | *27,0* | *112,5* | | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.5 Аз нав намудани таҷҳизотҳои тиббӣ (автоклав 2-адад)* | *14,0* | | | | *7,0* | *7,0* | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.6 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (кардиоманитор 1-адад, дефиброятор 1-адад)* | *67,5* | | | | *22,5* | *45,0* | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.7 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (дастгоҳи нафаси сунъӣ 2-адад)* | *72,0* | | | *36,0* | *36,0* | | *МИМХД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2.8 Аз нав намудани таҷҳизотҳои табобатӣ (дастгоҳи электроотсос 2-адад)* | *13,5* | | | *6,8* | *6,8* | | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.9 Аз нав намудани 2-адад мизи ҷарроҳӣ* | *22,5* | | *11,3* | *11,3* | | | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.10 Харидани таҷҳизоти физотерапея (УВЧ 2-адад, диотермия 2-адад, амплипулс 1-адад, Электорфарез 1-адад)* | *45,0* | | *9,0* | *9,0* | *9,0* | *18,0* | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.11 Харидории 6 адад нақлиёти ёрии таъҷилӣ* | *135,0* | | *22,5* | *22,5* | *45,0* | *45,0* | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ,* | |
| | | *2.12 Барқарор ва азнав таъмин намудани таҷҳизоти сахт (мизу курсӣ 100 ҷуфт, яхдон 10 адад)* | *94,5* | | *13,5* | *27,0* | *27,0* | *27,0* | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷет, сармояи дохилӣ* | |
| | | *2.13 Сохтмони бинои маркази ёрии таъҷилии нохиявӣ* | *112,5* | | | *54,0* | *58,5* | | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Буҷети вилоятӣ* | |
| | | *2.14 Барқарор намудани системаи гармидиҳии БМН.* | *112,5* | | *18,0* | *27,0* | *67,5* | | *МИМҲД, беморхонаи марказӣ* | *Номуайян* | |
| *Ҷамъ* | | | *3156,4* | *11,3* | *105,2* | *614,3* | *1732,4* | *693,3* | | | |

***МАОРИФ***

| ***Ҳадаф*** | ***Вазифаҳо*** | ***Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо*** | ***Арзиши умумӣ*** | ***СОЛҲО*** | | | | | ***Масъул*** | ***Сарчашмаи маблаггузорӣ*** | ***Натиҷаи нишондиҳандаҳо*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ***2011*** | ***2012*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** | | | |
| | *1. Таъмин намудани мактабҳо бо китобхо* | *1.1 Таъмини мактабҳо бо 71 ҳазор нусха китобҳои дарсӣ* | *216,0* | *22,5* | *27,0* | *31,5* | *67,5* | *67,5* | *МИМҲД, шӯъбаи маориф* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *Афзоиши фарогирӣ ва афзоиши шумораи хонандагони болаёқати бо методҳои муосири таълимӣ таҳсилнамуда то соли 2016 то 65%.* |
| | *2. Баланд бардоштани базаи модди техникии муассисахои таълимӣ* | *2.1 Таъмири ҷории мактабҳои №8,9,10,12,18,19* | *112,5* | | | *22,5* | *45,0* | *45,0* | *МИМҲД, шӯъбаи маориф* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *2.2 Бунёди 10 адад синфхонаҳои иловагӣ дар мактабҳои № 1,13,14,17* | *225,0* | *27,0* | *36,0* | *45,0* | *54,0* | *63,0* | *МИМҲД, шӯъбаи маориф* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | *Афзоиши шумораи мактабҳои бо шабакаи худии гармидиҳӣ таъмин гашта то соли 2016 то* |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2.3 Таъмини 2720 ҷуфт мизу курсӣ, 70 адад тахтаи синфӣ, 400 адад ҷевонҳои китобгузорӣ дар мактабҳои рақами 1,3,5,8,11,12,13,15,19,20 | 270,0 | 22,5 | 45,0 | 45,0 | 67,5 | 90,0 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | 55%.<br><br>Афзоиши шумораи хонандагони болаёқати ба мактабҳои олӣ дохилшуда то соли 2016 то 90%.<br><br>Афзоиши сатҳи таъминоти техникии мактабҳо то соли 2016 то 70%.<br><br>Баланд гарддидани савияи дониши хонандагон то соли 2016 то 75%. |
| | | 2.4 Таъмини 25 адад мактабҳо бо генераторҳои барқӣ | 56,3 | 4,5 | 9,0 | 13,5 | 13,5 | 15,8 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | |
| | | 2.5 Сохтмони мактаб барои 240 хонанда дар деҳаи Навбаҳори ҷамоати Ҷомӣ | 1390,0 | | | 250,0 | 500,0 | 640,0 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | |
| | | 2.6 Сохтмони толори варзишӣ дар мактаби №8 | 550,0 | | | | 200,0 | 350,0 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 2.7 Сохтмони толори варзишӣ дар мактаби №14 | 550,0 | | | | 150,0 | 400,0 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 2.8 Идомаи сохтмони устохонаи таълимии мактаби №15 | 91,0 | | 31,0 | 60,0 | | | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | |
| | | 2.9 Таъмири асосии мактаби таҳсилоти умумии №1 | 182,4 | | 182,4 | | | | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 2.10 Таъмири асосии мактаби таҳсилоти умумии №14 | 143,1 | | 143,1 | | | | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 2.11 Идомаи сохтмони мактаби ибтидоии маҳаллаи Б.Ғафурови ҷамоати Ҳ.Алиев | 45,0 | | | | 15,0 | 30,0 | МИМҲД, шӯъбаи маориф | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | |
| | 3. Баланд бардоштани сифати таълим дар омӯзишгоҳҳо | 3.1 Таъмини 75 ҷуфт мизу курсӣ, 5 адад тахтаи синфӣ, 8 адад компютер, 12 адад ҷевонҳои китобгузорӣ, 10 адад мошинаҳои либосдӯзӣ | 48,2 | 4,5 | 9,0 | 9,0 | 12,2 | 13,5 | МИМҲД, омӯзишгоҳҳо | Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *3.2 Бо автомошинаҳои таълимии ҳозира таъмин намудани омӯзишгоҳҳо (3 адад)* | *81,0* | *0,0* | *0,0* | *27,0* | *27,0* | *27,0* | *МИМҲД, омӯзишгоҳҳо* | *Номуайян* | |
| *Ҷамъ* | | | *3960,4* | *81,0* | *482,5* | *503,5* | *1151,7* | *1741,8* | | | |
| **ФАРҲАНГ ВА ВАРЗИШ** | | | | | | | | | | | |
| **Ҳадаф** | **Вазифаҳо** | **Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ** | **СОЛҲО** | | | | | **Масъул** | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Натиҷаи нишондиҳандаҳо** |
| | | | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | | | |
| *Баланд бардоштани сатҳи рушди муассисаҳои фарҳангиву фарогатӣ ва аҳолӣ;* | *1.Шароит фароҳам сохтан барои қаноатманд гардонидани талаботҳои аҳолӣ* | *1.1. Таъмиру барқарорсозии намудани муассисаи фарҳангӣ дар ҷамоати Зафаробод;* | *100,0* | | | *20,0* | *30,0* | *50,0* | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | *Афзоиши шумораи иншоотҳои фарҳангу варзиш ва фарогатӣ то соли 2016 то 60%.*<br><br>*Афзоиши шумораи аҳолии ба тарзи ҳаёти солим машгулбуда то соли 2016 ба 60% расонида шудааст.* |
| | | *1.2 Таъмин намудани 5-хонаи фарҳанг бо техникаҳои нави муосири фарҳангӣ; (асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизоти тақвияти овоз,)* | *157,5* | | | *31,5* | *63,0* | *63,0* | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *1.3 Таъмин намудани хонаҳои фарҳанг бо микроавтобус* | *135,0* | | | *27,0* | *54,0* | *54,0* | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *1.4 Таъмири хонаи фарҳанги деҳаи Бахти ҷамоати Равшан* | *96,0* | | *96,0* | | | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Номуайян* | |
| | | *1.5 Таъмиру тармими хонаи фарҳанги шаҳраки Ҳ.Алиев* | *106,4* | | *106,4* | | | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *1.6 Таъмири хонаи фарҳанги шаҳраки Меҳнатобод* | *199,0* | | *13,0* | *186,0* | | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *1.7 Таъмири хонаи фарҳанги шаҳраки Ҷомӣ* | *70,0* | | | | *20,0* | *50,0* | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *1.8 Ташкили нуқтаи интернет-кафе дар ҷамоатҳо* | *20,0* | | | *5,0* | *5,0* | *10,0* | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | *2. Баланд бардоштани сифати хизматрасонии муассисаҳои* | *2.1 Омӯзонидани кормандони соҳаи фарҳанг ва фарогат оид ба фаъолият дар шароити иқтисоди бозоргонӣ;* | *5* | | *5* | | | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *фарҳангӣ* | *2.2 Харидорӣ намудани 200 ҷуфт либосҳои саҳнавӣ;* | *20,0* | *5,0* | *5,0* | *5,0* | *5,0* | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *2.3 Барқарор намудани 22,5 гектар боғҳои фарҳангу фароғатӣ дар ҷамоати Зафаробод;* | *70,0* | | *20,0* | *25,0* | *25,0* | | *МИМҲД, шӯъбаи фарҳанг* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | *3. Ҷалби ҷавонон ба варзиш* | *3.1 Таъмир ва ҷиҳозонидани мактаби варзишии ҷамоати Меҳнатобод* | *15,0* | | | *5,0* | *5,0* | *5,0* | *МИМҲД, бахши ҷавонон ва варзиш* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *3.2 Барқарор намудани мактаби варзишии ҷамоати Зафаробод* | *15,0* | | | *5,0* | *5,0* | *5,0* | *МИМҲД, бахши ҷавонон ва варзиш* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *3.3 Сохтмони мактаби варзишӣ ва майдончаи варзишӣ дар ҷамоати деҳоти Равшан* | *110,0* | | | *30,0* | *40,0* | *40,0* | *МИМҲД, бахши ҷавонон ва варзиш* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *3.4 Сохтмони майдони варзишӣ дар ҷамоати Ҷомӣ* | *80,0* | | | *10,0* | *35,0* | *35,0* | *МИМҲД, бахши ҷавонон ва варзиш* | *Соҳибкорони маҳаллӣ* | |
| | | *3.5 Ташкили толори варзишӣ барои варзиши сабук дар ҷамоати Ҳ.Алиев* | *105,0* | | *10,0* | *15,0* | *40,0* | *40,0* | *МИМҲД, бахши ҷавонон ва варзиш* | *Буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| *Ҷамъ дар бахши фарҳанг ва варзиш* | | | *1303,9* | *5,0* | *255,4* | *364,5* | *327,0* | *352,0* | | | |
| *Ҳамагӣ дар соҳаи иҷтимоӣ* | | | *8420,7* | *97,3* | *843,1* | *1482,3* | *3211,1* | *2787,0* | | | |
| *Буҷети маҳаллӣ* | | | *5682* | *63,5* | *654,4* | *822,1* | *2210,9* | *1926,3* | | | |
| *Буҷети вилоятӣ* | | | *112,5* | - | - | *54,0* | *58,5* | - | | | |
| *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | | *351* | *22,5* | *49,5* | *54* | *112,5* | *112,5* | | | |
| *Сармояи хориҷӣ* | | | *207* | - | *9* | *58,5* | *121,5* | *18* | | | |
| *Аҳолӣ ва соҳибкорон, маблағҳои худии муассисаҳо* | | | *136,3* | *11,3* | *11,3* | *21,3* | *46,3* | *46,3* | | | |
| *Норасоии маблағ* | | | *1931,9* | *0* | *118,9* | *472,4* | *661,4* | *683,9* | | | |

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои рифоҳӣ

**Таъминоти оби нӯшокӣ.** Дар ноҳияи Зафаробод шаҳраку деҳаҳое мавҷуданд, ки аҳолии онҳо аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Дар ҳудуди ноҳияи Зафаробод барои таъмин, нигоҳубин ва танзими истифодаи об "Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи ноҳия" фаъолият менамояд.

Дар доираи татбиқи "Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, аз ҷониби "Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализасияи ноҳияи Зафаробод" барои солҳои 2010-2011 як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст ва барои татбиқи пурраи онҳо ҷалби сармоя ва дастгирии ҳукумати маҳаллӣ, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Иҷроиши Барномаи мазкур имкон медиҳад, ки таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии тозаи ба талаботҳои экологию санитарӣ ҷавбгӯй дар давраи то соли 2020 имконпазир гардад.

*Ҷадвали №57. Таъминоти аҳолии ноҳияи Зафаробод бо оби нӯшокӣ*

| Номгӯй | Ҷамоатҳо | | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | А.Ҷомӣ | Меҳнатобод | Зафаробод | Ҳ.Алиев | Равшан | |
| Аҳолӣ (нафар) | 6500 | 10250 | 21863 | 9264 | 13800 | 61677 |
| Таъмин | 1495 | 4100 | 15523 | 6484 | 8280 | 35882 |
| Бо фоиз | 23,0 | 40,0 | 71,0 | 70,0 | 60,0 | 58,2 |
| Таъмин нестанд | 5005 | 6150 | 6340 | 2780 | 5520 | 25795 |
| Бо фоиз | 77,0 | 60,0 | 29,0 | 30,0 | 40,0 | 41,8 |

Аз рӯи ҷадвал бармеояд, ки танҳо 41,8 фоизи аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ аз ҳисоби чоҳҳои амудӣ таъмин мебошанд. Аз ҷумла, таъминоти оби нӯшокии аҳолии ҷамоатҳои Ҷомӣ 23 фоиз, Меҳнатобод 40 фоиз, Зафаробод 71 фоиз, Ҳ.Алиев 70 фоиз ва таъминоти оби нӯшокии аҳолии ҷамоати Равшан 60 фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба талаботҳои стандартӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ намебошад.

*Диаграммаи 12. Таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ ба ҳисоби фоиз*




Соли 1980 дар нуқтаи марказонидашудаи таъминоти оби нӯшокӣ бо пойгоҳҳои оббардорӣ ва обтозакунӣ, зиёда аз 110 нафар коргарон, аз ҷумла 80 фоиз занон кор мекарданд. Алҳол бошад 26 нафар дар соҳаи мазкур кору фаъолият менамоянд, ки аз ин 9 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Дар ҳолати барқарор намудани низоми аввала имконият пайдо мегардад, ки теъдоди кормандони соҳа ба шумораи соли 1980 расонида шавад.

Барои таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, лоиҳаи инвеститсионӣ ва харҷномаи барқарорсозии қубурҳои асосии обтаъминкунӣ (магистрали д-400мм), шабакаҳои оби нӯшокӣ ва обу ташнобы ноҳия, бо назардошти лоиҳаи сохтмони хатти оби нӯшокии дохилии маҳалҳои навбунёд ба маблағи 3 млн 185 ҳазор доллари ИМА,

таҳия гардида ба КВД "ХМК"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфт намудани манбаи маблағгузорӣ ва пешниҳод намудан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ирсол карда шудааст.

Тибқи лоиҳаи барқарор кардани иншоотҳои оббардории №1,2,3 ки айни замон дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон қарор доранд, 886 ҳазор доллари ИМА, барои барқарор кардани иншоотҳои обтозакунӣ 630 ҳазор доллари ИМА, барои таъмир ва азнавсозии шоҳқубурҳои d-500 мм 560 ҳазор доллари ИМА, барои азнавсозӣ ва таъмири хатҳои обгузари дохили шаҳраку деҳотҳои ноҳия ба маблағи 365 ҳазор доллари ИМА ва барои барқарорсозии хатҳо ва иншоотҳои обтозакунӣ ва канализатсияи ноҳия 739 ҳазор доллари ИМА маблағ лозим мебошад.

"Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунии ноҳияи Зафаробод, ки хизматрасониҳои рифоҳиро низ ба ӯҳда дорад, дорои 4 пойгоҳи обкашӣ мебошад, аммо 3 пойгоҳи асосии он аз соли 1995 инҷониб корношоям мебошад, аз ҷумла:

- Пойгоҳи обкашии №1 - иқтидораш 30 ҳазор метрии мукааб, соли 1968 ба истифода дода шудааст ва айни ҳол корношоям буда, таъмири капиталиро талаб менамояд.
- Пойгоҳи обкашии №2 - иқтидораш 24 ҳазор метрии мукааб, соли 1968 ба истифода дода шудааст ва айни ҳол корношоям буда, таъмири капиталиро талаб менамояд.
- Пойгоҳи обкашии №3 - иқтидораш 12 ҳазор метрии мукааб, соли 1968 ба истифода дода шудааст ва айни ҳол корношоям буда, таъмири капиталиро талаб менамояд.
- Пойгоҳи обкашии №4, иқтидораш 5,8 ҳазор метрии мукааб, соли 1968 ба истифода дода шудааст ва айни ҳол корношоям буда, таъмири капиталиро талаб менамояд.

Корхонаи обтаъминкунӣ ва канализасияи ноҳия дорои 34 км хати обрасонии оҳанини дохилиноҳиявӣ буда, дигар хатҳои обрасонии магистралии мавҷуда аз қубурҳои асбестӣ ва оҳанини қутрашон 700 мм, 600 мм, 300 мм ва 100 мм сохта шуда, дарозии умумиашон 52,0 км мебошад.

Тариқи ин шабакаҳо, корхонаи обтаъминкунӣ ва канализатсия ба 18 ташкилотҳои буҷетӣ, 15 ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ ва ба 8500 нафар аҳолӣ, хизматрасониҳои обрасонӣ ва канализатсияро амалӣ месозад.

*Диаграммаи 13. Истеҳсоли шабонарӯзии об дар ноҳияи Зафаробод*




Инчунин, дар ноҳия 49 адад чоҳҳои амудӣ дар давраи Шӯравӣ ҳамчун захира истифода бурда мешуд ва ҳоло 9 адади он коршоям буда, (2 адад дар ҷамоати Равшан, 1 адад дар ҷамоати Ҳ.Алиев, 4 адад дар ҷамоати Зафаробод, 1 адад дар ҷамоати Меҳнатобод ва 1 адад дар ҷамоати Ҷомӣ) як қисми аҳолиро бо оби нӯшокӣ таъмин менамоянд, боқимонда 40 адад чоҳҳои амудӣ таъмирталаб мебошанд. Ҷиҳати ба кор андохтани онҳо ва барои васл намудани 25 адад насоси ЭСВ-10-120-160 ва 15 адад

насоси ЭСВ-10-160-35 - 130 ҳазор доллари ИМА, барои харидорӣ намудани 30 адад трансформаторҳои 100/10 кВт 120 ҳазор доллари ИМА ва барои дигар хароҷотҳо 110 ҳазор доллари ИМА лозим мебошад.

Иқтидори солонаи иншоотҳои обрасонии ноҳия ҳоло 1200 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад. Воситаҳои асосии корхонаи обтаъминкунӣ ва канализасияи ноҳия дар ҳолати ногувор қарор дошта, бинобар гузаштани мӯҳлати истифодабариашон, аз соли 1995 ин ҷониб корношоям гаштаанд. Имрӯз корхона барои пешбурди корҳои таъмиру барқарорсозӣ аз сабаби набудани автокран, экскаватор ва дигар таҷҳизотҳои зарурӣ, ба мушкилот дучор гаштааст.

*Ҷадвали №58. Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2010 нисбати соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аҳолӣ | оила | 6584 | 7198 | 7500 | 113,9 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 16 | 17 | 18 | 112,5 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 10 | 10 | 15 | 150,0 |
| | дигар муштариён | адад | | | | |
| 2 | Пардохти ҳақи истифодаи об, аз ҷумла | сомонӣ | 157165 | 180180 | 168122 | 107,0 |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 20905 | 38210 | 60200 | 288,0 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 92179 | 110555 | 90260 | 97,9 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 44081 | 31415 | 17662 | 40,1 |
| | дигар муштариён | сомонӣ | | | | |
| 3 | Қарзи муштариён дар назди корхона | | 163488 | 239194 | 305608 | 186,9 |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 59256 | 86991 | 129304 | 218,2 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 104232 | 152203 | 176304 | 169,1 |
| 4 | Нархи об (1 м3) | | | | | |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 0,25 | 0,30 | 0,35 | 140,0 |
| | а) баландошёна | сомонӣ | 0,25 | 0,30 | 0,35 | 140,0 |
| | б) як ошёна (маҳаллӣ) | сомонӣ | 0,25 | 0,30 | 0,35 | 140,0 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 0,25 | 0,40 | 0,48 | 192,0 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 0,25 | 0,40 | 0,48 | 192,0 |
| | дигар муштариён | сомонӣ | 0,25 | 0,40 | 0,48 | 192,0 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор м3 | 1,5 | 1,4 | 1,1 | 73,3 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ҳазор м3 | 5570 | 5018 | 4149 | 74,5 |

*Диаграммаи 14. Тарифҳои хизматрасонии об*




Гарчанде нархи барқ дар солҳои охир баланд нашуда бошад ҳам, лекин истеҳсоли шабонарӯзии об дар соли 2010 нисбати соли 2008 то ба 73 фоиз поён рафтааст. Инчунин

бо сабаби фарсуда шудани шабакаҳо ва исрофкории об аз тарафи истеъмолкунандагон, талафоти шабонарӯзии об 45-50%-ро ташкил медиҳад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа**

- таъмир ва аз нав барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии №1, №2 ва №3,
- таъмир ва аз нав барқарорсозии таҷҳизотҳои обрасонии магистралии дохили шаҳраку деҳаҳо,
- дар маҳаллаҳои навбунёди баъзе ҷамоатҳои деҳот мавҷуд набудани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ва хатҳои обгузар,
- фарсуда будани шабакаҳои обрасонӣ, паст будани фишор дар қубурҳои магистралӣ ва набаромадани об то ошёнаҳои болоии биноҳои баландошёна,
- талафоти зиёди шабонарӯзии об – то 45-50%,
- фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои обтозакунӣ,
- минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани хатҳои обӣ нӯшокӣ ва посбонӣ карда нашудани хатҳо ва иншооти обгузар дар ин мавзеъҳо,
- набудани ташхисгоҳ (лаборатория)-и худӣ ва кам гузаронидани ташхиси обҳои нӯшокӣ,.
- набудани маблағ барои сохтмону барқарорсозии иншоотҳои канализасионии шаҳракҳои Зафаробод ва Меҳнатобод,
- кори ғайриқаноатбахши иншоотҳои партовтозакунӣ ва таъмир нашудани онҳо,
- набудани обченкунакҳо,
- таъмин намудани аҳолии деҳаҳои навбунёд аз ҳисоби қитъаҳои замини нав тақсимшуда ва деҳаҳои муҳоҷирони Ҷавонӣ, Даҳкат ва Навбаҳор бо оби ошомиданӣ,
- норасоии мутахассисони соҳибтаҷриба,
- паст будани музди меҳнати мутахассисони соҳа,
- набудани механизми маблағгузорӣ барои таъминоти оби нӯшокӣ (худмаблағгузорӣ, бахши хусусӣ),
- таъмирталаб гардидани 40 адад чоҳҳои амудии захиравӣ.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, дар сурати ҳал намудани масъалаҳои мазкур:

- Аҳолии ноҳия пурра бо оби нӯшокии сифатнок дар тамоми фасли сол таъмин мегардад.
- Зиёда аз 110 адад ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешавад.
- Шумораи касалиҳои сироятӣ то ба 70-80 фоиз кам мегардад.
- Вазъи муҳити зист беҳтар мегардад.
- Дар ҳолати садамавии иншоотҳои оббардорӣ, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ роҳандозӣ мегардад.

### 4.2 Хоҷагии манзилию-коммуналӣ

***Таҳлили вазъи воқеии соҳа.*** Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳияи Зафаробод соли 1972 ташкил карда шуда, ба Корхонаи Воҳиди Давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад.

Дар муассиса ҳамагӣ 64 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва онҳо асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ ва тозагии санитарӣ, машғул мебошанд. Дар мувозинаи муассиса 1220 хонаи коммуналӣ мавҷуд аст, ки масоҳати умумии он 99106 м$^2$ мебошад. Муассиса ба 4677 нафар истиқоматкунандагони хонаҳои мазкур хизмат мерасонад. Хизматрасонии коммуналӣ ва нигоҳдории фонди манзил аз таъмири бомҳои хонаҳо, таъмири дару тирезаҳо, таъмири қубурҳои обгузар, таъмири даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо иборат мебошад. Хизматрасониҳо ва фарогирии истеъмолкунандагон дар ноҳия:

- баровардани партовҳои сахти маишӣ – 105%,
- нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил, дар биноҳои бисёрошёна – 77%,
- корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ ва равшанкунонии ҳудуди ноҳия аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 77-80 %.

Муассиса ба ҳисоби миёна, ба 4677 муштарӣ барои ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад, ки аз он 975 нафар дар хонаҳои бисёрошёна, 2760 нафар дар хонаҳои шахсӣ ва 942 нафар дар ҳавлиҳо зиндагӣ менамоянд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, амалан дар ноҳия зиёда аз 60241 нафар аҳолӣ зиндагӣ менамояд. Ҳаҷми миёнаи солонаи ПСМ-и амалан баровардашаванда ба як нафар аҳолии ноҳия 0,95 м-$^3$ро ташкил медиҳад, зеро меъёри гузоштаи корхона барои ғундоштани ПСМ дар шаҳр ба як нафар истиқоматкунанда 0,95 м$^3$ ва барои як оила дар бахши хусусӣ 2м$^3$ – ро ташкил медиҳад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳаҷми ғундоштани ПСМ дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ бо ҳисоби миёна ба як истиқоматкунанда то 1,1 м$^3$ ПСМ – ро ташкил медиҳад, ҳамин тавр мутобиқи меъёри гузошташуда бояд ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия соле 13,5 ҳазор м$^3$ –ро ташкил диҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол ҳаҷми ПСМ зиёд шуда истодааст, аз ҷумла ҳамагӣ дар соли 2005 аҳолӣ 11400 м$^3$ ПСМ бароварда шуда бошад, аллакай дар соли 2010 13270 м$^3$ бароварда шудааст, ки ин 172 баробар зиёд мебошад.

Муассисаи мазкур ҳамагӣ бо 89 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад, зеро мутобиқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳия 48 корхонаву ташкилотҳо ва 164 сохторҳои тиҷоратӣ фаъолият доранд, яъне муассисаи мазкур фақат бо 41 фоизи корхонаву ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ шартнома дораду халос.

Барои ҷамъоварии ПСМ дар муассисаи мазкур 1 адад автомашинаи тамғаи Газ -53 ва 3 адад трактори Т-40 кор мекунад, ки хеле фарсуда шуда, қариб аз фаъолият боз мондаанд. Инчунин дар муассиса 3 адад ядак барои баровардани партов мавҷуд мебошад, ки қариб ҳамаи онҳо корношоям мебошанд. Шумораи автомашинаҳо барои ба пуррагӣ хизмат расонидан ба аҳолии ноҳия нокифоя мебошад. Бинобар норасогии автомашинаҳои партовбардор ва дур будани масофаи роҳ, ба қисми зиёди аҳолии ноҳия ҷиҳати баровардани партовҳо хизмат расонида намешавад. Барои ба ҷамоатҳои деҳот расонидани хизматрасониҳои коммуналӣ муассиса шароит надорад, чунки масофаи роҳ дароз буда, теъдоди автомашинаҳо ва сӯзишворӣ намерасад.

Партовгоҳи ноҳиявӣ бо масоҳати 23000 м$^2$ дар масофаи 18 км аз маркази ноҳия дуртар ҷойгир аст.

*Ҷадвали №59. Маблағи пардохти ҳаққи хизматрасонӣ барои ХМК*

| № | Номгӯй | Воҳиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбаи соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила (аҳолии хонаҳои якошёна-маҳаллӣ) | Сомонӣ | 0,70 | 0,95 | 0,95 | 135,7 |
| 2 | Маблағи хизматрасонӣ барои ҳар як аъзои оила (аҳолии хонаҳои баландошёна) | Сомонӣ | 0,70 | 0,95 | 0,95 | 135,7 |
| 3 | Маблағи хизматрасонӣ барои ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ (барои 1 м3) | Сомонӣ | 0,19 | 0,32 | 0,48 | 252,6 |
| 4 | Маблағи хизматрасонӣ барои ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ (барои 1 м3) | Сомонӣ | 17,2 | 33,5 | 0,48 | 282,4 |

***Мушкилиҳои асосии соҳа***

- Пурра ба қайд гирифта нашудани истифодабарандагони хизматрасониҳои Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия.
- Дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани партовгоҳи ноҳиявӣ.
- Норасогии шумораи техника ва фарсуда шудани воситаҳои техникии Муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия.
- Таъмирталаб гардидани боми хонаҳои коммуналии ноҳия.

**Барқрасонӣ.** Шабакаҳои барқии ноҳияи Зафаробод ҷузъи Шабакаҳои барқии Истаравшан мебошад. Теъдоди кормандони он 51 нафар буда, аз ин шумора 8 нафар кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Корхона ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия хизмат мерасонад.

*Ҷадвали №60. Маълумот оид ба фурӯши барқ дар ноҳияи Зафаробод*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2010 нисбат ба соли 2008 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Фурӯши умумии барқ | Ҳазор сомонӣ | 12100,3 | 16894 | 7766,5 | 64,2 |
| 2 | Ҳаҷми умумии барқи фурӯхташуда | Ҳазор кВт/с | 344368 | 397495 | 334383 | 97,1 |
| 3 | Аз ҷумла ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 315,1 | 1018,1 | 1605 | 509,4 |
| | ҳаҷми умумӣ | Ҳазор кВт/с | 7643 | 15327 | 17835 | 233,4 |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 51,2 | 92,5 | 70,1 | 136,9 |
| 5 | ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 11734 | 15783,4 | 6091,4 | 51,9 |
| | ҳаҷми умумӣ | Ҳазор кВт/с | 335598 | 380828 | 315164 | 93,9 |
| 6 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | дирам | 3,513 | 4,25 | 2,32 | 66,0 |
| | ба аҳолӣ | дирам | 0,06 | 0,075 | 0,09 | 150,0 |
| | ба ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 5,22 | 6,4 | 10,03 | 192,1 |
| | ба ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 11,85 | 16,4 | 25,13 | 212,1 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | Ҳазор сомонӣ | 23665 | 35066,3 | 40279,4 | 170,2 |
| | аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | -25 | 343,5 | 754,8 | |
| | талафоти умумӣ | Ҳазор кВт/с | 55099 | 65587 | 60189 | 109,2 |
| | талафоти умумӣ | % | 16 | 16,5 | 18 | 112,5 |

Дар мувозинаи Шабакаҳои барқии ноҳия 136 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10 кВ, бо иқтидори умумии 23,1 ҳазор кВт қарор дорад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиаш 10КВ–355,4 км, шиддатнокиаш 6 кВ – 3,6 км ва шиддатнокиаш 0,4 кВт – 153,7 км мебошад.

Дар соли 2010 дар ноҳия ба миқдори 334383 ҳазор кВт/соат нерӯи барқ истеъмол шудааст.

*Диаграммаи 15. Маълумот оид ба нархи барқ*




*Ҷадвали №61. Таъминоти аҳолӣ ва корхонаҳо бо қувваи барқ*

| Номгӯи ҷамоатҳо | Фоизи таъми-ноти аҳолӣ бо барқ | Намуди сарчашмаи асосии қувваи барқ (ба монанди НОБ-ҳои хурд ва | Душворӣ дар таъминоти барқ | Вазъияти мун-тазам |
|---|---|---|---|---|
| Ҷомӣ | 96 | Муқаррарӣ | Шамоли сахт | Маҳдудияти мавсимии барқ |
| Меҳнатобод | 98 | Муқаррарӣ | Норасогии қисмҳои эҳтиётӣ | |
| Зафаробод | 100 | Муқаррарӣ | Норасогии трансформаторҳо | |
| Ҳ.Алиев | 98 | Муқаррарӣ | Шамоли сахт | |
| Равшан | 99 | Муқаррарӣ | Зиёд шудани хонаҳои истиқоматӣ | |
| Ҷамъ | 98,2 | | | |

Дар ноҳияи Зафаробод истеҳсоли қувваи барқ тавассути бод имконпазир мебошад. Зеро дар ноҳия дар ҳамаи фасли сол шамол мевазад ва барои насби чунин дастгоҳҳо шароити муносиб мавҷуд мебошад. Насби дастгоҳҳои тавассути бод қувваи барқ истеҳсолкунанда, имкон медиҳад, ки дар фасли сармо, ҳангоми норасоии қувваи барқ, муассисаҳои иҷтимоӣ хусусан муассисаҳои соҳаҳои тандурустӣ ва маориф бо қувваи барқи арзон таъмин гарданд.

*Диаграммаи 16. Таъминоти барқ дар ҷамоатҳои ноҳияи Зафаробод*




***Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа.***

- мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо ва шабакаҳои барқӣ бо сабаби сарбории зиёд ва фарсудашавӣ,
- ба миқдори лозимӣ мавҷуд набудани кисмҳои эхтиётӣ ва таҷҳизоти барқӣ.
- гузаронидани хатти барқ ва насби трансформаторҳо ба деҳаҳои навташкилшуда.

Чиҳати ҳаллу фасли мушкилиҳои ҷойдошта, ҳадафҳо ва афзалиятҳои асосии соҳа аз баланд бардоштани нерӯи энергетикии ноҳия, ки таъмини шабонарӯзии қувваи арзони баркро ба аҳолӣ таъмин менамояд, сарфакорона истифода бурдани нерӯи барқ, баланд бардоштани савияи дониши энергетикии мардум тавассути семинару тренингҳо доир ба сохтмони нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ, истифода бурдани нерӯи офтоб ва шамол, бартараф намудани зиёдбории зеристгоҳҳои фаръӣ ва нокифоягии тавоноии трансформаторҳои зеристгоҳҳои хурд дар маҳалҳо, норасоӣ ва набудани барқ дар маҳаллаҳои навбунёд, иборат мебошад.

**Газтаъминкунӣ.** Дар ноҳия таъминоти гази табиӣ аз ҷониби ҶСК «Зафарободгаз» амалӣ мегардад**.** Низоми газтаъминкунии ноҳияи Зафаробод бо сабаби ниҳоят калон будани ҳудуди ноҳия ба 2 минтақа тақсим карда шуда аст. Марказҳои газтақсимкунӣ - «Зафаробод» ва «Ширин» ном дошта, дар шаҳраки Меҳнатобод ҷойгир мебошанд.

*Ҷадвали №62. Таъминоти гази табиӣ аз ҷониби ҶСК «Зафарободгаз»*

| Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳои аҳолии бо гази табиӣ таъмин-гашта | Дарозии қубурҳои газгузар, (аз ҷумла зеризаминӣ/рӯизаминӣ) метр | Душворӣ дар таъминоти газ |
|---|---|---|---|
| Ҷомӣ | 415 | 39678 (20618/19060) | |
| Меҳнатобод | 1686 | 40334 (29995/10339) | |
| Зафаробод | 2554 | 68238 (43959/24279) | |
| Ҳ.Алиев | 1640 | 56678 (32791/23887) | |
| Равшан | 0 | 2757 | Аз сабаби таъмирталаб гардидани қубурҳо солҳои охир ба ин ҷамоат газ дода намешавад |
| Ҷамъ: | 6295 | 207685 | |

*Диаграммаи 17. Таъминоти аҳолии ҷамоатҳои ноҳияи Зафаробод бо гази табиӣ (бо %)*




Дар ҳудуди ноҳияи Зафаробод 3 адад нуқтаҳои газпуркунии нақлиётӣ (АГНКС) мавҷуд мебошад, ки бо истифода аз гази табиӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла, дар ҷамоати Зафаробод ҶДММ «Рустам ва Д» ва корхонаи хурди «Аҳмедов», дар ҷамоати Меҳнатобод ҶДММ «Нурхона» фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали №63. Маълумот оиди нуқтаҳои газпуркунии нақлиётӣ (АГНКС) дар н.Зафаробод*

| Ҷамоатҳо | Номи ширкат | Дарозии қубурҳои фишорашон миёна, метри тӯлонӣ | Интиқоли газ дар як шабака |
|---|---|---|---|
| Меҳнатобод | ҶДММ «Нурхона» | 170 | 1500-2000 м3 |
| Зафаробод | ҶДММ «Рустам ва Д» | 124 | 2000 м3 |
| Зафаробод | Корхонаи хурди «Аҳмедов» | 500 | 2500-3000 м3 |
| Ҷамъ дар ноҳия | | 794 | Тақрибан 6500 м3 |

*Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи газтаъминкунӣ.* Қубурҳои газгузари ноҳия аз соли 1965 ин ҷониб истифода бурда мешавад ва мӯҳлати истифодабариашон аз меъёри муқарраргардида беш аз ду маротиба гузаштааст. Бо сабаби норасоии қувваи барқ дар фасли сармо, қабати ҳимояи барқии кимёвӣ (электрохимзашита) наметавонад қубурҳоро муҳофизат намоянд. Дар натиҷа қубурҳои газгузар пеш аз мӯҳлат аз кор баромада талафоти зиёди газро ба миён овардаанд.

Қубурҳои зеризаминии фишорашон миёна, диаметри 219 мм, ба миқдори 600 мт дар маркази газтақсимкунии деҳаи Ширини ҷамоати Ҷомӣ, қубурҳои зеризаминии фишорашон паст, диаметри 159 мм ба миқдори 1950 мт, дар деҳаи Логини ҷамоати Зафаробод ва қубурҳои зеризаминии фишорашон миёнаи диаметри 219 мм ба миқдори 2157 мт, дар деҳаи шаҳраки Гулистони ҷамоати Равшанро аз нав, ҳамчун қубурҳои рӯи заминӣ барқарор намудан лозим мебошад.

*Ҷадвали №64. Таъминоти аҳолӣ ва корхонаҳо бо гази табии*

| Номгӯи ҷамоатҳо | Фоизи таъминоти аҳолӣ бо газ | Дарозии қубурҳо | Шумораи ШРП ва ГРП | Душвории асосӣ дар таъминоти гази табии |
|---|---|---|---|---|
| Ҷомӣ | 61,8 | 41620 | 7 | Мӯҳлати истифодабарии қубурҳои зеризаминӣ ба охир расидааст. |
| Меҳнатобод | 79 | 40554 | 14 | |
| Зафаробод | 82,3 | 93624 | 24 | |
| Ҳ.Алиев | 87 | 34156 | 4 | |
| Равшан | 55 | 22522 | 6 | |
| Ҷамъ: | 73 | 232476 | 55 | |

### 4.3. Нақлиёт ва коммуникатсия

**Нақлиёт ва роҳҳо.** Соҳаи нақлиёт ва роҳ яке аз соҳаҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад, зеро рушди инфрасохтори мазкур заминаи рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 196 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд мебошанд.

Дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия роҳҳои автомобилгарди аҳамияти маҳаллӣ дошта накши муҳим дошта, талаботи кашонидани борҳои корхонаҳо ва хоҷагиҳои ноҳияро қонеъ мегардонанд ва роҳҳои ба шабакаи асосии роҳу нақлиёт пайвастшаванда ба шумор меравад.

Айни ҳол соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра хусусӣ гардонида шудааст ва хизматрасонии ин соҳа аз ҷониби соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти ноҳияи Зафаробод 2 адад муассиса фаъолият менамояд, ки аз он 1 адад бо боркашонӣ ва 1 адад бо мусофиркашонӣ машгуланд. Дар ноҳия 44 адад нақлиёти боркашон ва 113 адад нақлиёти мусофиркашон фаъолият мебаранд. Аз ин миқдор 58 адад автобус ва шумораи боқимонда микроавтобус мебошад.

Дар соҳаи нақлиёти ноҳияи Зафаробод зиёда аз 58 нафар ба хизматрасонӣ машгул буда, музди меҳнати миёнаи онҳо 193 сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2010 миқдори умумии боркашонӣ 149,4 ҳазор тонна ва мусофиркашонӣ 34,3 ҳазор нафарро ташкил дод.

Дар ноҳия ягона ташкилоте, ки бо фаъолияти роҳдорӣ машгул мебошад, ин Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Зафаробод буда, тобеъи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муассиса 36 нафар кормандон ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошанд. Муассиса дорои 16 адад нақлиёту механизмҳои роҳсозӣ ва таҷҳизот мебошад, ки аз он 1 адад механизм ва 1 адад таҷҳизоти роҳсозӣ корношоям гашта, аз сабаби набудани қисмҳои эхтиётӣ фаъолият наменамояд.

Дар мувозинаи муассисаи мазкур 196 км роҳҳои истифодаи умум қарор дорад, ки 7 км роҳҳои аҳамияти байналмилалидошта, 30,2 км роҳҳои аҳамияти ҷумхуриявидошта ва 158,8 км роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта мебошад.

Дар 25 соли охир, ягон км-и роҳҳои дар мувозинаи муассисаи номбурда қарор дошта таъмири асосӣ нашудааст.

Роҳҳои ноҳияи Зафаробод аз рӯи намуди фарш:

- фарши асфалтубетонӣ дошта 67,1 км,
- фарши бо омехтаи шағалу маводи часпанда 836 км,
- фарши шағалпӯш 45,3 км.

Инчунин дар мувозинаи муассиса 17 адад кӯпрукхо (180 метри тӯлонӣ) ва 441 адад қубурҳои обгузар (3590 метри тӯлонӣ) мавҷуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 25 соли охир бинобар мавҷуд набудани маблағҳои зарурӣ, дар аксарияти роҳҳо таъмири миёна ва асосӣ гузаронида нашудааст ва дар натиҷа фарши роҳҳо хеле фарсуда шуда, онро бо гузаронидани таъмири ҷорӣ барқарор кардан ғайриимкон мебошад. Зиёда аз 96 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, Зафаробод-Дӯстӣ 5-28 км, Меҳнатобод ТМ-2 1-6 км, Меҳнатобод-Разезд Шарқ - 1-3 км, ТМ-1 - Ёшлик 1-3 км, ТМ-1 - 40 солагии Тоҷикистон 1-3 км, Хлоппункт-РайПо 1 км, Пахтакорон-ТМ-2 1-6 км, Гулистон- Разъезд 62 1-5 км, Ассотсиасияи Ленинобод-Логин-Қипчоқ 1-14 км, Зафаробод- Ишкилӣ-Айнӣ 1-23 км, Зафаробод- Бекобод 16-25 км таъмир талаб буда, ба таъмири капиталӣ эхтиёҷ дошта, барои бехатарии ҳаракати нақлиёт хатари ҷиддӣ эҷод менамоянд.

Пас аз боз доштани ҳаракати нақлиёт тавассути роҳи автомобилгарди деҳаи Кӯшканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, нақлиёти ба шаҳри Истаравшан рафту-омадкунанда, бо воситаи деҳаи Уяс ҳаракат мекунад, ки дар 16 км-и он роҳи автомобилгарди муқаррарӣ вуҷуд надорад.

Яке аз муаммоҳои муҳими таъминоти бехатарии ҳаракати роҳ дар ноҳия, вуҷуд надоштани купрук дар Ширинсойи ҳудуди ноҳияи Спитамен ва кӯпруки Уяссой дар ҳудуди ноҳияи Истаравшан мебошад, ки ҳангоми мавсими боришот, бо сабаби омадани

сел, алоқаи нақлиётии ноҳияро то 18-20 соат бо дигар ноҳияҳо ғайриимкон мегардонад.Чунки роҳи дигари мошингузар вуҷуд надорад.

Барои аз таъмиру барқарорсозии роҳҳои дар боло қайд шуда ва нигоҳдории роҳҳои мавҷуда дар солҳои 2009-2011 тақрибан 6,7 млн сомонӣ (бо назардошти маблағи таъмири роҳи Зафаробод-Истаравшан тавассути роҳи деҳаи Уяс) маблағ зарур мебошад.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи нақлиёт ва роҳ**

- Сохтмони роҳи Зафаробод-Истаравшан бо воситаи деҳаи Уяс.
- Таъмирталаб будани зиёда аз 96 км роҳҳои автомобилгард.
- Корношоям будани як қисми воситаҳои техникии дар мувозинаи МДНРА-и ноҳия буда ва норасогии механизм ва таҷҳизотҳои замонавии роҳсозӣ.

Барои ҳаллу фасли мушкилиҳои мавҷудаи соҳа, афзалиятҳои соҳаи нақлиёт ва роҳ аз беҳтар намудани ҳолати роҳҳои автомобилгард, бунёди роҳи автомобилгарди Зафаробод-Истаравшан бо воситаи деҳаи Уяс ва дастрас намудани нақлиёту механизмҳои роҳсозӣ ва таҷҳизотҳои замонавӣ, иборат мебошад.

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Бахши Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Зафаробод, яке аз корхонаҳои бонуфуз ва асосии соҳаи алоқаи ноҳия маҳсуб меёбад. Дар он 28 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият менамоянд. Дар тавозуни корхона як шабакаи телефонии дорои 1680 рақами телефонӣ мавҷуд мебошад.

Инчунин, дар ноҳия 12 адад нуқтаҳои гуфтугӯи байнишаҳрӣ фаъолият менамоянд. Ин шабакаҳо байни худ бо хати нахию нурӣ пайваст буда, ба системаи марказии ягонаи алоқаи байналмилалӣ пайваст мебошад, ки ин барои пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва почтаи электронӣ имконият медиҳад.

Аз ҷониби корхона дар соли 2007 ба муштариён ба миқдори 150,683 ҳазор сомонӣ, дар соли 2008 ба маблағи 157,785 ҳазор сомонӣ ва дар се моҳи соли 2009 бошад, ба маблағи 156,508 ҳазор сомонӣ хизмат расонида шудааст.

*Ҷадвали №65. Нишондиҳандаҳои соҳаи алоқа дар шаҳраку деҳоти нохияи Зафаробод*

| |
|---|
| • дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ - 72,5 канал/км |
| • шумораи истгоҳҳои телефонӣ - 1 адад |
| • ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ - 1680 адад |
| • шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ - 1397 адад. |

Аҳолии ноҳия инчунин аз хизматрасонии шабакаҳои мобилии «Сомонком», «ТСелл», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн», «ТК-Мобайл» ва ғайра, истифода мебаранд.

Тибқи нақшаи Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» дар солҳои 2009-2011, ҳамаи шабакаҳои телефонии деҳот бояд бо шабакаҳои рақамӣ иваз карда шаванд.

Дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳияи Зафаробод тамоми барномаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ (Шабакаи аввал, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо ва Баҳористон) пахш мегарданд. Барномаи радиои Тоҷикистон дар тамоми қаламрави ноҳия пахш карда мешавад. Аз радиои маҳалӣ бошад, танҳо сокинони шаҳраки Зафаробод бархурдор мебошанд. Дар ҷамоатҳои боқимонда, аз сабаби фарсуда шудани таҷҳизоти марказҳои радиошунавонӣ, хизматрасонии радиои маҳаллӣ дастраси шаҳрвандон намегардад.

Бинобар мавҷуд набудани таҷҳизоти мавҷқабулкунӣ, хизматрасонии соҳа пурра ба роҳ монда нашудааст. Таҷҳизотҳои мазкур фарсуда шуда, талаботи пурраи сокинони ноҳияро таъмин карда наметавонанд ва ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур харидорӣ намудани таҷҳизоти ҳозирзамон зарур мебошад.

Дар ноҳия як рӯзнома-ҳафтавори «Хуҷанд» бо теъдоди 3235 нусха нашр мешавад. Ин ҳафтавор нашрияи мақомоти иҷроияи ноҳия ба шумор меравад. Баҳри пурра кардани фазои иттилоотӣ дар давоми солҳои 2009-2011 таъсиси як шабакаи телевизионии ноҳиявӣ ва як адад рузнома пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №66. Номгуи мушкилиҳои соҳаи алоқа*

| 1. | Мушкилиҳо | Маҳеъ |
|---|---|---|
| 2. | Набудани биноҳо барои ҷойгир намудани таҷҳизот | Дар ҳамаи ҷамоатҳо |
| 3. | Зарурияти иваз намудани шабакаҳои кӯҳна ба ҳозиразамон | Дар чамоатхои ноҳия |
| 4. | Таъмини шабакаҳо бо хатти озоди барқ | Дар ҳамаи ҷамоатҳо |
| 5. | Таъмири коммуникатсияҳои зеризаминии алоқа | Дар шаҳраки Зафаробод |
| 6. | Таъмири бинои марказии «Тоҷиктелеком» | Дар шаҳраки Зафаробод |
| 7. | Ташкили маркази иттилоотии ноҳия | Дар шаҳраки Зафаробод |
| 8. | Таҷдиди маркази пахши радиои маҳаллӣ дар ноҳия | Дар шаҳраки Зафаробод |
| 9. | Риояи қоидаҳои ҳифзи хатти алоқа ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ | Дар тамоми қаламрави ноҳия |

Ҳадафи асоси дар ин самт рушд ва такмили шабака ва иншоотҳои алоқа, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи алоқа, фарогирии хизматрасонии алоқа дар тамоми қаламрави ноҳия ва фазои иттилоотии ноҳия, таъсиси як матбааи ҳозиразамон ва ду маркази рекламавӣ мебошад.

## 4.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи инфрасохтор

*Ҷадвали №67*

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ | СОЛҲО 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаи нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШОКӢ** | | | | | | | | | | | |
| *1. Беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокӣ ба аҳолӣ* | *1. Таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ* | *1.1 Барқарор кардани иншооти оббардории №1,2,3* | *3987,0* | | *675,0* | *900,0* | *900,0* | *1512,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Номуайян* | *Зиёд шудани шумораи аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ таъмингардида то соли 2016 то 50% .<br><br>Афзоиши ҳаҷми пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ аз ҷониби аҳолӣ то соли 2016 то 60%.* |
| | | *1.2 Барқарор кардани 9 адад иншоотҳои обтозакунӣ* | *2835,0* | | *450,0* | *765,0* | *765,0* | *855,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Номуайян* | |
| | | *1.3 Таъмир ва аз нав кардани шоҳқубурҳои d-500 мм* | *2520,0* | | *360,0* | *675,0* | *675,0* | *810,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Номуайян* | |
| | | *1.4 Гузаронидан ва таъмири хатҳои оби нӯшокии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот* | *1642,5* | | *225,0* | *360,0* | *450,0* | *607,5* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Номуайян* | |
| | | *1.5 Барқарор кардани хатҳо ва иншоотҳои обтозакунӣ ва канализатсия* | *3325,5* | | *540,0* | *675,0* | *900,0* | *1210,5* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Номуайян* | |
| | | *1.6 Таъминоти аҳолии маҳаллаи Ягноби ҷамоати Меҳнатобод бо оби нӯшокӣ* | *71,4* | | | *71,4* | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.7 Таъминоти аҳолии шаҳраки Ҳаёти Нави ҷамоати Равшан бо оби нӯшокӣ* | *30,9* | | *30,9* | | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.8 Таъминоти аҳолии шаҳраки Бахти ҷамоати Равшан бо оби нӯшокӣ* | *28,5* | | *28,5* | | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.9 Таъминоти аҳолии маҳаллаи навбунёди шаҳраки Гу-* | *36,3* | *36,3* | | | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *листон ҷамоати Равшан бо оби нӯшокӣ* | | | | | | | | | |
| | | *1.10 Таъминоти аҳолии кӯчаи ба номи Б.Ғафурови шаҳраки Гулистони ҷамоати Равшан бо оби нӯшокӣ* | *20,5* | | *20,5* | | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.11 Таъмини мактаби таҳсилоти умумии №14-и ҷамоати Меҳнатобод бо оби нӯшокӣ* | *36,3* | | *36,3* | | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *1.12 Таъмини аҳолии кӯчаи ба номи Ҳоҷи Маҳмуди ҷамоати Меҳнатобод бо оби нӯшокӣ* | *71,4* | | | *71,4* | | | *МИМХД, корхонаи обу ташноб* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | *2. Таъмини захираи оби нӯшокӣ ба аҳолӣ (Таъмири 40 адад чоҳҳои амудии аҳолӣ)* | *2.1 Барои васлкунии 25 адад насоси ЭӢВ-10-120-160 ва 15 адад насоси ЭӢВ-10-160-35* | *585,0* | *30,0* | *60,0* | *150,0* | *160,0* | *185,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб, ИДХОЗ* | *Аз ҳисоби хизматрасонӣ ва сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.2 Барои харидани 30 адад трансформаторҳои 100/10 кВт* | *540,0* | *18,0* | *36,0* | *126,0* | *144,0* | *216,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб, ИДХОЗ* | *Аз ҳисоби хизматрасонӣ ва сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.3 Иҷрои корҳои васлкунии таҷҳизоти обтаъминкунӣ* | *495,0* | *25,0* | *50,0* | *125,0* | *125,0* | *170,0* | *МИМХД, корхонаи обу ташноб, ИДХОЗ* | *Аз ҳисоби хизматрасонӣ ва сармояи хориҷӣ* | |
| *Ҷамъ дар бахши обтаъминкунӣ* | | | *16225,3* | *109,3* | *2512,2* | *3918,8* | *4119,0* | *5566,0* | | | |

| ХОҶАГИИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳадаф** | **Вазифаҳо** | **Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ** | **СОЛҲО** | | | | | **Масъул** | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Натиҷаи нишондиҳандаҳо** |
| | | | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | | | |
| *Беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи коммуналӣ* | *1. Беҳтар намудани сифати хизматрасонии коммуналӣ дар ноҳия* | *1.1 Харидани 6-адад техникаи махсуси партовкашонӣ (810 ҳ/с), 1-адад обкашонак (135-ҳ/с), 1-адад мошини охлоткашон (135 ҳ/с), 1-адад трактори борбардор (112,5 ҳ/с), 1-адад трактори заминкоб (90-ҳ/с), 2-адад трактори МТЗ-и боркашон(153-ҳ/с), 4-адад ядак (54-ҳ/с)* | *1489,5* | *90,0* | *135,0* | *153,0* | *420,0* | *691,5* | *МИМҲД, КВД ХМК-и шаҳраки Зафаробод* | *Номуайян* | *Афзоиши ҳаҷми пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ аз ҷониби аҳолӣ то соли 2016 то 60%.* |
| | | *1.2 Таъмир ва барқарор намудани канализатсияи кӯчаи Ҷ.Зарипови ҷамоати Зафаробод* | *27,0* | | | *13,5* | *13,5* | | *МИМҲД, КВД ХМК-и шаҳраки Зафаробод* | *Буҷети вилоятӣ, аз ҳисоби хизматрасонӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | | *1.3 Таъмир ва барқарор намудани канализатсияи ҷамоати Меҳнатобод* | *225,0* | *10,0* | *30,0* | *50,0* | *60,0* | *75,0* | *МИМҲД, КВД ХМК-и шаҳраки Зафаробод* | *Буҷети маҳаллӣ, аз ҳисоби хизматрасонӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ* | |
| | *2. Таъмин намудани ноҳия бо нерӯи барқ* | *2.1 Насби 5 адад истгоҳҳои барқӣ ба маҳаллаҳои навбунёд* | *146,3* | *146,3* | | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Номуайян* | |
| | | *2.2 Насби 3 адад истгоҳҳои барқӣ ба маҳаллаҳои муҳоҷирон (Даҳкат, Ҷавонӣ ва Навбаҳори ҷамоати Ҷомӣ)* | *87,8* | *87,8* | | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Маблағи худӣ ва аҳолӣ* | |
| | | *2.3 Барқарор ва азнав гузаронидани 30 км ноқилҳои барқӣ дар ҳудуди ноҳия* | *54,0* | *9,0* | *9,0* | *9,0* | *13,5* | *13,5* | *Шабакаҳои барқӣ* | *Маблағи худӣ ва аҳолӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2.4 Насби 120 адад симчӯбҳои оҳану бетонӣ дар маҳаллаҳои навбунёди ноҳия* | *144,0* | *0,0* | *18,0* | *36,0* | *45,0* | *45,0* | *Шабакаҳои барқӣ* | *Маблағи худӣ ва аҳолӣ* | |
| | | *2.5 Насби 280 адад симчӯбҳои оҳану бетонӣ дар маҳаллаҳои муҳоҷирон (Даҳкат, Ҷавонӣ ва Навбаҳори ҷамоати Ҷомӣ)* | *337,5* | | *54,0* | *90,0* | *90,0* | *103,5* | *Шабакаҳои барқӣ* | *Маблағи худӣ ва аҳолӣ* | |
| | | *2.6 Таъмини аҳолии маҳаллаи навбунёди шаҳраки Гулистони ҷамоати Равшан бо барқ* | *153,3* | | *153,3* | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *2.7 Таъмини кӯчаи навбунёди деҳаи Сурхоби ҷамоати Меҳнатобод бо трансформатор* | *20,0* | *20,0* | | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *2.4 Таъмини маҳаллаи навбунёди маҳаллаи Ҷ.Соқиеви ҷамоати Ҳ.Алиев бо трансформатор* | *20,0* | | *20,0* | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *2.8 Таъмини маҳаллаи навбунёди У. Хайёми ҷамоати шаҳраки Зафаробод бо трансформатор* | *20,0* | | *20,0* | | | | *Шабакаҳои барқӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *2.9 Насб намудани ҳисобкунакҳои электронии кортӣ (13000 адад)* | *1696,5* | *130,5* | *391,5* | *391,5* | *391,5* | *391,5* | *Шабакаҳои барқӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *2.10 Харидории техникаи махсуси борбардор 1-адад (автокран) ва заминкоб 1-адад (молютка)* | *315,0* | | | | *90,0* | *225,0* | *Шабакаҳои барқӣ* | | |

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаи нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 3. Таъмин намудани ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо гази табиӣ | 3.1 Таъмир ва барқарор намудани 194 км аз ин 132 зеризаминӣ км хатти қубурҳои газӣ. | 1350,0 | | 225,0 | 270,0 | 360,0 | 495,0 | Муассисаи газ | Маблаги худӣ ва аҳолӣ | |
| Ҷамъ дар бахши ХМК | | | 6085,8 | 493,5 | 1055,8 | 1013,0 | 1483,5 | 2040,0 | | | |
| **НАҚЛИЁТ ВА КОММУНИКАТСИЯ** | | | | | | | | | | | |
| **Ҳадаф** | **Вазифаҳо** | **Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо** | **Арзиши умумӣ** | **СОЛҲО** | | | | | **Масъул** | **Сарчашмаи маблаггузорӣ** | **Натиҷаи нишондиҳандаҳо** |
| | | | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | | | |
| Беҳтар намудани сифати нақлиёт ва шабакаҳои коммуникатсионӣ | 1. Баланд намудани сифати ҳолати роҳ | 1.1 Сохтмони 23 км роҳи Зафаробод-Истаравшан тавассути деҳаи Уяс | 3600,0 | | | 800,0 | 2800,0 | | МИМХД, МДНРА | Номуайян | Зиёд шавии ҳаҷми даромади корхонаҳои соҳаи нақлиёт то соли 2016 то 60%. Дарозии роҳҳои автомобилгарди таъмиргашта ва роҳҳои нави сохташуда то соли 2016 то 55% зиёд мегардад. Афзоиши ҳиссаи субъектҳои соҳаи инфрасохтор ба қисми даромади буҷети ноҳия то соли 2016 то 45%. |
| | | 1.2 Гузаронидани таъмири ҷорӣ 50 км роҳҳои дохилии шаҳраку деҳоти ноҳия | 2500,0 | 250,0 | 500,0 | 500,0 | 500,0 | 750,0 | МИМХД, МДНРА | Буҷети вилоятӣ, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 1.3 Гузаронидани 286 адад аломатҳои роҳ дар асоси талаботҳои ГОСТ. | 10,4 | 1,4 | 3,6 | 5,4 | | | МИМХД, МДНРА | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.4 Харидорӣ намудани 1 адад мошини худрез (180-ҳс) 1-адад роҳкӯбак 135-ҳс), 1-адад дастгоҳи асфалтбарории майда (180-ҳс), 1-адад мошинаи одамкашон (31,5-ҳс) | 526,5 | | | 31,5 | 135,0 | 360,0 | МИМХД, МДНРА | Номуайян | |
| | 2. Беҳтар гардонидани сифати алоқаи телефон | 2.1 Сохтмони 50 км хатҳои алоқаи телефон дар ҷамоатҳои ноҳия | 450,0 | | 90,0 | 90,0 | 135,0 | 135,0 | ҶСК "Тоҷиктелеком" | Номуайян | |
| | | 2.2 Таъмир намудани 40 км хатҳои коммуникатсионӣ дар маркази ноҳия | 90,0 | | | 22,5 | 22,5 | 45,0 | ҶСК "Тоҷиктелеком" | Номуайян | |
| | | 2.3 Иваз намудани 5 стансияи таҷҳизотҳои иловагии рақамӣ | 99,0 | | 18,0 | 22,5 | 27,0 | 31,5 | ҶСК "Тоҷиктелеком" | Номуайян | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 3. Беҳтар гардонидани сифати пахши барномаҳои радио дар ҷамоатҳо | 3.1 Сохтани нуқтаҳои радио дар ҷамоатҳо | 22,5 | | | 22,5 | | | МИМҲД | Буҷети маҳаллӣ | |
| Ҷамъ дар бахши нақлиёт ва коммуникатсия | | | 7298,4 | 251,4 | 611,6 | 1494,4 | 3619,5 | 1321,5 | | | |
| Ҳамагӣ дар соҳаи инфрасохтор, аз ҷумла | | | 29609,5 | 854,2 | 4179,6 | 6426,2 | 9222,0 | 8927,5 | | | |
| Буҷети маҳаллӣ | | | 756,1 | 66,3 | 339,5 | 215,3 | 60 | 75 | | | |
| Буҷети вилоятӣ | | | 2500,0 | 250,0 | 500,0 | 500,0 | 500,0 | 750,0 | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | | | 3637,4 | 1,4 | 3,6 | 818,9 | 2813,5 | - | | | |
| Сармояи хориҷӣ | | | 2191,5 | 155,5 | 441,5 | 516,5 | 516,5 | 561,5 | | | |
| Аҳолӣ ва соҳибкорон, х/д | | | 1973,3 | 96,8 | 306 | 405 | 508,5 | 657 | | | |
| Норасогии маблаг | | | 18551,2 | 284,2 | 2589 | 3970,5 | 4823,5 | 6884 | | | |

**Дурнамои рушди соҳаҳои инфрасохтор.**

**Нақлиёт.** Амалӣ гардидани нишондиҳандаҳои соҳаи инфрасохтор имкон медиҳад, ки аҳолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин гардида, ноҳия тавассути бунёди роҳҳо аз бумбасти коммуникатсионӣ раҳо гардад. Пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми боркашонӣ дар соли 2015 нисбати соли 2010 56,2 ҳазор тонна ё 37,6 фоиз, гардиши бор 246,3 ҳазор тонна-км ё 36,3 фоиз, мусофиркашонӣ 13,8 ҳазор нафар ё 40,3 фоиз ва гардиши мусофирон 133 ҳазор муссофир-км ё 41,6 фоиз зиёд гардад.

*Ҷадвали №68. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи нақлиёт дар ноҳияи Зафаробод дар давоми солҳои 2011- 2015*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот | Баҳодиҳӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2010 |
| Ҳаҷми боркашонӣ – хамагӣ (ҳаз. тонна) | 149,4 | 159,9 | 171,0 | 183,0 | 195,8 | 205,6 | 137,6 |
| бо нақлиёти автомобилӣ аз рӯи ҳамаи намуди моликият | 149,4 | 159,9 | 171,0 | 183,0 | 195,8 | 205,6 | 137,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Гардиши бор – ҳамагӣ (ҳаз.т-км.) | 678,0 | 725,5 | 776,2 | 830,6 | 888,7 | 924,3 | 136,3 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 678,0 | 725,5 | 776,2 | 830,6 | 888,7 | 924,3 | 136,3 |
| Мусофиркашони – ҳамагӣ (ҳазор мусофир) | 34,3 | 36,7 | 39,3 | 42,0 | 45,0 | 48,1 | 140,3 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ– ҳамагӣ | 34,3 | 36,7 | 39,3 | 42,0 | 45,0 | 48,1 | 140,3 |
| Гардиши мусофирон – ҳамагӣ (ҳаз. мусофир-км.) | 320,0 | 342,4 | 366,4 | 392,0 | 419,5 | 453,0 | 141,6 |

**Алоқа.** То соли 2015 тибқи Барномаи мазкур пешбинӣ мегардад, ки теъдоди дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ нисбат ба соли 2010 298 адад ё 21,9 фоиз, шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 7559 муштарӣ ё 25,2 фоиз, шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет 770 нафар ё 12 маротиба афзуда, ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ ба маблағи 379 ҳазор сомонӣ ё 3,8 маротиба зиёд мегардад.

*Ҷадвали №69. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи алоқа дар ноҳияи Зафаробод то соли 2015*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот | Баҳодиҳӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисбати 2010 |
| Дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ (ҳаз.канал-км) | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 100,0 |
| Шумораи истгоҳҳои телефонии (адад) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ (рақам ) | 1680 | 1680 | 1680 | 1680 | 1680 | 1680 | 100,0 |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ (адад) | 1359 | 1409 | 1459 | 1559 | 1609 | 1657 | 121,9 |
| Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ (муштарӣ) | 30000 | 31500 | 33075 | 34729 | 36465 | 37559 | 125,2 |
| Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» (нафар) | 70 | 124 | 280 | 354 | 512 | 840 | 1200,0 |
| Даромад аз фаъолияти асосии соҳаи алоқа (хазор сомони) | 126,7 | 188,9 | 264,5 | 518,4 | 622,0 | 641 | 505,7 |
| Ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ (ҳазор сомонӣ) | 101,4 | 141,9 | 198,7 | 388,8 | 466,5 | 480 | 473,9 |

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

Ноҳияи Зафаробод соли 1965 дар заминҳои навкушода ташкил шудааст. Самти асоси истеҳсолот дар ноҳия, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, асосан пахта мебошад.

Дар тӯли ин солҳо дар натиҷаи парвариши пайвастаи пахта, ба ҳифзи захираҳои замин аҳамият дода нашудааст. Фонди захираи заминҳои ноҳия, бе назардошти шароитҳои экологию иқтисодӣ истифода карда мешуд. Айни замон, таҳлили ҳолати экологию иқтисодии захираҳои замини ноҳия гузаронида мешаванд, зеро дар ноҳия дигар захираҳои табиӣ мавҷуд нестанд.

Масоҳати умумии ноҳия 44 км мураббаъ мебошад. Дар ҳудуди ноҳия 7 шаҳрак ва 12 деҳа ҷойгир мебошад, ки дар он 60241 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ ноҳия аз шарқ ба ғарб тӯл кашидааст ва ноҳияи заминҳои навкушода мебошад.

Таҳлили тарҳи тавозуни захираҳои замини ноҳия нишон медиҳад, ки таъсироти антропогенӣ ба захираҳои замин хеле зиёд аст. Дар таҳқиқоти мазкур маълумоти Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти ҷумҳурӣ, идораҳои хоҷагии об ва кумитаи заминсозӣ дар панҷ соли охир (аз соли 2001 то соли 2006) аз рӯи бисёр унсурҳои фаъолияти иқтисодии ноҳия таҳлил карда шудаанд. Таҳлили мазкур ҳолати шабакаҳои заҳбуру заҳкаши байниҳоҷагӣ, маълумот дар бораи омилҳои асосии динамики тартиби бавуҷудоваранда аз рӯи минерализатсия ва сатҳи ҷойгиршавии обҳои зеризаминиӣ (СОЗ), ҷудо кардани маблағ ва истифодаи ин маблағҳо барои тоза кардани шабакаҳои заҳбуру заҳкашӣ дохилихоҷагӣ ва байниҳоҷагиро дар бар мегирад.

Таҳлили маълумотҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ноҳия шабакаҳои заҳбуру заҳкашиии дарозиашон 536,9 км дар ҳолати ногувор қарор дорад. Қабл аз ҳама ин ба тақсимшавии хоҷагиҳои калон ба хоҷагиҳои майда вобаста буда, дар давраи тақсимоти заминҳои ноҳия, масъалаи ҳифзи замин аз эътибор дур мондааст. Дар айни ҳол, амалан ягон муассиса ба ҳолати шабакаҳои заҳбуру заҳкаши дохилихоҷагӣ масъул ва ё ҷавобгар нест, ки ин ҳолат боиси бадшавии ҳолати экологии захираҳои замини ноҳия мегардад.

Агар дарозии шабакаҳои байниҳоҷагӣ 127,7 км-ро ташкил диҳад, пас 29,9 км-ри он (2006 с.) дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд ва аз соли 2004 22,0 км афзудааст. Ҳамин тариқ, шабакаҳои бо лойқа пуршудаи заҳбуру заҳкаш на фақат дар панҷ соли охир, балки барвақтар аз он низ боиси ботлоқшавӣ ва шӯршавии захираҳои замин, баландшавии дараҷаи минерализатсияи замин ва дар натиҷа, боиси пастшавии ҳосилнокии замин ва афзоиши сатҳи камбизоатии аҳолии ноҳия мегардад.

Тибқи ҳисоботи идораи хоҷагии оби вилоят аз соли 2003 то соли 2006 дарозии заҳбурҳои дохилихоҷагии ҳолаташон ғайриқаноатбахш мутаносибан 19,2 км - 23,2 км-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 190 чоҳҳои мелиоративии обкашӣ мавҷуд буда, аз ин миқдор ҳамагӣ 70 адади он ғайримунтазам ва 41 ададаш мунтазам кор мекунанд, ки ин ҳамагӣ 21,6%-ро ташкил медиҳад.

Ҳамаи ин омилҳо, боиси сол аз сол афзудани масоҳати заминҳои шӯргашта мегардад.

Тибқи маълумотҳои кумитаи заминсозӣ, масоҳати заминҳои шӯр 658 га-ро ташкил медиҳад. Дар айни замон, аз рӯи маълумотҳои идораи хоҷагии оби вилояти Суғд, масоҳати заминҳои шӯр 9309 га-ро ташкил медиҳад ва нисбат ба соли 2003 62 га афзудааст.

Аз рӯи маълумотҳои идораи хоҷагии оби вилояти Суғд, сатҳи бӯҳронии обҳои зеризаминӣ (то 2 метр) аз соли 2003 инҷониб, дар масоҳати аз 120 то 950 га паҳн шудааст. Аз рӯи дараҷаи минерализатсия (дар ҳудуди 3 мг/л) хулоса баровардан мумкин аст, ки тамоми майдонҳои обёришаванда (28633 га) зери таъсири омилҳои антропогенӣ қарор доранд.

Ҳангоми муайян намудани тавозуни экологию хоҷагидории ҳудуди ноҳияи Зафаробод, маълумотҳои расмии сохторҳои давлатӣ (идораи хоҷагии об, идораи кишоварзӣ, кумитаи заминсозӣ ва ғ.) истифода карда шуданд. Барои муайян кардани тавозуни хоҷагидорию экологии ноҳия тавсифоти зерин: тақсимоти замин аз рӯи намудҳо ва категорияшон; масоҳати ҳудудҳои ҳифзшаванда, масоҳати заминҳо аз рӯи намуд ва

дараҷаи таъсири антропогенӣ, шадидияти сарбории экологию хоҷагидорӣ, сарбории интегралӣ, ҳифзи табиӣ ҳудуд ва фонди экологии ноҳия истифода карда шуданд.

Барои муайян намудани дараҷаи таъсири сарбории антропогении (СА) заминҳои ноҳия таснифоти заминҳо аз рӯи маълумотҳои сохторҳои давлатӣ (идораи кишоварзӣ, идораи хоҷагии об ва ғ.) гузаронида шудааст.

*Ҷадвали №70. Таснифоти заминҳои ноҳияи Зафаробод аз рӯи дараҷаи сарбории антропогенӣ (СА)*

| Дарачаи СА | Хол | Намуд ва категорияи замин | Масоҳат, га |
|---|---|---|---|
| Олӣ | 6 | Заминҳои саноат, шаҳракҳо, инф раструктура, заминҳои вайроншуда | 4638 |
| Хеле баланд | 5 | Заминҳои обёришаванда | 36062 |
| Баланд | 4 | Заминҳои кишт, чарогоҳ | 32529 |
| Миёна | 3 | Дарахтҳои бисёрсола | 384 |
| Паст | 2 | Заминҳои лалмӣ | 1135 |
| Хеле паст | 1 | Заминҳои истифодашаванда, хатҳои ҷангал | 3010 |

Потенсиали устувории экологии ноҳия Зафаробод аз безараргардонии сарбории мавҷуда баромада наметавонад. Яъне сарбории экологию хоҷагидории ноҳия, аз сарбории меъёрӣ хеле зиёд аст.

Барои беҳтар кардани ҳолати экологию иқтисодии ноҳияи Зафаробод, ҳаҷми минтақаҳои ҷангалро фавран зиёд кардан зарур аст. Маҳз минтақаҳои ҷангал солҳои охир барҳам дода шуда буданд, ғайр аз ин, танзими низоми обёрии зироати асосии кишоварзӣ – пахта, бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

Устувории низоми экологии ноҳияи Зафаробод бо нишондиҳандаҳои ҳифзшавии табиӣ ҳудуди он тавсиф дода мешавад, ки он дар навбати худ ба тақсимоти заминҳо аз рӯи дараҷаи сарбории антропогенӣ вобаста аст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили сохтор ва категорияи захираҳои замини ноҳия, хулосаҳои зерин бармеоянд:

1. Ба ҳисоби миёна, дар ноҳияи Зафаробод истифодаи об дар 5 соли охир аз 413102 то 155069,0 ҳаз. метрии муккаб афзудааст. Аксар вақт, истифодаи об аз ҳисоби обҳои рӯизаминӣ меафзояд. Ҳаҷми обҳои истифодашуда 13,8% афзудааст. Дар панҷ соли охир умуман истифодаи об 16,9% зиёд шудааст.
2. Исрофи об, тибқи маълумотҳои идораи хоҷагии оби ноҳия, аз 16,3% то 13,5%-ро ташкил медиҳад.
3. Истифодаи об барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ аз 330877 ҳазор метрии мукааб то 435290,8 ҳазор метрии мукааб, яъне 31,56% афзудааст.
4. Дар айни замон, гирифтани обҳои зеризаминӣ аз 8946,7 ҳазор метрии мукааб то 1777,4 ҳазор метрии мукааб кам шудааст ва ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки чоҳҳои обёрии кишоварзӣ фаъолият намекунанд ва ин омил боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзии ноҳия мегардад.

**Ҳолатҳои фавқулодда**

Дар ноҳияи Зафаробод минтақаҳои хавфноки экзогенӣ мавҷуд нест. Дар 3 соли охир 3 офати табиӣ расман ба қайд гирифта шудааст (2 ҳолати сел ва 1 ҳолати шамоли сахт). Онҳо ба хоҷагии халқи ноҳия ба маблағи 2,8 миллион сомонӣ зарар овардаанд, ки ин 13,8 фоизи буҷаи чаҳорсоларо ташкил додаанд.

Аз ҳудуди ноҳия сойи Қипчоқсой ва Уяссой мегузарад, ки аз нуқтаҳои аҳолинишин дуртар ҷойгир шудааст ва дар ҳолати омадани сел (асосан аз ҷониби ноҳияҳои Истаравшан ва Ғончӣ) ҷараёни онро ба ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон мегузаронад. Ҳолати омодагӣ ва коршоямии сойҳои мазкур қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия фаромадани ярч, омадани сел ва дигар офатҳои табиӣ ба қайд гирифта нашудааст. Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи ҲФ дар ноҳия, то соли 2014 аз буҷети маҳаллӣ ҷудо намудани маблағ барои пешгирии рафъи ҳолатҳои фавқуллода пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали №71. Таносуби зарари офатҳои табиӣ ва буҷаи маҳаллии солонаи ноҳияи Зафаробод*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 | Дар 3 сол |
|---|---|---|---|---|
| Буҷа | 6276162 | 6810400 | 7480471 | 20567033 |
| Зарар | 613904 | 2205000 | 14631 | 2833265 |
| % | 9,8 | 32,4 | 0,2 | 13,8 |

Соли 2011 оиди пешгирии ҲФ дар 5 ҷамоатҳои ноҳия бо иштироки 150 нафар, бо дастгирии ташкилоти байналхалқии GIZ семинари омӯзишӣ гузаронида шудааст.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҲФ**

- Захираҳои замини ноҳияи Зафаробод, дар ҳолати костагии бӯҳронӣ қарор доранд.
- Мавҷудияти заминҳои сатҳи обҳои зеризаминиашон аз 2,9 метр зиёд 1750 га ва заминҳои шӯр зиёда аз 7943 га-ро ташкил медиҳад. Ин аз он далолат мекунад, ки қоидаҳои соддатарини агрокимёвии коркарди захираҳои замин, риоя карда намешаванд.
- Бадшавии ҳолати заминҳо дар натиҷаи нагузаронидани корҳои тозакунии шабакаҳои заҳбуру заҳкаш ба вуҷуд меояд, хусусан шабакаҳои дохилихоҷаги умуман тоза ва барқарор карда намешаванд.
- Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи об дар ҳама мавридҳо ғайриоқилона ва ғайрисамаранок аст. Сарфи об барои зироатҳои асосӣ (пахта), аз тамоми меъёрҳо зиёд гаштааст.
- Таҳлил нишон медиҳад, ки истифодаи оби заҳбурҳо афзудааст. Масоҳати заминҳои шӯргашта аз 41384 ҳазор метрии мураббаъ дар соли 2002 то 80616 ҳазор метр мураббаъ дар соли 2005 афзудааст. Ин далели он аст, ки обёрӣ аз заминҳои поёноб афзудааст ва ба ин васила шуршавии дуюмбораи замин ба вуҷуд омадааст.
- Аз ин лиҳоз, таҳияи барномаи махсус оиди эҳё намудани захираҳои замини ноҳия зарур аст. Ин Барнома барои беҳтар намудани вазъи муҳити зисти ноҳия ва ба ин восита баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум имкон медиҳад.
- Барои беҳтар намудани ҳолати хеле бади заминҳои ноҳия чораҳои мушаххас ва фаврӣ андешидан зарур аст, вагарна на фақат ҳолатҳои бӯҳронӣ дар соҳаи экология ба вуҷуд моянд, балки ин омилҳо ба ҳолати ногувори иқтисодӣ оварда мерасонанд.
- Барои баланд бардоштани ҳосилнокии пахта риояи меъёрҳои обёрӣ, барқарор намудани шабакаҳои заҳбуру заҳкаш ва чоҳҳои амудии мелиоративӣ, инчунин беҳтар намудани назорати истифодаи об зарур аст.
- Норасогии техника (экскаватор, булдозер ва автокран) ва воситаҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҲФ.
- Нокифоягии маблағҳои ҷудошаванда.
- Сатҳи пасти маърифатнокии аҳолӣ оиди рафъи ҲФ.

**Дурнамои рушди соҳаи ҳифзи муҳити зист.** Мувофиқи Барномаи мазкур соҳаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия сол то сол беҳтар гардида, ҳаҷми умумии обгирӣ аз иншоотҳои табиӣ 22,3 фоиз ё 22,3 млн метри кубӣ ва ҳаҷми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда 24,5 фоиз ё 8,4 млн метри кубӣ меафзояд. Инчунин заминҳои шӯрзада нисбати соли 2010-ум 2896 гектар ё 31,7 фоиз кам мегардад.

*Ҷадвали №72. Нишондиҳандаҳои дурнамои соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҶФ*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот | Баҳодиҳӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 бо % нисба-ти 2010 |
| Ҳаҷми умумии худуди обгирӣ аз иншоотҳои табии (млн.куб.м) | 99884 | 110447 | 110447 | 118596 | 118596 | 122154 | 122,3 |
| Ҳаҷми гардиши об ва оби дубо-ра истифодабаранда – ҳамагӣ (млн. куб.м) | 34323 | 38493 | 38493 | 41493 | 41493 | 42738 | 124,5 |
| Амнияти зироатҳои кишоварзӣ аз касалӣ ва ҳашаротҳои зарар-кунанда –ҳамагӣ ( га) | 5300 | 6700 | 8100 | 8800 | 9500 | 9785 | 184,6 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| бо методи биологӣ | 160 | 2100 | 4500 | 5900 | 6500 | 6695 | 4184,4 |
| бо методи кимиёвӣ | 5140 | 4600 | 3600 | 2900 | 3000 | 3090 | 60,1 |
| Обтаъминкунӣ – ҳамагӣ (км) | 32 | 32,6 | | | | 0 | 0,0 |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| водопроводҳои магистралӣ (км) | 4,5 | 4,5 | 34 | 34 | 34 | 35 | 778,2 |
| Ҳолати заминҳои обёришаванда – ҳамагӣ (ҳазор га) | 33580 | 33353 | 33133 | 33111 | 33109 | 34102 | 101,6 |
| шӯрзада | 9148 | 8114 | 7060 | 6320 | 6070 | 6252 | 68,3 |

## 5.1. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқуллода

*Ҷадвали №73*

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳазор сомонӣ) | СОЛҲО 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳифзи муҳити зист** | | | | | | | | | | | |
| Зиёд ва беҳтар намудани захираҳои табиӣ (об, хаво, замин ва ҷангал) | 1. Зиёд намудани хатти ҷангали муҳофизатӣ | 1.1 Бунёд ва баркароркунии хати ҷангали мухофизӣ (250 гектар). | 2250 | 450 | 450 | 450 | 450 | 450 | МИМҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Буҷет, х/д, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | Афзоиши майдони заминҳои нави ҷангалзор то соли 2016 то 35%. Афзоиши майдони заминҳои кишоварзии аз эрозияҳои бодӣ ҳифз гардида то соли 2016 то 55%. Беҳтар гаштани нишондиҳандаҳои вазъи экологӣ ва санитарии ноҳия то соли 2016 то 30%. Кам гаштани теъдоди гирифторшавӣи аҳолӣ ба касалиҳои сироятӣ то соли 2016 то 55%. |
| | 2. Бунё два ташкил намудани партовгоҳҳо | 2.1 Ҷудо намудани замин ва сохтани партовгоххо ва заводхои коркарди партовхо (дар 5 ҷамоат) | 774 | | 193,5 | 193,5 | 193,5 | 193,5 | МИМҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Буҷет, сармояи дохилӣ ва хориҷӣ | |
| | | 2.2 Таъмин бо техникаҳо ва тачхизотхои партовкашони. (5-адад) | 675 | | | | 270 | 405 | МИМҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 3. Ба аҳолӣ дастрас гардонидани хизматрасониҳои рифоҳию коммуналӣ | 3.1 Барқарор намудани иншоотҳои партобтозакунӣ ва коррезии шаҳраки Зафаробод | 990 | | | | 450 | 540 | МИМҲД, бахши ҳифзи муҳити зист | Номуайян | |
| | | Ҷамъ дар бахши ҳифзи муҳити зист | 4689 | 450 | 643,5 | 643,5 | 1363,5 | 1588,5 | | | |
| **ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА** | | | | | | | | | | | |
| Пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода | 4.Иҷрои чорабиниҳо оид ба огоҳсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқуллода | 4.1. Баргузор намудани омӯзишҳо доир ба огоҳсозӣ ва пешгирии ҲФ | 40 | - | - | 20 | 20 | - | | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Ҷамъ дар бахши ҳолатҳои фавқуллода | 40 | - | - | 20 | 20 | - | | | |
| Ҳамагӣ дар соҳаи экология ва ҲФ, аз ҷумла | | | 4729 | 450 | 643,5 | 663,5 | 1383,5 | 1588,5 | | | |
| Буҷети маҳаллӣ | | | 3024 | 450 | 643,5 | 643,5 | 643,5 | 643,5 | | | |
| Буҷети вилоятӣ | | | - | - | - | - | - | - | | | |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | | | 675 | - | - | - | 270 | 405 | | | |
| Сармояи хориҷӣ | | | 40 | - | - | 20 | 20 | - | | | |
| Аҳолӣ ва соҳибкорон, маблагҳои худии муассисаҳо | | | - | - | - | - | - | - | | | |
| Норасогии маблаг | | | 990 | | | | 450 | 540 | | | |

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

## 6.1. Захираҳои дохилии ноҳия

***Структураи идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Мақомоти роҳбарикунандаи ноҳияи Зафаробод ин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия буда, мақоми олии ноҳия - Маҷлиси вакилони халқи ноҳия мебошад ва он аз 34 нафар (аз он ҷумла, 4 нафар занон) вакилон иборат аст. Маҷлиси вакилони халқи ноҳия соле на кам аз 4 маротиба даъват карда мешавад. Дар байни Маҷлиси вакилони халқ 6 комиссияҳои доимӣ ҳар кадоме иборат аз 5 нафар, ҷамъ иборат аз 30 нафар ва дастгоҳи Раиси ноҳия иборат аз 20 нафар фаъолият менамоянд. Комиссияҳои доимӣ дар ҳолати зарурӣ ҷаласаи худро гузаронида барои самаранокии кори мақомоти иҷроия мусоидат менамоянд. Айни ҳол дар ноҳия чунин комиссияҳо фаъолият менамоянд: Комиссия оид ба тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният, оид ба буҷет ва иқтисодиёт, оид ба масъалаҳои сиёсати кишоварзӣ, ҳифзи табиат, озуқаворӣ, меҳнат ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ, оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, зан ва оила, оид ба масоили сохтмон, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, ҳоҷагии коммуналӣ ва роҳ, оид ба кор бо ноболиғон.

Органи масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод МИҲД-и ноҳия, алалхусус шӯъбаи иқтисодиёт ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии ГК ва зергурӯҳҳои ташаббускор, баланд намудани иқтидори онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо ВРИС ва раёсати иқтисод ва савдои вилоят, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи М ва А, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст.

Мушкилоти асосии МИҲД вобаста ба татбиқи БРН ва пешниҳоди ҳизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, чунинанд:

- Сатҳи пасти музди меҳнат ва набудани ҳавасмандгардонии кормандон.
- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оиди истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.
- Потенсиали пасти шӯъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шубаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фандрейзинг ва навиштани лоиҳаҳо.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои сода намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо ва ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳои оморӣ.
- Ҳолати ғайриқаноатбахши биноҳои маъмурии МИҲД ноҳия ва ҷамоатҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.

## 6.2. Захираҳои берунӣ

Ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои барномаи мазкур, МИМҲД ноҳияи Зафаробод сармояи иловагии дохилӣ ва берунӣро ҷалб менамояд.

Дар тӯли солҳои охир дар ноҳия як қатор лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ маблағгузорӣ мегарданд, татбиқ гашта истодаанд, аз ҷумла лоиҳаҳои:

- «Тандурустии ҷамоавию асосӣ» ба маблағи 451 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ.
- «Таъмиру барқарорсозии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ - марҳилаи 2» ба маблағи 520 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Фонди Католикӣ ва ғайра.

## Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтар намудани иқтидори идоракунӣ

*Ҷадвали №74*

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо | Арзиш | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблаггузорӣ | Индикаторҳои рушд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баланд намудани сатҳи иқтидори заҳиравии ноҳия бо мақсади идоракунии рушди устувор | Беҳтар намудани шароити фаъолияти мутахассисони дастгоҳи маркази ноҳия ва ҷамоатҳо | Таъмин намудани дастрасии кормандони дастгоҳи МИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | | Шумораи ҷамоатҳои бо базаи ягонаи электронии маълумотҳои оморӣ таъмингардида (100% то соли 2016) Шумораи ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастгардида (100% то соли 2016) Фоизи кормандони МИҲД ва дастгоҳи идоракунии ҷамоатҳо бо теҳникаи компютерӣ ва таҷҳизотҳои лозимӣ (85% то соли 2016 ) Шумораи кормандони дар курсҳои омӯзишии компютерӣ омӯзонидашуда. |
| | | Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | 8 | - | 5 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | Харидорӣ намудани компютерҳо барои раёсат ва шӯъбаҳои МИҲД | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ҳар сол ба 2 мутахасиси ҷавони МИҲД пешниҳод намудани қитъаи замин | 40 | 10 | 20 | 10 | - | - | | |
| | | Таъмин намудани дастрасии кормандони ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (Харидорӣ намудани модем) | 20 | 5 | - | 5 | 5 | 5 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ташкил намудани курсҳои омӯзиши теҳникаи компютерӣ оиди истифодаи барномаҳои Windows, Word, Excel барои кормандони МИҲД | 35 | 10 | 10 | 10 | 5 | - | | |
| | | Таҳияи базаи ягонаи маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани қонун ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони МИҲД | 55 | 20 | 20 | 15 | - | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Баргузор намудани семинар оид ба масоили «Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ» дар асоси талаботи донорҳо ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ. | 10 | 5 | 5 | - | - | - | Буҷети маҳаллӣ | Шумораи ҷорабиниҳои аз ҳисоби сармояи ҳориҷии ҷалбшуда татбиқгардида Ҳаҷми маблагҳои сармоявии барои татбиқи барномаи рушди ноҳия ҷалбгашта |
| | | Ташкил намудан ва омӯзонидани «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблагҳои иловагӣ. | 15 | - | 5 | 5 | 5 | - | | |
| | | Таъмир ва таҷдиди биноҳои маъмурии МИҲД ва биноi маъмурии ҷамоатҳо | 450 | - | 50 | 150 | 150 | 100 | | |
| Ҳамагӣ: | | | 758 | 75 | 140 | 221 | 191 | 131 | | |

## 6.2. Таъминоти молиявии БРН

Барои ҳаллу фасли мушкилиҳои ҳаллашон афзалиятноки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии ҳалқи ноҳияи Зафаробод дар доираи БРН – дар ҳаҷми 86099,2 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

Таъмини иҷро ва татбиқи афзалиятҳо, вазифаҳо, нишондиҳандаҳо ва тадбирҳои дар барномаи мазкур дарҷ гардида, захираҳои муайянеро талаб менамоянд.

Манбаъҳои асосии маблағгузории Барнома қисман буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, сармояҳои ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони дохилӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои берунӣ ба ҳисоб меравaнд.

Манбаъҳои зикргардидаи маблағгузорӣ барои татбиқи Барнома тамоми захираҳои пешбинишударо сафарбар менамоянд. Мутобиқи дурнамо, иқтисодиёти ноҳия дар солҳои 2011-2015 инкишоф ёфта, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо ҳисоби солона на камтар аз 6-7 фоиз ва дар соли 2015-ӯм на камтар аз 9 фоиз афзоиш меёбад. Тамоми чорабиниҳои дар барномаи рушди ноҳия ба нақша гирифта шуда, ба дарёфти воситаҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Таҳлили буҷети маҳаллӣ муайян менамояд, ки дар оянда то кадом андоза буҷети маҳаллӣ қобилияти маблағгузории барномаи мазкурро дорад.

Қисми зиёди хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ҳисоби миёна бештар ба ду соҳаи иҷтимоӣ - маориф - 68,3 фоиз ва тандурустӣ - 17,4 фоиз равона шудааст. Хароҷотҳо барои соҳаи маориф ва тандурустӣ, қисмати аз ҳамаи калони буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд ва далели характери иҷтимоӣ доштани буҷет мебошад. Сохтори хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ бо гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2010-ум, асосан аз 68,3 фоиз барои пардохти музди меҳнат ва 17,2 фоиз барои суғуртаи давлатӣ иборат буда, барои дигар чорабиниҳо бошад, ҳамагӣ 14,5 фоизи маблағҳо равона гардиданд, ки он хело маблағи кам мебошад.

Барои рушди минбаъдаи ноҳия, пешгири ҳолатҳои фавқулодда ва дигар хароҷотҳо дар буҷети маҳаллӣ маблағҳо ба инобат гирифта нашуда бошанд ҳам, ҳалли ин масъалаҳо ва хароҷоти он, аз барзиёд иҷрошавии қисми даромади буҷети маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Эҳтимолияти таъмин намудани чорабиниҳои дар Барномаи мазкур банақшагирифташуда, танҳо аз ҳисоби барзиёдатии қисми даромади буҷети маҳаллӣ, фонди захиравии Раиси ноҳия, сармояи хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони маҳаллию аҳолӣ ва дарёфти дигар манбаъҳои маблағгузорӣ амалӣ шуданаш мумкин аст.

Тибқи Барномаи мазкур, кишоварзӣ барои ноҳия соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи маблағгузорӣ ба ин соҳа аз буҷети ноҳия сол аз сол коҳиш ёфта истодааст.

## 6.3. Таъминоти захиравии Барномаи рушди ноҳияи Зафаробод

Барои татбиқи амалии лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015 пешбинӣ шудааст, дар ҳаҷми 86099,2 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

*Ҷадвали №75. Арзиши умумии БР аз рӯи соҳаҳо сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои солҳои 2011-2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ дар солҳои 2011-2015, (ҳазор сомонӣ) | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| I. Бахши иқтисодӣ: | 42582 | 4200 | 4460 | 8030 | 11790 | 14102 |
| Саноат | 2640,0 | 2250,0 | 0,0 | 0,0 | 90,0 | 300,0 |
| Соҳибкории хурду миёна | 4700 | - | - | 1500 | 1700 | 1500 |
| Кишоварзӣ | 35242,0 | 1950,0 | 4460,0 | 6530,0 | 10000,0 | 12302,0 |
| П. Бахши инфрасохтор | 29609,5 | 854,2 | 4179,6 | 6426,2 | 9222,0 | 8927,5 |
| Обтаъминкунӣ | 16225,3 | 109,3 | 2512,2 | 3918,8 | 4119,0 | 5566,0 |
| Хизматрасонии рифоҳӣ ва | 6085,8 | 493,5 | 1055,8 | 1013,0 | 1483,5 | 2040,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| барқтаъминкунӣ | | | | | | |
| Нақлиёту алоқа | 7298,4 | 251,4 | 611,6 | 1494,4 | 3619,5 | 1321,5 |
| III. Бахши иҷтимоӣ | 8420,7 | 97,3 | 843,1 | 1482,3 | 3211,1 | 2787,0 |
| Тандурустӣ | 3156,4 | 11,3 | 105,2 | 614,3 | 1732,4 | 693,3 |
| Маориф | 3960,4 | 81,0 | 482,5 | 503,5 | 1151,7 | 1741,8 |
| Фарҳанг ва истироҳат | 1303,9 | 5,0 | 255,4 | 364,5 | 327,0 | 352,0 |
| IV. Бахши экологӣ | 4689,0 | 450,0 | 643,5 | 643,5 | 1363,5 | 1588,5 |
| Ҳолатҳои фавқуллода | 40 | - | - | 20 | 20 | - |
| Блоки идоракунӣ | 758 | 75 | 140 | 221 | 191 | 131 |
| Ҳамагӣ арзиши умумии БРН Зафаробод | 86099,2 | 5676,5 | 10266,2 | 16823 | 25797,6 | 27536 |
| Буҷети маҳаллӣ | 11057,1 | 694,8 | 1837,4 | 2021,9 | 3355,4 | 3142,8 |
| Буҷети вилоятӣ | 2612,5 | 250 | 500 | 554 | 558,5 | 750 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 6193,4 | 113,9 | 413,1 | 1232,9 | 3556 | 877,5 |
| Сармояи хориҷӣ | 4623,5 | 170,5 | 750,5 | 935 | 1168 | 1599,5 |
| Маблағҳои аҳолӣ, соҳибкорон, муассисаҳо ва х/д | 24054,6 | 3748,1 | 2977,3 | 4956,3 | 5854,8 | 6518,3 |
| Норасогии маблағ | 37558,1 | 699,2 | 3787,9 | 7122,9 | 11304,9 | 14647,9 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 48541,1 сомонӣ ё 56,37%-и арзиши умумии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди ноҳия дохилгардида, сарчашмаи маблағгузориашон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони маҳаллӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳияи Зафаробод муайян карда шудааст.

Аммо 37558,1 ҳазор сомонӣ ё 43,63% маблағи лоиҳаҳои афзалиятноки ба БРН воридгашта манбаи маблағгузориашон номуайян мебошад. Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафарободро зарур аст, ки ҷиҳати дарёфти маблағ барои татбиқи лоиҳаҳое, ки манбаи маблағгузориашон айни ҳол муайян нест тадбирҳои судманд андешада, бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намояд. Инчунин, барои самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузорие, ки барои татбиқи Барномаи рушди ноҳия пешбинӣ карда мешаванд, ҳаматарафа мусоидат ва чораҷӯӣ намояд.

***Мушкилотҳо дар бахши мобилизатсияи захираҳо.*** Қобили зикр аст, ки дар бобати таъмини маблағгузории лоиҳаҳо ва чорабиниҳое, ки манбаи маблағгузорӣ надоранд кормандони мақомоти маҳаллӣ, малакаи кофии таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионии мутобиқи шартҳои донорҳо ва ташкили раванди фондрейзингро надоранд. Ғайр аз ин, омилҳои мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзноки камфоиз, сатҳи пасти маълумотнокӣ оиди донорҳо ва афзалияту стратегияҳои фаъолияти онҳо, номутобиқатии фазои сармоягузорӣ, номутобиқатии сатҳи ҷамъоварии андозҳо, иқтисодиёти пинҳонӣ ва коррупсия, ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии раванди татбиқи «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015» низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни лоиҳаҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхташуда ва мушкилиҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гурӯҳи МваА бо Амри Раиси ноҳия таъсис дода мешавад ва он аз 7-9 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони МИҲД). Гурӯҳи МваА-ро муовини якуми Раиси ноҳия сарварӣ менамояд.

Бо Амри мазкур, масъули гузаронидани МваА-и «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015» сардори шӯъбаи иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия таъин карда мешавад ва тибқи он нусхаи ҳисоботи кварталии (семоҳа) ҳамаи лоиҳаҳои ба Барнома дохилшуда, барои ҳисобот пешниҳод мешаванд.

Комилан муҳим аст, ки давра ба давра, малака ва дониши аъзоёни гурӯҳи М ва А баланд бардошта шавад.

### 7.1. Сохтори низоми М ва А

Барои мониторинги Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015 мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба мақсадҳои Барнома то кадом андоза мувофиқ мешавем.
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои Барнома (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, (на ин ки натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

Мониторинги натиҷаҳои Барнома тариқи ченкунии индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи электронии маълумотҳои шӯъбаи иқтисод ва савдои ноҳия ва шӯъбаи омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо дар доираи Барнома тариқи параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома. Ин ҷо ҷадвали электронӣ дар формати Excel -таҳия мешавад, ки бояд ҳар семоҳа тасҳеҳ карда шавад – ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015 шомилбуда гуногун аст, он дар таҳияи системаи мониторинг ба назар гирифта шудааст. Дар ҳақиқат, лоиҳаи ба Барнома доҳилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Он метавонад тамоман таҳия нашудаву, ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаву, лекин бинобар набудани маблағ ё дигар сабабҳо оғоз нагардидаанд. Инчунин, лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва ҳаст лоиҳаҳое, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд. Шахси масъуле, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад (нигаред ба ҷадвали зерин).

Мониторинг иҷрои лоиҳаҳоро ба чор навъ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб», «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашуда истодааст».

Дар мавриди зарурӣ, дар охири ҳар сол арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо дарназардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбӣ аз ҷониби экспертҳои касбӣ ва мустақил, ки ҳолати аслии бахши мазкурро медонанд, гузаронида мешавад.

*Ҷадвали №76. Қоидаи пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Зафаробод барои солҳои 2011-2015*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз, в-сурх,<br>б-кабуд, г-хокистарранг. |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст.<br>2. Дар таҳия.<br>3. Таҳия шудааст.<br>4. Амалӣ шуда истодааст.<br>5. Амалӣ шудааст. | (а) Ба Барнома мувофиқ аст ё тамоюли назарнорас ба Барнома.<br>(б) Тамоюли назаррас ба Барнома.<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба Барнома.<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

# РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагири; |
| 6. | Сатторова Л. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Азизова С. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 8. | Норов А. | Н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 11. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 12. | Шарипов С. | мушовири маҳаллӣ; |

Ба чоп 28.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,75. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ КОНТРАСТ

Дар ЧДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26